# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА МУАЙЯН НАМУДАНИ АРЗИШИ АМВОЛИ МАНКУЛ

## БА ГАРАВ ГУЗОШТАШАВАНДА

Тавсияҳои методӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти нархгузорӣ таҳия шудааст.

2016

Бо қарори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 43 аз “23” феврали соли 2016 тасдиқ шудааст

# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА МУАЙЯН НАМУДАНИ АРЗИШИ АМВОЛИ МАНКУЛИ БА ГАРАВ ГУЗОШТАШАВАНДА

# Мундариҷа


Сарсухан ........ 4

Қисми I. Тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани арзиши дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ ........ 5

Соҳаҳои истифодабарии тавсияҳо ........ 5

1. Истилоҳот ва мафҳумҳои истифодашаванда ........ 5
2. Талаботи касбӣ ........ 9
3. Супориш оид ба нархгузорӣ ........ 9
4. Иҷоза ва шартҳои маҳдудкунанда ........ 11
5. Азназаргузаронии объект, мушаххасгардонии ҳуқуқӣ ва воқеъии он ........ 13
6. Таҳлили объекти нархгузорӣ ........ 16
7. Нархгузорӣ ба дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизот ........ 18

7.2. Нархгузорӣ бо корбурди тарзи муқоисавӣ ........ 22

8. Сохтор ва мундариҷаи бандҳои Ҳисобот оид ба нархгузории амволи манқул бо мақсади гарав ........ 28

Муқарраротӣ хотимавӣ ........ 35

Замимаи 1 ........ 36

Замимаи 2 ........ 37

ҚИСМИ II. ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ........ 38

Сарсухан ........ 38

1. Соҳаҳои истифодабарии тавсияҳо ........ 38
2. Истилоҳ ва мафҳумҳои корбурдшаванда ........ 39
3. Муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ ........ 43

3.4. Муайян намудани нархи нақлиёти автомобилӣ бо тарзи хароҷотӣ ........ 52

Замимаҳо ........ 56

Замимаи 1 ........ 57

Методикаи ҷудо кардани автомобилҳо аз рӯи гуруҳҳои фарсудашавӣ ........ 83

Замимаи 2 ........ 85

ГАШТИ МИЁНАИ СОЛОНА. ........ 86

НАРХГУЗОРИИ ШИНАҲО ........ 96

Ҳисоб кардани фарсудашавии шинаҳо бо мақсади муайян кардани арзиши онҳо ........ 96

Тамғазании шинаҳо ........ 96

КОЭФФИСИЕНТҲОИ МУВОФИҚГАРДОНИИ НАРХИ МОДЕЛҲОИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ИСТЕҲСОЛАШОН ҚАТЪШУДА БА НАРХИ МОДЕЛҲОИ ИСТЕҲСОЛШАВАНДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ........ 99

КОЭФФИСИЕНТҲОИ ПАСТШАВИИ АРЗИШИ МОЛ ........ 112

НАМУНАИ НАРХГУЗОРӢ БА АВТОМОБИЛИ САБУКРАВ ........ 117

1. Супориш ба наргузорӣ ........ 117
4. Расмиёт ва марҳилаҳои нархгузорӣ ........ 117
7. Мувофиқаи натиҷаҳо ........ 124

ҚИСМИ III. Хусусиятҳои нархгузории категорияҳои алоҳидаи амволи манқул (захираҳо, қарзҳои дебиторӣ, маснуоти заргарӣ, ..... 127
III.1. Нархгузорӣ ба арзиши захираҳо ..... 127
III.2. Нархгузории арзиши маҳсулоти тайёр ва молҳо барои бозфурӯшӣ ..... 130
III.3 Нархгузории арзиши қарздории дебиторӣ ..... 130
Гирдгардиши қарзи дебиторӣ (коэффисент)=пулӣ фурӯш/ бақияи миёнаи қарзи дебиторӣ ..... 133
III.4. Нархгузори арзиши маснуоти заргарӣ ..... 133
Ороишот барои даст ..... 134
Ороишот барои сар ..... 135
Ороишот барои гардан ..... 135
Ороишот барои либос ..... 135
3.4.11. Мушаххасоти (характеристикаи) асосии сангҳои заргарӣ ..... 137
3.4.18.11. Низоми маҳаки металлҳои қиматбаҳо ..... 143
Таносуби маҳаки металлҳои қиматбаҳо ..... 144
3.4.18.14. Усули муқоисаи фурӯш ҳангоми нархгузории сангҳои заргарӣ, металлҳои ..... 147
III.5. Нархгузории арзиши чорво барои парвариш ва бӯрдоқикунӣ ..... 149

# Сарсухан

М.1. Тавсияҳои методии мазкур оид ба муайян намудани арзиши мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқули ба гарав гузошташаванда (минбаъд – "Тавсияҳои методӣ") нукоти умумӣ, принсип ва методҳои (усулҳои) ташкил ва муайян намудани арзиши бозоргонии мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқулро бо мақсади қарздиҳӣ дар асоси ба гарав гирифтани навъҳои номбаршудаи амволи манқул муқаррар мекунад.

М.2. Мақсад аз таҳия намудани Тавсияҳои методӣ таъмин намудани ягонагӣ дар дарки истифодаи роҳ, усул ва методҳои муайян намудани арзиши бозоргонии мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқул бо мақсади гарав байни соҳиби амволи манқул (Мизоҷон – Супоришдиҳандагони нархгузорӣ), нархгузорон ва истифодабарандагони хизматрасонӣ оид ба нархгузорӣ (Бонкҳо ва муассисаҳои дигари қарздиҳӣ) мебошад.

М.3. Тавсияҳои методӣ хусусиятҳои умдаи нархгузориро ба дороиҳои амволӣ бо мақсади гарав оид ба нархгузорӣ ба амволи манқул (мошинҳо ва таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва анвои дигари дороиҳо, ки ба амволи ғайриманқул мансуб нестанд, ба истиснои пул ва коғазҳои қиматнок) инъикос мекунад.

М.4. Тавсияҳои методӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти нархгузорӣ таҳия шудааст.

М.5. Ҳангоми таҳия намудани Тавсияҳои методӣ муқаррароти асноди амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ, асноди меъёриву техникӣ ва дастурии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фаъолияти нархгузорӣ, ҳамчунин таҷрибаи амалии ватанӣ ва хориҷии нархгузорӣ ба мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқул бо мақсади гарав ба назар гирифта шудааст.

# Қисми I. Тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани арзиши дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ

## Соҳаҳои истифодабарии тавсияҳо

СИ.1. Тавсияҳои методии мазкур барои истифодабарии нархгузорон, экспертҳо (коршиносон) ва мутахассисони дигари манфиатдор дар ҳар ҳолатҳое, ки зарурати муайян кардани арзиши бозоргонии мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқул, ки аллакай ҳамчун замонати қарз қарор доранд ё барои додани қарз бояд ба гарав гирифта шаванд, пеш меоянд, пешбинӣ шудааст. Қарздиҳӣ метавонад дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла ҳамчун қарзи ипотека ё шаклҳои дигари уҳдадоргардонии доимӣ ё тағйирёбанда сурат гирад.

СИ.2. Тавсияҳои методӣ метавонад ҳам ҳангоми шартномаи дуҷониба (Нархгузор – Мизоҷ) ва ҳам ҳангоми шартномаи сеҷониба (Нархгузор – Бонк – Мизоҷ) мавриди истифода қарор гирад.

СИ.3. Тавсияҳои методӣ бахшҳои зеринро дар бар мегирад:

- методикаи муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ (минбаъд – нақлиёти автомобилӣ) бо назардошти ҳолати техникии он, фарсудашавӣ, мукаммалӣ, ҷой доштани нуқсонҳо ва ғ.;
- методикаи муайян кардани арзиши мошинҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва амволи дигари манқул бо назардошти ҳолати техникӣ, фарсудашавӣ ва кӯҳнашавии онҳо;
- дастурҳои гуногун, намунаи асноди истифодашаванда, маълумотномаҳо, ҷадвалҳо, номгӯи истилоҳоти зарурии техникӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва нархгузорӣ.

СИ.4. Истифодаи Тавсияҳои методии мазкур барои нархгузорон, экспертҳо, истифодабарандагони хизматрасонӣ оид ба нархгузорӣ асоси ягонаи методӣ, ҳамчунин эътимоднокӣ, дақиқӣ, далелнокӣ ва объективӣ будани натиҷаҳои бадастомадаро таъмин месозад.

СИ.5. Вобаста ба дараҷаҳои амволи манқул ва хусусиятҳои нархгузории онҳо Тавсияҳои методии мазкур аз се қисм иборат аст:

ҚисмиI. Тавсияҳои методӣ оид ба нархгузорӣ ба дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ бо мақсади ба гарав гузоштан;

Қисми II. Тавсияҳои методӣ оид ба нархгузорӣ ба воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бо мақсади ба гарав гузоштан;

Қисми III. Хусусиятҳои нархгузорӣ ба амволи манқуле, ки ба ду гурӯҳи аввал мансуб нестанд (қарздории дебиторӣ, захираҳо, арзишҳои молию моддӣ).

### 1. Истилоҳот ва мафҳумҳои истифодашаванда

*Мошинҳо* – дастгоҳҳои техникие, ки метавонанд аз ҷое ба ҷое гузошта шаванд ва қувва, мавод ё иттилоотро тағйир дода, кори муфидро иҷро кунанд. Воситаҳои нақлиёт низ ба гурӯҳи мошинҳо мансубанд.

*Таҷҳизот* – дастгоҳҳо, асбобҳо, олотҳо ё маҷмӯи онҳо, ҳамчунин маҷмӯи мошинҳо, ки барои иҷро кардани фаъолияти муайян зарур мебошанд. Ба таҷҳизот инчунин *асбобу анҷоми истеҳсолӣ ва хоҷагӣ* – ашёҳои таъйиноти техникӣ дошта, ки дар раванди истеҳсолот ё идоракунӣ иштирок мекунанд, ба монанди зарфҳои нигоҳдории масолеҳи моеъ (бочка, бак ва ғ.), зарф ва қуттиҳо барои нигоҳ доштани маводи резанда, донашумор ва зарфу донашумор, мебел, ашёи идораву хоҷагидорӣ, ҷиҳози варзишӣ низ мансуб мебошанд. Тибқи таҷрибаи байналхалқӣ *шабакаҳои муҳандисию коммуналии*

дохили биноҳо ва баъзе *таҷҳизоти дар дохили биноҳо ва иншоотҳо насбшуда* (масалан, таҷҳизоти лифт, ҳавокашӣ, гармидиҳӣ, муҳофизӣ) ҳамчун объектҳои мустақили нархгузорӣ маҳсуб намешаванд ва дар таркиби манфиати молумулкии бо бино ё иншоот алоқаманд нархгузорӣ карда мешаванд.

*Дастгоҳҳо* – маҷмуи мошинҳо, механизмҳо, асбобҳо, дастгоҳҳо, объектҳои муҳандисӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулоти мушаххас, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳои муайян пешбинӣ шудаанд. Ба ин мошинҳои чоҳкобӣ ва резакунанда ё парки зарфҳо мисол шуда метавонанд.

Дар Тавсияҳои мазкур барои номбар кардани ҳар гуна дастгоҳ, мошин ё таҷҳизоте, ки ҳамчун объекти нархгузорӣ дар назар мебошанд, истилоҳи “таҷҳизот” корбурд хоҳад шуд.

*Намудҳои мошин* – маҷмуи мошинҳое, ки таъйиноти якхела доранд. Масалан, автомобилҳои сабукрав, принтерҳо, лифтҳо. Баъзе намуди мошинҳо бояд дар мақомоти давлатӣ ба қайд гирифта шаванд. Истифодабарии баъзе намуди мошинҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ назорат карда мешавад. Мошинҳои як намуд метавонанд аз рӯи сохташон, коргоҳи истеҳсолашон, хусусиятҳои истифодабариашон фарқ кунанд.

*Тамгаи мошинҳо* – маҷмуи мошинҳои як намуд, ки дар ҳолати навиашон сифатҳои якхела доранд. Масалан, комбайни ДОН 1500, мошини мумфаршкунии BOMAG BW 213 D4. Мошинҳои тамғаашон якхела байни худ танҳо аз ҷиҳати ҳолати техникиашон фарқ мекунанд.

*Ҳолати навӣ* – ҳолати (техникии) мошине, ки барои фурӯш ба харидори аввалин, ки мошинро аз рӯи таъйиноташ истифода бурданӣ аст, тайёр карда шудааст.

*Маҳсулот* – мол, кор ё хизматрасонӣ, ки бо истифода аз мошинҳо истеҳсол мешавад. Одатан мошинҳоеро ба як намуд маҳсуб медоранд, ки маҳсулоти якхеларо истеҳсол мекунанд. Дар айни замон мошинҳои тамғаҳои гуногун бо он фарқ мекунанд, ки чи гуна, дар кадом ҳаҷм ва бо кадом хароҷот ин маҳсулотро истеҳсол мекунанд.

*Коркард* – миқдори маҳсулоте, ки мошин дар ин ё он фосилаи вақт истеҳсол мекунад. Одатан коркарди мошинҳои ҳар намуд як хел ҳисоб карда мешавад ва бо нишондиҳандаҳои дахлдори коркард бошад, меъёрҳои муайяни техникӣ (масалан, мунтазамии гузаронидани хизматрасонии техникӣ ва таъмир) алоқаманд карда мешавад.

*Омилҳои ташаккулдиҳандаи нарх* – омилҳое, ки ба арзиши объекти нархгузорӣ таъсир мерасонанд ва ҳангоми истифодаи методи муайяни нархгузорӣ ба назар гирифта мешаванд. Баъзе чунин омилҳо ҳангоми истифодаи модели математикии нархгузорӣ нақши аввалия доранд, омилҳои дигарро бошад, худи нархгузор ҳамчун асос барои дохил кардани тасҳеҳот ба натиҷаҳои корбурди модел истифода мебарад.

*Номуайянӣ* – номукаммалӣ ё нодақиқии маълумот дар бораи чизе. Одатан номуайянӣ нисбати ягон хусусияти воқеъии мошин (масалан, шароити кори он дар дасти соҳиби пештара), инчунин нисбати хароҷот, натиҷаҳо ва фоида аз истифодаи минбаъдаи мошин ҷой дошта метавонад.

*Боэътимодӣ* – мавҷуд будани маълумоти дақиқ дар бораи ягон воқеа ё рӯйдод.

*Модели математикии нархгузорӣ* – маҷмуъи алгоритмҳо ва формулаҳои ҳисобкунӣ, ки дар асоси маълумоти аввалия доир ба баъзе омилҳои ташаккулдиҳандаи нарх ба муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ имкон медиҳанд. Ба таври умумӣ модели математикӣ намуди умумии вобастагии арзиши объекти нархгузориро аз омилҳои ташаккулдиҳандаи нарх муайян мекунад ва метавонад баъзе бузургиҳои

*тасҳеҳкунандаи калибриро* дошта бошад (масалан, коэффитсиентҳо, нишондиҳандаҳои дараҷа ва ғ.), моҳияти баъзеи онҳо аз намуд ва тамғаи объекти нархгузорӣ вобаста аст.

*Арзиши барқароркунӣ* – арзиши бозоргонии объекти нархгузорӣ, ки дар гумони он, ки объект дар ҳолати навӣ аст, муайян карда шудааст.

*Арзиши лагв (утилизатсионӣ)*– арзиши бозоргонии объекти нархгузорӣ, ки дар гумони он, ки истифодаи минбаъдаи объекти нархгузорӣ аз рӯи таъйиноташ аз ҷиҳати техникӣ ғайриимкон аст, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ номумкин аст ё аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нест (яъне, мӯҳлати истифодаи самараноки объекти нархгузорӣ ба охир расидааст), муайян карда шудааст.

*Арзиши скрапӣ* – арзиши муштақи (такрорӣ) маводҳои асосӣ, ки мошин аз онҳо сохта шудааст.

*Синни таърихии* объекти нархгузорӣ – вақти тақвимӣ (одатан бо сол ё қисмати сол ифода мешавад) аз рӯзи ба истифода додани объекти нархгузорӣ то рӯзи нархгузорӣ.

*Синни самараноки* объекти нархгузорӣ – синни таърихии объекти шабеҳ (аналогӣ), ки дар шароити маъмулӣ истифода шуда, ҳолат ва арзиши бозоргонии он бо объекти нархгузоришаванда якхела аст. Аз синни таърихӣ бо он фарқ мекунад, ки то рӯзи муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ метавонист дар шароити ғайримаъмулӣ (ғайритипӣ) истифода шавад. Синни самаранок метавонад бо методҳои гуногун, вобаста аз он, ки дар ихтиёри нархгузор доир ба объекти нархгузорӣ ва шабеҳҳои он чи гуна маълумот мавҷуд аст, муайян карда шавад.

*Мӯҳлати истифодабарии самаранок* – мӯҳлати хизмати объекти нархгузорӣ дар гумони он ки дар ин мӯҳлат вай ҳарчи зиёд самаранок истифода мешавад ва пас аз ба охир расидани ин мӯҳлат ҳарчи зиёд самаранок утилизатсия карда мешавад.

*Мӯҳлати боқимондаи истифодаи самаранок* – мӯҳлати хизмати объекти нархгузонӣ пас аз санаи нархгузорӣ дар гумони он ки вай дар ин мӯҳлат ҳарчи зиёд самаранок истифода бурда хоҳад шуд ва пас аз ба охир расидани ин мӯҳлат ҳарчи зиёд самаранок утилизатсия карда хоҳад шуд.

*Иҷоза (допущение)-и махсус* – имконпазирие, ки дар он фактҳое ҷой дошта метавонанд, ки аз фактҳои воқеии дар рӯзи нархгузорӣ ҷойдошта фарқ мекунанд ё раводиде, ки ҳангоми муомила дар рӯзи нархгузорӣ аз тарафи иштирокчии маъмулии бозор карда нашудааст.

*Харидори махсус* – харидори мушаххасе, ки барои ӯ соҳибият ба объекти нархгузорӣ афзалияте медиҳад, ки барои харидорони дигар дар бозор дастнорас аст.

*Арзиши махсус* – маблағе, ки арзиши инвеститсионии он афзалиятҳоеро, ки ба харидори махсус имкони соҳибият ба объекти нархгузориро фароҳам месозанд ва ба харидорони дигар дар бозор дастнорасанд, инъикос мекунад.

*Арзиши синергетикӣ* – унсури иловагии арзиш, ки дар натиҷаи омезиши ду ё зиёда дороиҳо ё ҳуқуқҳои молӣ ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки арзиши чунин омезиш аз ҷамъи арзишҳои он дороиҳо ё ҳуқуқҳои молӣ зиёд аст.

*Амволи махсусгардонидашуда* – амволе, ки бинобар беназириаш аз сабаби характер ва сохти махсусгардонидашуда доштанаш, шаклаш, андозааш, маҳалли ҷойгиршавиаш ва хусусиятҳои дигараш аҳёнан дар бозор аз тамоми тиҷорат ё муассиса, ки қисми он мебошад, алоҳида фурӯхта мешавад. Таҷҳизоти коркарди нафт, неругоҳҳои барқ, таҷҳизоти болобардори базаҳои кӯҳии лижаронӣ мисоли ин шуда метавонанд.

*Амволи амалиётӣ* - дороие, ки барои фаъолияти асосии муассисаи мунтазам амалкунанда зарур ҳисоб меёбад.

*Аналог* – объекти таъйиноти якхела дошта, ки аз рӯи сифатҳои асосиаш монанд аст (хусусиятҳои монанд дошта). Ҳангоми муайян кардани монандии нақлиёти автомобилӣ се сатҳро ҷудо кардан мумкин аст: 1) монандии функсионалӣ (аз рӯи соҳаи истифодашавӣ, таъйинот); 2) монандии конструктивӣ (аз рӯи нақшаи конструктивӣ (сохт), ҳайат ва ҷобаҷогузории ҷузъҳо, тарроҳӣ ва эргономика); 3) монандии параметрӣ (аз рӯи бузургии параметрҳо). Одатан, ҳангоми монандии пурраи функсионалӣ, конструктивӣ ва параметрӣ дар бораи якхелагии объектҳо, ҳангоми монандии тахминӣ ё қисман монанд будан дар бораи аналогӣ (шабеҳ) будани оюъектҳо сухан меронанд.

*Санаи нархгузорӣ (санаи гузаронидани нархгузорӣ, санаи муайян кардани арзиш)* – санаи тақвимӣ, ки арзиши объекти нархгузорӣ вобаста ба ҳолати ҳамонрӯзааш муайян карда мешавад. Агар таибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани нархгузорӣ ҳатмӣ бошад, аз санаи нархгузорӣ то санаи тартиб додани ҳисобот оид ба нархгузорӣ набояд аз се моҳ зиёд гузарад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати дигарро пешбинӣ карда бошад.

*Тарзи даромадӣ* – маҷмуъи методҳои нархгузории объекти нархгузорӣ, ки дар заминаи муайян кардани фоидаи оянда аз истифодаи объекти нархгузорӣ асоснок шудаанд.

*Тарзи хароҷотӣ* – маҷмуъи методҳои нархгузории объекти нархгузорӣ, ки дар заминаи муайян кардани хароҷоти барои барқароркунӣ ё ивази объекти нархгузорӣ бо назардошти фарсудагӣ ё куҳнашавии он зарурбуда асоснок шудаанд. Хароҷот барои барқароркунии объекти нархгузорӣ хароҷотест, ки барои тайёр кардани нусхаи айнии объекти нархгузорӣ бо истифода аз мавод ва технологияе, ки ҳангоми сохтани объекти мазкур истифода шудаанд, зарур мебошад. Хароҷот барои ивази объекти нархгузорӣ хароҷотест, ки барои тайёр кардани объекти шабеҳ (аналогӣ) бо истифода аз мавод ва технологияе, ки ба рӯзи нархгузорӣ истифода шудаанд, зарур мебошад.

*Арзиши ҷамъбастии объекти нархгузорӣ* – арзиши бо роҳи муайянкунии арзиши объекти нархгузорӣ бо истифодаи тарзҳои нархгузорӣ ва натиҷаҳои аз тарафи нархгузор бо роҳи мувофиқгардонӣ (умумигардонӣ) дар доираи истифодабарии тарзҳои гуногуни нархгузорӣ ба даст омада.

*Методи нархгузорӣ* – пайдарҳамии амалиётҳое, ки дар асоси иттилооти барои методи мушаххас аҳамиятдошта ба муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ дар доираи яке аз тарзҳои нархгузорӣ имкон медиҳад.

*Тарзи нархгузорӣ* – маҷмуъи методҳои нархгузорӣ, ки онҳоро методологияи умумӣ муттаҳид сохтааст.

*Арзиши бозоргонӣ* – маблағи пули пардохт, ки ивази амвол бо он дар рӯзи нархгузорӣ байни харидори манфиатдор ва фурӯшандаи манфиатдор дар натиҷаи муомилаи тиҷоратӣ пас аз гузаронидани бозоррасии дахлдор, ки ҳангоми он ҳар як ҷониб хуб маълумотдор гашта, огоҳона, бидуни маҷбуркунӣ амал мекунад, имконпазир аст. Яъне:

- яке аз ҷонибҳои муомила маҷбур нест, ки объекти нархгузориро бегона созад, ҷониби дигар маҷбур нест, ки иҷроишро қабул кунад;
- ҷонибҳои муомила доир ба моҳияти муомила хуб огоҳ ҳастанд ва ба манфиати худ амал мекунанд;
- объекти нархгузорӣ ба воситаи пешниҳоди оммавӣ, ки барои объектҳои нархгузории шабеҳ маъмулӣ мебошанд, ба бозори кушод гузошта шудааст;
- нархи муомила ин пардохти маблағ барои объекти нархгузорӣ аз рӯи ақли солим бидуни маҷбуркунии ҷонибҳои муомила аз тарафи ҳар касе мебошад;

• пардохт барои объекти нархгузорӣ дар шакли пул ифода меёбад.

*Тарзи муқоисавӣ* – маҷмуъи методҳои муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ дар асоси муқоисаи объекти нархгузорӣ бо объектҳои шабеҳи объекти нархгузорӣ, ки доир ба нархи онҳо маълумот мавҷуд аст. Объекти шабеҳи объекти нархгузорӣ бо мақсади нархгузорӣ он объекте маҳсуб мешавад, ки аз рӯи хусусиятҳои асосии иқтисодӣ, моддӣ, техникӣ ва ғайра, ки арзиши онро муайян мекунанд, монанд бошад.

*Арзиши объекти нархгузорӣ* – маблағи пулие, ки аз тарафи ҷонибҳои муомилаи баргузоршуда ё пешбинишуда барои объекти нархгузорӣ талаб карда мешавад ё пардохт шудааст.

**2. Талаботи касбӣ**

2.1. Гузаронидани нархгузории дастгоҳҳо, таҷҳизот, мошинҳо, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқул аз Нархгузор доштани донишҳои махсус ва таҷрибаи касбиро талаб мекунад, ки барои аз тарафи вай ба таври салоҳиятнок иҷро кардани таснифот, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти барои нархгузорӣ зарурӣ, барои иҷозаҳои дақиқ, интихоб ва истифодаи тарз ва методҳои зарурии нархгузорӣ, инчунин барои мувофиқгардонии натиҷаҳои ба даст омада ва баровардани хулоса оид ба бузургии ҷамъбастии объекти нархгузорӣ имкон медиҳанд.

2.2. Барои муайян кардани он, ки Нархгузор нархгузориро бо салоҳияти зарурии касбӣ ва сатҳи кофии дақиқӣ иҷро карда метавонад, ӯ бояд ҳадди ақал ҷиҳатҳои зеринро таҳлил карда тавонад:

- объекти нархгузорӣ;
- мавҷуд будани замонат (гарав) ё мушкилоти дигар;
- иҷоза ва ҳолатҳои маҳдудкунанда, ки дар рафти нархгузорӣ онҳоро бояд дар назар дошт;
- мавҷуд будани дастурҳои методӣ оид ба нархгузорӣ ба навъи мушаххаси мошин ва таҷҳизот.

2.3. Принсипи воқеъбин будан (объективият) Нархгузорро уҳдадор мекунад, ки соҳиби андешаи худ бошад, ҷонибдори ягон тараф набошад, ба амволи нархгузоришаванда таваҷҷӯҳ зоҳир накунад ва аз вазифаи худ суиистеъмол накунад.

2.4. Агар Нархгузор ё шахси ҳуқуқие, ки нархгузор бо вай шартномаи меҳнатӣ мебандад, нишонаи вобастагӣ аз супоришдиҳандаи нархгузорӣ зоҳир кунад, тибқи КШ ҶТ ва қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти нархгузорӣ" қабули супориш оид ба нархгузорӣ имконнопазир аст.

2.5. Агар хизматрасонӣ оид ба нархгузорӣ ба супоришгари нархгузорӣ, ки барои ӯ Нархгузор ё шахси ҳуқуқие, ки Нархгузор бо вай шартномаи меҳнатӣ бастааст, хизмати аудиторӣ ё ягон хизматрасониии дигари машваратиро оид ба ҳисоботи молиявӣ иҷро мекунанд, амалӣ гардад, он гоҳ мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо эътироф мегардад. Дар сурати пайдо шудани бархӯрди манфиатҳо Нархгузор бояд аз нархгузорӣ даст кашад.

2.6. Нархгузор ҳуқуқ надорад, ки барои супоришгари нархгузорӣ вазифаҳои идоракуниро иҷро кунад ё қарорҳои идоракунӣ қабул кунад.

2.7. Муқаррар кардани шартҳои дақиқ бо супоришгари нархгузорӣ, инчунин баъзан бо истифодабарандаи нархгузорӣ имконияти аз тарафи архгузор ё супоришгар нодуруст шарҳ додани талабот ё аз якдигар умедвор буданро кам мекунад.

**3. Супориш оид ба нархгузорӣ**

3.1. Супориш оид ба нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот метавонад маълумоти зеринро дар бар гирад:

а) объекти нархгузорӣ;

б) ҳуқуқҳо ба объекти нархгузорӣ, ки ҳангоми муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ ба назар гирифта мешаванд;

в) ҳадафи нархгузорӣ;

г) истифодаи тахминии натиҷаҳои нархгузорӣ;

д) намуди арзиш;

е) санаи нархгузорӣ;

ж) ҳайати мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда бо нишон додани маълумоти кофӣ барои мушаххасгардонии (идентификатсияи) ҳар ҷузъ;

з) хусусиятҳои мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда ва қисмҳои таркибии онҳо, ки ба арзиши онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва дар сурати аз тарафи супоришгари нархгузорӣ пешниҳод нашудани асноди зарурӣ хусусиятҳои зикршударо нишон дода метавонанд;

и) ҳуқуқҳо ба мошин ва таҷҳизоти нархгузоришаванда, ҳамчунин маҳдудиятҳо ва ӯҳдадоркунии ин ҳуқуқҳо оид ба ҳар як қисми таркибӣ;

к) номгӯи асноде, ки супоришгари нархгузорӣ ё шахси дигари ваколатдор барои гузаронидани нархгузорӣ пешниҳод мекунад, ба истиснои он асноде, ки зарурати онҳо дар рафти нархгузорӣ пеш меояд;

л) хусусиятҳои азназаргузаронии объекти нархгузорӣ ё асосҳое, ки барои азназаргузаронии объект мамониат мекунанд, дар сурати мавҷуд будани онҳо;

м) тартиб ва мӯҳлати аз тарафи супоришгар пешниҳод шудани мавод ва маълумотҳои барои нархгузорӣ зарурӣ;

н) зарурати ҷалби коршиносони соҳавӣ (мутахассисоне, ки дар масъалаҳои ҳангоми нархгузорӣ таҳлилталаб салоҳияти зарурии касбӣ доранд). Агар дар марҳилаи тайёр кардани супориш оид ба нархгузорӣ ҳама ҷиҳатҳои шартнома зарурати ҷалби коршиносони соҳавӣ муайян гашта бошанд, ин шарт бояд ба супориш оид ба нархгузорӣ дохил карда шавад;

о) иҷозаҳое (допущения), ки нархгузорӣ дар асоси онҳо иҷро шуда метавонад.

3.2. Дар супориш оид ба нархгузорӣ метавонанд бузургиҳои муҳосиба, ки онҳоро Нархгузор ҳангоми нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот бояд илова бар арзиш муайян кунад, нишон дода шаванд. Ба ин бузургиҳо азҷумла:

- пешгӯии тағйирёбии арзиши объекти нархгузорӣ дар оянда;
- ҳаҷми хароҷоте, ки дар сурати иддаои амвол зарур аст;
- ҳаққи бозоргонии иҷора барои истифодаи объекти нархгузорӣ;
- хисорот ва фоидаи аздастрафта ҳангоми вогузории (отчуждение) иҷбории амвол мансуб мебошанд.

Зимни ин бузургиҳои муҳосиба ва хулосаҳо оид ба натиҷаҳои тадқиқоти иловагӣ ба ҳисобот дохил карда мешаванд, вале натиҷаи нархгузорӣ маҳсуб намешаванд.

3.3. Барои гузаронидани нархгузорӣ ба нархгузор бояд асноде дастрас гардад, ки хусусиятҳои шуморавӣ ва сифатии объекти нархгузориро муайян мекунанд. Номгӯи тақрибии асноди талабшаванда дар Замимаи 1 оварда шудааст.

3.4. Асноде, ки аз тарафи супоришгар ё ашхоси сеюм пешниҳод мешаванд, бояд аз тарафи шахси ба ин кор ваколатдор имзо ва бо тартиби муқарраршуда тасдиқ шуда бошанд (аз тарафи супоришгар, шахси ин санадро таҳиякарда ё аз тарафи нотариус). Дар ин ҳолат, дар сурати андешаи дигар надоштани Нархгузор, санад муътамад ҳисобида мешавад.

3.5. Нархгузор маълумоти ба даст омадаро аз ҷиҳати мукаммалӣ ва кофӣ будан барои муайян намудани арзиши объекти нархгузорӣ таҳлил мекунад. Ҳангоми зарурат Нархгузор бо мақсади ба даст овардани шарҳу эзоҳҳои иловагӣ оид ба ҳайати асноди пешниҳодшуда ва маълумоти дар он ҷойдошта дар бораи объекти нархгузорӣ талабномаҳои нав мефиристад.

3.6. Дар сурати набудани ҳуқуқҳои бо аснод тасдиқшудаи ашхоси сеюм, маҳдудиятҳо оид ба истифодабарии объекти нархгузорӣ, арзиши онро нархгузор дар асоси тахмини мавҷуд набудани муқаррароти зикршуда муайян мекунад, ба шарте, ки дар супориш чизи дигаре нишон дода шуда набошад.

**4. Иҷоза ва шартҳои маҳдудкунанда**

4.1. Иҷозаҳое, ки ҳангоми нархгузорӣ аз лиҳози дурнамои объекти нархгузорӣ корбурд мешаванд, бояд бо иттилоот ва тамоюлҳои бозор асоснок шуда бошанд. Истифодаи иттилооти пешгӯикунандаи супоришгар ё молики объекти нархгузорӣ бидуни санҷиш аз лиҳози амалишавии онҳо ва мувофиқаташон бо иттилооти аз супоришгар новобастаи бозор номумкин аст.

4.2. Ҳангоми таҳияи пешгӯиҳо дар асоси якчанд стсенария ё иттилооти таҳлилӣ худдорӣ кардан аз истифодаи пешгӯиҳои махсусан хушбинона (оптимистӣ), ки ба баландшавии арзиши объекти нархгузорӣ оварда мерасонад, мувофиқи мақсад аст.

4.3. Тамоми афзалиятҳое, ки соҳиби амвол нисбати объекти нархгузорӣ ва шартҳои соҳибӣ ва истифодаи объекти нархгузорӣ дорад ва аз шартҳои бозор фарқ мекунанд, ҳангоми нархгузорӣ бо мақсади гарав ба инобат гирифта нахоҳанд шуд, агар ҳангоми таҳвили (интиқоли) ҳуқуқи моликият ба объекти нархгузорӣ ба шахси дигар бешак нигоҳ дошта нашаванд.

4.4. Тамоми малолнокӣ ва ӯҳдадориҳо, ки доир ба онҳо иттилооти озод мавҷуд аст ё чунин маълумот аз тарафи ҷонибҳо ба Нархгузор пешниҳод шудааст ва онҳо ба арзиши объекти нархгузорӣ таъсир мерасонанд, ҳангоми нархгузорӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Талабот ҷиҳати ба инобат гирифтани таъсири ин омилҳо ба арзиши объекти нархгузорӣ бояд дар супориш оид ба нархгузорӣ нишон зикр гардад. Дар сурати муайян гаштани ӯҳдадориҳо то лаҳзаи ба имзо расидани шартнома нархгузор вазифадор аст, ки дар ин бора ҳамаи ҷонибҳои шартномаи басш8г ташавандаро, ки дар супориш оид ба нархгузорӣ зикр шудаанд, хабардор намояд. Ҳангоми маълум шудани ӯҳдадориҳо дар рафти нархгузорӣ нархгузор бояд далели мавҷуд будани ӯҳдадориҳоро дар ҳисобот зикр кунад ва дар сурати мавҷуд набудани шартҳои дигар дар супориш оид ба нархгузорӣ онҳоро дар ҳисобу китоби худ ба инобат гирад.

4.5. Гузаронидани нархгузорӣ ба объекти нархгузорӣ бо тахмини истифодаи на мувофиқи таъйиноти ҷории он бояд ҳатман бо ҷонибҳои шартнома мувофиқ гардонида шавад ва ба супориш оид ба нархгузорӣ дохил карда мешавад. Ҳангоми нархгузорӣ ба объекти нархгузорӣ бо тахмини тағйир ёфтани тарзи истифодаи ҷории он тамоми хароҷоти барои иҷрои истифодаи алтернативии объект зарурӣ бояд ҳатман ба ҳисоб гирифта шаванд.

4.6. Ҳангоми дар рафти нархгузорӣ бо мақсади гарав ба миён омадани зарурати гузаронидани тадқиқоте, ки донишҳои махсусро талаб мекунанд, ҷалби коршиносни соҳавӣ, ки чунин донишҳоро доранд, ҳатмӣ мебошад. Нархгузор ӯҳдадор аст, ки супоришгарро дар бораи бидуни ҷалби коршиносони соҳавӣ ғайриимкон будани нархгузорӣ хабардор намояд. Дар ин ҳолат зарурати ҷалби коршиносони соҳавӣ дар супориш оид ба нархгузорӣ зикр мегардад.

4.7. Дар сурати аз хизмати коршиносони соҳавӣ истифода бурдани Нархгузор ӯ бояд дар ҳисобот сатҳи ихтисоси коршиносон ва дараҷаи иштироки онҳоро дар раванди нархгузорӣ зикр кунад ва инчунин зарурати барои нархгузорӣ ҷалб намудани ҳар яки онҳоро асоснок намояд. Дар раванди муайян кардани сатҳи ихтисоси коршиносони соҳавӣ Нархгузор боят ба муқаррароти зерин аҳамият диҳад:

- маълумот, инчунин мавҷуд будани гувоҳнома ва иҷозатнома ё асноди дигар, ки салоҳияти касбии коршиноси ҷалбшавандаро тасдиқ мекунанд;
- обрӯи коршиноси соҳавии ҷалбшаванда;
- доштани донишҳои махсус, таҷриба ва собиқаи кории коршиноси соҳавӣ.

4.8. Нархгузое, ки аз хизмати коршиносони соҳавӣ истифода мебарад, барои хисороти ба супоришгари нархгузорӣ расида ва расонидани хисороти моддӣ аз тарафи ашхоси сеюм дар натиҷаи истифода шудани бузургиҳои ҷамъбастии арзиши бозоргонӣ ва ғайраи дар Ҳисобот зикршуда ӯҳдадории моддӣ хоҳад дошт, азҷумла агар сабаби хисорот истифодаи фикри коршиноси соҳавӣ бошад.

4.9. Дар сурате, ки агар шартномаи иҷораи таҷҳизот бо шартҳои бозоргонӣ, бо имконияти бекор кардани якҷонибаи шартнома бо талаби молики таҷҳизот бидуни ягон натиҷаи манфӣ баста шуда бошад, иҷораи мазкур ба малолнокӣ мансуб намешавад.

4.10. Ҳангоми бо мақсади гарав нархгузорӣ кардани амволи манқул тахмину заминаҳои зерин тавсия дода мешаванд:

1) нархгузории воҳидҳои алоҳидаи амволи манқул бо мақсади гарав дар асоси тахмини фурӯши алоҳидаи воҳиди зикршуда аз маҷмуъи амвол, ки воҳиди мазкур дар ҳайати он истифода мешавад, гузаронида мешавад, яъне бо шарти дар оянда ба ҷои дигар кӯчонидани он;

2) арзиши бозоргонии амвол дар заминаи шарти фурӯши он дар ҳудуди ҶТ муайян карда мешавад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки тибқи таҳлили аз тарафи нархгузор гузаронидашуда дар бораи ғайриимкон будани чунин фурӯш хулоса бароварда шудааст ё мувофиқи мақсад будани фурӯши он берун аз ҳудуди ҶТ асоснок карда шудааст;

3) арзиши амволи манқул дар доираи маҷмааи (комплекси) амвол бо шарти фурӯши тамоми маҷмааи амвол дар умум ё қисмҳои технологии аз ҷиҳати функсионалӣ ва иқтисодӣ автономӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар доираи таҳлили истифодаи махсусан самаранок ва аз рӯи натиҷаҳои нархгузории Нархгузор доир ба зарурати фурӯши кулли дороиҳо хулоса бароварда шудааст. Дар ин ҳолат амволи манқул аз объектҳои ғайриманқул алоҳида нархгузорӣ карда мешавад, яъне бо шарти ҷойивазкунии ояндаи он;

4) нархгузории қисмҳои алоҳидаи амволи манқули насбшудаи махсусияташон танг, ки таҷзия (аз ҷояшон кӯчонидан) ва фурӯшашон дар алоҳидагӣ аз объектҳои ғайриманқул бинобар хусусиятҳои конструктивии объект ё бозоргир набуданашон дар бозори сония (дубора) ғайриимкон мебошад, бо назардошти хароҷоти насбкунӣ ва бакорандозиву танзимдиҳии онҳо ва бидуни дарназардошти хароҷоти таҷзияи онҳо гузаронида мешавад. Дар ин сурат дар Ҳисоботи нархгузорӣ корбурди ин тарз бояд асоснок карда шавад ва оид ба ғайриимкон будани фурӯши амволи нархгузоришаванда дар алоҳидагӣ аз маҷмааи амвол хулосаи зарурӣ бароварда шавад.

4.11. Ҳангоми нархгузорӣ бо мақсади гарав ҳангоми иҷро нашудани муайянгардонӣ (идентификатсия) ё мавҷуд набудани бастаи пурраи асноди техникӣ ва

муқарраркунандаи ҳуқуқи моликият истифодаи иҷозаҳои маҳдудкунанда тавсия дода намешавад. Масалан:

- Нархгузор муоина ё муайянкунии амволи нархгузоришавандаро нагузаронидааст[1];
- Нархгузор асноди муқарраркунандаи ҳуқуқ ба моликиятро ба объекти нархгузорӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил накардааст;
- Нархгузор ӯҳдадоркуниҳои мавҷударо нисбати объекти нархгузорӣ таҳлил накардааст ва таъсири ин ӯҳдадоркуниҳоро ба арзиши ҷамъбастии амвол ба эътибор нагирифтааст.

Иҷозаҳои мазкур бояд бо бонк мувофиқа карда шаванд.

4.12. Талаботи махсус ҳангоми гарав. Ҳангоми муайян кардани арзиши лағв (ликвидационная стоимость) ҳамчун омили фурӯши иҷбории объекти нархгузорӣ ва муқаррар кардани муҳлати намоиш шартҳои ба русуми пешниҳоди иддао нисбати мояи гарав мутобиқи фурӯши объекти нархгузориро, ки қонунгузории дар рӯзи нархгузорӣ амалкунанда муқаррар намудааст ё дар шартнома пешбинӣ шудаанд, бояд аз назар гузаронида шаванд. Дар асоси маълумоти мавҷуда доир ба объекти нархгузорӣ омилҳои дигари фурӯши иҷборӣ ва иҷозаҳои тахминшуда ҷиҳати муҳлати намоиш дар бозори кушод интихоб шуда метавонанд. Чунин омилҳо ва иҷозаҳо бояд асоснок карда шаванд ва ҳатман дар ҳисоботи нархгузорӣ зикр шаванд.

4.13. Ҳангоми нархгузории объектҳое, ки бунёдашон тахмин шудааст ё дар раванди бунёдшавӣ қарор доранд, ҳангоми муайян кардани арзиши бозоргонии объект дар ҳолати рӯзи нархгузорӣ дар сурати набудани тахмини тағйир ёфтани истифодаи объект тибқи шартҳои шартнома, метавонад ба таври иловагӣ арзиши бозоргонӣ бо назардошти фарзияи тайёр будани объект дар санаи нархгузорӣ муайян карда шавад.

**5. Азназаргузаронии объект, мушаххасгардонии ҳуқуқӣ ва воқеъии он**

5.1. Тавсия дода мешавад, ки объектро бевосита Нархгузор ё ашхоси ваколатдор намудаи ӯ[2], ки онҳо низ дар таҳияи Ҳисоботи нархгузорӣ иштирок мекунанд, ҳамроҳ бо намояндагони Мизоҷ ва Бонк (ҳангоми шартномаи сеҷониба) аз назар гузаронанд.

5.2. Ҳангоми азназаргузаронии зоҳирӣ Нархгузор бояд:

- ба воқеъан вуҷуд доштани амвол боварӣ ҳосил кунад ва онро муайян созад (рақами коргоҳ ва санаи истеҳсоли аз тарафи соҳиби (истифодабарандаи) амвол пешниҳодшударо бо маълумоти дар барчасп (ярлык)-и таҷҳизот зикршуда муқоиса кунад, барои воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бошад, рақамҳои VIN-ро дар кузови автомобил бо иттилооти ПТС/ПСМ муқоиса кунад). Дар сурати ғайриимкон будани муайянкунии объекти нархгузорӣ инро дар Ҳисобот зикр кунад;

---

[1] Нархгузор бояд ақаллан муайянкунии таҷҳизоти нисбатан бузург ва гаронбаҳоро бо роҳи муқоисаи рақамҳои инвентаризатсионӣ ва коргоҳи истеҳсол амалӣ намояд; ин раводид ҳамчун раводиди маҳдудкунанда қабул шуда наметавонад, агар муоинаи объект бинобар ягон сабаби аз Нархгузор новобаста гузаронида нашуда бошад, масалан, агар объекти нархгузорӣ амволи манқулаи коргоҳи мудофиавӣ, таҷҳизоти кон ва амсоли он бошад. Дар ин сурат раводидҳои мазкур бояд пешакӣ бо ашхоси ваколатдори бонк мувофиқа карда шаванд

[2] Дар Ҳисоботи нархгузорӣ бояд маълумот дар бораи ҳамаи ташкилот ва мутахассисони барои гузаронидани нархгузорӣва таҳияи ҳисоботи нархгузорӣҷалбшуда зикр гардад ва сатҳи ихтисос ва дараҷаи иштироки онҳо дар нархгузории объекти нархгузорӣ нишон дода шавад.

- дар сурати ғайриимкон будани муайянкунии бешаки объекти нархгузорӣ инро дар Ҳисобот зикр кунад[3];
- объекти нархгузориро ба навори акс сабт кунад[4];
- муайян кунад, ки амволи нархгузоришаванда дар раванди истеҳсолот истифода мешавад, ё дар консерватсия, дар таъмир ва ғ. Қарор дорад; агар дар рафти муоина муайян гардад, ки объекти нархгузорӣ истифода намешавад, сабабҳое, ки бинобар онҳо объект истифода намешавад, нишон дода шаванд;
- шароити истифодашавии амволи нархгузоришаванда (дохили биноҳо гарм карда мешаванд ё на, фазо аз лиҳози кимиёвӣ зарарнок аст ва ғ.) ва мутобиқати шароити истифодаи амволро бо шароити тибқи асноди техникии амвол талабшаванда муайян кунад;
- муайян кунад, ки амволи нархгузоришаванда маҳфуз аст ё на, оё воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ мавҷуд аст ё на;
- муайян кунад, ки оё таҷҳизот дар сурати пайдо шудани зарурат таҷзия ва ба ҷои дигар кӯчонида шуда метавонад ё на.

5.3. Дар рафти азназаргузаронӣ Нархгузор бо ҳамроҳии мутахассисони ширкат, ки амволи нархгузоришавандаро барои муоина пешниҳод мекунанд, ҳолати умумии техники амволро муайян мекунад. Ҳангоми муайян кардани ҳолати умумии техникӣ метавонанд воситаҳои махсуси ташхис (агар чунин зарурат бошад ва ин кор ба қатори хизматрасонӣ оид ба нархгузорӣ шомил бошад), иттилооти асноди пешниҳодшуда, маълумоти аз ашхоси объектҳои муоинашавандаро истифодабаранда ва ба он хизматрасонанда бадастомада истифода шаванд.

5.4. Ҳангоми муайян кардани ҳолати умумии техникии амвол истифодаи дараҷаҳои зерин тавсия дода мешавад:

- аъло (нав ё қариб нав);
- хуб (таъмирталаб нест);
- қаноатбахш (таъмири хурдро талаб мекунад);
- ғайриқаноатбахш (таъмири асосӣ ё таҷдидро талаб мекунад);
- барои истифодаи минбаъда аз рӯи таъйиноти бевоситааш ношоям, лағвкунӣ (утилизатсия) тавсия дода мешавад.

5.5. Натиҷаҳои азназаргузаронии амволи манқулро дар шакли санади муоина, ки аз ҷониби ашхоси муоинаро гузаронида имзо мешавад, маълумотнома ва асноди дигар ба расмият даровардан лозим аст. Дар чунин санад бояд маълумоти асосии муайянкунанда инъикос ёбад, ба ҳолати техникӣ баҳои умумӣ дода шавад ва омилҳои асосие, ки дар рафти муоина муайян карда шуда минбаъд ҳангоми нархгузорӣ ба инобат гирифта мешаванд, нишон дода шаванд. Ҳангоми нархгузории оммавӣ (агар шумораи мавқеъҳои нархгузоришаванда аз 300 адад зиёд бошад) барои муоина ва муайянкунии танҳо таҷҳизоти технологии асосӣ ва гаронбаҳо, ки арзиши ҷамъбастиашон на камтар аз 70% арзиши тамоми амволи нархгузоришавандаро ташкил медиҳад, иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат санадҳои азназаргузаронӣ низ танҳо барои мавқеъҳои қиматбаҳотарини амволи манқул тартиб дода мешавад.

---

[3] Дар сурати нархгузорӣ кардани амволи бастабандишуда (дар қуттиҳо, яшикҳо, контейнерҳо ва ғ.) мувофиқаи иловагии масъалаҳои нархгузорӣ ва муайянкунии амвол бо Бонк зарур аст.

[4] Дар сурати ғайриимкон будани азназаргузаронии объекти нархгузорӣ, расмҳоро ё Супоришгари нархгузорӣ пешниҳод мекунад, ё дар Супориш оид ба нархгузорӣ имконияти гузаронидани нархгузорӣ бидуни азназаргузаронии объект пешакӣ зикр мегардад.

5.6. Дар ҳисоботи нархгузорӣ бояд расмҳои объектҳои нархгузорӣ мавҷуд бошад[5].

5.7. Нархгузор бояд асноди муайянкунандаи ҳуқуқ, инчунин асноди муайянкунандаи хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории объекти нархгузориро, ки дар ҳисобу китоби минбаъда истифода хоҳанд шуд, ҷамъоварӣ ва таҳлил кунад.

5.8. Ба асноди таҳлилшавандаи муайянкунандаи ҳуқуқ санадҳои зерин мансубанд:

- асноде, ки дар мувозинаи гаравдеҳ будани амволро тасдиқ мекунанд (агар молик шахси ҳуқуқӣ бошад): пайнавишт (выписка) аз ҳисобрасии воситаҳои асосӣ мувофиқи ҳисоби 01 (ё 07 ва 08) бо нишон додани рақами инвентарӣ, арзиши ибтидоӣ ва боқимонда, санаи истеҳсол ва ба мувозина гиривтани амвол, ҳамчунин санаи азнавнархгузории охирин;
- асноди тасдиқкунандаи он, ки амволро гаравдеҳ харидааст[6]: шартномаҳои хариду фурӯш, баргаҳои фурӯш (счет-фактура), санадҳои пардохт, эъломияҳои гумрукӣ бо қайди иҷрошавии расмияти гумрукӣ (ҳангоми воридшавии амволи нархгузоришаванда)[7];
- аснод оид ба ҳуқуқи моликиятдорӣ (агар амвол бақайдгирии ҳатмии давлатиро талаб кунад).

5.9. Ба Нархгузор тавсия дода мешавад, ки "таърихи" амволро то лаҳзаи дар ҳисобдории муҳосибии молики ҷорӣ қарор гирифтанаш таҳлил кунад: дороӣ дар ҳолати навӣ ё истифодашуда харида шуда буд, ба мувозинаи муассисаи ворисӣ қонунӣ бо арзиши боқимонда ё бо арзиши бозоргонии дар натиҷаи нархгузории нархгузори мустақил муайяншуда дода шудааст ва ғ.

5.10. Хусусиятҳои техникии амволи манқул дар асоси нусхаҳои саҳифаҳои дахлдори шиносномаҳои техникӣ, дастурҳо ё дар асоси маълумотномаи аз тарафи мутахассисони техникии молик муайян карда мешаванд[8].

5.11. Иттилоот оид ба ҳолати техникии амвол метавонад дар шакли маълумотномае тартиб дода шавад, ки аз тарафи мутахассисони техникии муассисаи истифодабаранда ё ташкилоти хизматрасон, ки бо таъмири амволи нархгузоришаванда машғул мебошад, имзо карда мешавад.

5.12. Ба Нархгузор тавсия дода мешавад, ки асноди тасдиқкунандаи иҷрошавии таъмири асосӣ, таҷдид, дигаргунсозӣ ва ғ.-ро (агар чунин корҳо иҷро шуда бошанд), ки натиҷаҳои ташхиси техники ҳолати амволи нархгузоришавандаро дар бар мегиранд, талаб ва таҳлил кунад.

---

[5] Шумораи расмҳои замимашуда бояд барои шакл гирифтани фикру мулоҳизаҳои объективона оид ба объекти нархгузоришаванда кофӣ бошад.Дар Ҳисобот расмҳои асосии зеринро нишон додан лозим аст: намуди умумии сех, силсилаи технологӣ, хатти истеҳсолие, ки таҷҳизоти нархгузоришаванда ба он мансуб аст, намуди умумии ҳар як воҳиди таҷҳизот (ҳангоми нархгузории оммавӣ расми таҷҳизоти нисбатан бузургҳаҷм ва гаронбаҳо), қисмҳо ва агрегатҳои алоҳида, агар онҳо ба маҷмуъи таҷҳизоти базавӣ ба таври илова насб шуда бошанд, нуқсонҳои ҷойдоштаи амвол, ки ба арзиши он таъсир мерасонанд ва дар раванди нархгузории оянда ба инобат гирифта хоҳанд шуд. Расмҳо бояд имзо шуда, дар онҳо рақми инвентарӣ нишон дода ,ҳангоми зарурат шарҳ дода шуда бошанд.

[6] Ҳангоми нархгузории оммавӣ мувофиқи мақсад будани таҳлили асноди мазкур бояд ба таври иловагӣ бо Бонк мувофиқа карда шавад.

[7] Талаби асноди мазкур танҳо нисбати он дороиҳое, ки камтар аз 5 сол инҷониб дар мувозинаи муассиса қарор доранд, мувофиқи мақсад аст.

[8] .Агар дар бораи хусусиятҳои техники объект дар асоси тамғаи (модели) муқарраршуда сухан ронда шавад, пас нусхаҳои шиносномаҳои техникӣ бо ихтиёри архгузор талаб карда мешаванд.

5.13. Агар амвол ба объекти хатарнокиаш зиёд (масалан, таҷҳизоти борбардор, таҷҳизоти энергетикӣ, зарфҳои фишори баланд ва ғ.) мансуб бошад, гузаронидани таҳлили асноди аз тарафи мақомоти назорати техникӣ бо иҷозати истифодаи он додашуда тавсия дода мешавад. Дар сурати набудани чунин иҷозатнома бояд барои муайян кардани коршоямӣ имконияти гузаронидани аттестатсия дар мақомоти дахлдори назорати техникӣ зикр гардад. Дар сурати ғайриимкон будани таҳлили ягон санад дар Ҳисоботи нархгузорӣ бояд қайди дахлдор карда шавад.

5.14. Дар сурати мавҷуд будани малолнокӣ Нархгузор бояд аз Мизоҷ доир ба мавҷуд будани малолнокӣ нисбати объекти нархгузорӣ маълумот талаб кунад. Ҳабси амвол, иҷора (азҷумла лизинг), гарав, истифодаи ройгон ва ғ. ҳамчун малолнокӣ ҳисоб меёбад[9].

5.15. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили иттилооти дар Ҳисоботи нархгузорӣ омада доир ба мавҷуд будан ё набудани малолнокиҳо ва зарурати ба инобат гирифтани онҳо дар нархгузорӣ қайди дахлдор карда мешавад. Дар шакли сеҷонибаи шартнома баҳисобгирии малолнокиҳо бо Бонк мувофиқат карда мешавад.

5.16. Дар Ҳисоботи нархгузорӣ Нархгузор номгӯи тамоми асноди истифодабурдаашро меорад. Ӯ инчунин доир ба кофӣ будани ҳаҷми иттилооти бадастовардааш хулоса мебарорад.

5.17. Санадҳо аз тарафи мутахассисон[10] ё роҳбарони ширкати амволи манқули зикршударо истифодабаранда тасдиқ карда мешаванд ва онҳо қисми ҷудонашаванда Ҳисобот мебошанд.

**6. Таҳлили объекти нархгузорӣ**

6.1. Таҳлили объекти нархгузорӣ ба Нархгузор дар интихоб ва корбурди тарз ва методҳои гуногуни нархгузорӣ кӯмак мерасонад. Хусусият ва ҳаҷми иттилооте, ки барои гузаронидани таҳлил зарур ва дастрас мебошад, ҳадди ақал аз омилҳои зерин вобаста аст:

сифатҳои объекти нархгузоришаванда;

истифодаи тахминии натиҷаҳои нархгузорӣ;

назаррасиҳо, ки бояд муайян гарданд;

иҷозаҳо ва шартҳои маҳдудкунанда;

мавҷуд будани Тавсияҳои методӣ оид ба нархгузории навъҳои мушаххаси мошинҳо ва таҷҳизот.

6.2. Дар раванди таҳлили объекти нархгузорӣ Нархгузор бояд ҳам иттилооти молиявӣ ва ҳам ғайримолиявиро (техникӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ) омӯзад. Намуд, моҳият ва имконияти дастрас намудани чунин иттилоот вобаста ба объекти нархгузорӣ тағйир меёбад. 6.3. Иттилооте, ки дар рафти нархгузорӣ истифода мешавад, бояд талаботро оид ба кофӣ ва боэътимод будан қонеъ гардонад. Нархгузор бояд боэътимодӣ ва кофӣ будани иттилооти истифодашавандаро бо васила ва методҳои ба ӯ дастрас таҳлил намояд.

6.4. Иттилооти ғайримолиявӣ. Тибқи супориш оид ба нархгузорӣ Нархгузор бояд иттилоотро дар ҳаҷми барои дарки дақиқи хусусиятҳои объекти нахгузорӣ кофибуда ҷамъоварӣ кунад. Барои ин азҷумла ҳолатҳои зерин омӯхта мешаванд:

санаи харидорӣ ва таърихи истифодашавии объекти нархгузорӣ;

[9] Дар сурате, ки агар шартномаи иҷораи таҷҳизот бо шартҳои бозоргонӣ, бо имконияти яктарафа бекор кардани он бо талаби молики амвол, бидуни ягон оқибати манфӣ барои молики амвол баста шуда бошад, пас иҷораи мазкур ба малолнокӣ мансуб намебошад

[10] Аз ҷониби шахси аз тарафи ширкат ваколатдоршуда, ки ҳуқуқи иҷро кардани чунин амалро дорад.

сохт ва принсипи амали объекти нархгузорӣ;

ҳайати объекти нархгузорӣ (агар вай хатти технологӣ бошад);

ҳуқуқҳои моликият ба қисмҳои асосии объекти нархгузорӣ ва малолнокиҳои ин ҳуқуқҳо;

хусусиятҳои техникӣ ва истифодабарӣ, фарсудагӣ ва кӯҳнашавии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда;

маҳдудиятҳои истифодабарии (масалан, экологӣ) мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда;

хусусиятҳои техникии объекти нархгузорӣ ва қисмҳои таркибии он;

маълумот дар бораи гузаронидани таъмирҳои асосӣ ва навсозиҳо; хусусиятҳои муҳити истифодабарӣ ва хизматрасонии техникӣ ба объект;

корҳои бо ёрии объекти нархгузорӣ иҷрошаванда, муттасилии истиводабарӣ, реҷаи кор;

ҳолат ва ҷараёни инкишофи сегментҳои бозори мошинҳо ва таҷҳизот, ки қисмҳои таркибии объект ба онҳо мансубанд, азҷумла ҳайати омилҳое, ки ба талабот ва пешниҳодот таъсир мерасонанд, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии ин омилҳо;

муҳити макроиқтисодӣ, азҷумла омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра, ки ба арзиши объекти нархгузорӣ таъсир мерасонанд.

6.5. Нархгузор бояд дар бораи объекти нархгузорӣ ҳаҷми кофии иттилоотро дошта бошад, то ки:

навъи мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришавандаро муайян кунад;

роҳи истифодаи самараноктарини мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришавандаро муайян кунад;

дараҷаи маҳсулотеро, ки объекти нархгузоришаванда ба он мансуб аст, муайян кунад;

сини таърихӣ ва муҳлати боқимондаи пешбинишудаи ҳаёти иқтисодии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришавандаро муайян кунад;

масъалаҳои дигари барои муайян кардани арзиши мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришавандаро, азҷумла шартномаҳои иҷора, шартномаҳои идоракунӣ аз рӯи боварӣ ва ӯҳдадориҳои дигари шартномавиро нисбати объекти нархгузорӣ баррасӣ кунад;

6.6. Иттилооти молиявӣ. Нархгузор бояд иттилооти дахлдори мавҷудаи молиявиро (муҳосибӣ, идоракунӣ) доир ба объекти нархгузоришаванда дастрас ва таҳлил кунад, азҷумла:

- иттилооти ретроспективиро, аз он ҷумла нишондиҳандаҳои асосии истифодаи тиҷоратии объектро (хароҷоти солонаи истифодабарӣ аз рӯи бахшҳои хароҷот, даромад аз истифодабарии объект аз рӯи сарчашмаҳои даромад);
- иттилооти пешбинишавандаро, масалан, нишондиҳандаҳои тахминии истифодабарии тиҷоратӣ, хароҷоти истифодабарӣ ва пардохтҳо барои ивази ҷузъҳои ҳаёташон кӯтоҳ;
- иттилоотро оид ба таъмири асосии ба нақша гирифташуда, навсозӣ ва таҷдид (бо хароҷоти мутаносиб), таъмир ё тағйирёбии вазифаҳои истифодабарии тиҷоратии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда;
- иттилоотро дар бораи мавҷуд будани шартҳои молиявии махсуси истифодабарии объект бо нишондиҳандаҳои маъмули бозоргонӣ, масалан, аз рӯи бузургии меъёрҳои (ставкаҳои) иҷора мувофиқи шартномаҳои бастаشудаи иҷора (иҷорадиҳии амволи иҷора).

6.7. Рӯйдодҳои пас аз санаи нархгузорӣ. Рӯйдодҳое, ки ба бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузорӣ таъсир мерасонанд, дар давраи пас аз санаи нархгузорӣ низ ҷой дошта метавонанд. Онҳо метавонанд ҳамчун тасдиқи далелҳои дар бандҳои алоҳидаи Ҳисобот нишон додашуда, инчунин бо мақсади огоҳ кардани истифодабарандагони Ҳисобот аз иштибоҳ хизмат кунанд. Чунин далеловарӣ бояд аниқ нишон диҳад, ки рӯйдодҳое, ки дар бораи онҳо сухан меравад, мутлақо барои маълумот нишон дода шудаанд ва ба муайянкунии арзиш таъсир намерасонанд.

**7. Нархгузорӣ ба дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизот**

Гузаронидани нархгузорӣ истифодаи тарзҳои хароҷотӣ, муқоисавӣ ва фоидавиро пешбинӣ мекунад, ки нархгузор бояд аз онҳо истифода барад ё аз истифодаи онҳо даст кашиданашро асоснок кунад. Нархгузор доир ба истифодаи ин ё он метод дар доираи ҳар яке аз тарзҳо мустақилона қарор қабул мекунад. Нархгузор методҳоро бояд бо назардошти махсусияти объекти нархгузорӣ, намуди муайян кардашавандаи арзиш ва истифодаи тахминии натиҷаҳои нархгузорӣ интихоб кунад.

***7.1. Нархгузорӣ бо истифода аз тарзи хароҷотӣ***

7.1.1. Тарзи хароҷотӣ дар нархгузории таҷҳизоти нав ки дар он ба сифати аналог объектҳои бозори аввалия истифода меёбанд, ё ҳангоми нархгузории таҷҳизоти махсусияташон танг, ки бозори такрории он ниҳоят маҳдуд аст, корбурд мешавад.

7.1.2. Дар доираи тарзи хароҷотӣ бояд ба ҷиҳатҳои зерин диққат дод:

а) Ҳангоми ҳисоб кардани хароҷоти барқароркунӣ/ивази доройӣ архгузор бояд аз индексатсияи арзиши тавозунӣ ҳамчун омили ба хатоҳои ҷиддӣ оваранда худдорӣ кунад. Методи мазкур барои нархгузории таҷҳизоти ёрирасон ва ғайрае, ки ба қарибӣ харида шудааст, қобили қабул аст (барои нархгузории оммавӣ ва нархгузорӣ дар доираи маҷмааи амвол).

б) Барои мавқеъҳои нисбатан гаронбаҳои таҷҳизоти технологӣ дастрас намудани аз фирмаҳои истеҳсолкунанда иттилооти ҷориро оид ба нарху наво дастрас кардан зарур аст. Хуб мешавад, агар ин иттилоот бо мактуб ё тариқи пешниҳодоти тиҷоратӣ оид ба таҳвили мол аз тарафи фирмаҳои истеҳсолкунанда ё дилерони расмӣ тасдиқ шуда бошад.

в) Хангоми ҳисобкунии таҷҳизоти дар ИҶШС ё Русия истеҳсолшуда бо методи индексатсия корбурди индекси нархҳои истеҳсолкунандагони намудҳои асосии махсулоти саноатӣ дар табақабандӣ аз рӯи Гуруҳҳои асосии мол, ки аз тарафи Хадамоти давлатии омори давлатӣ истифода мешавад, зарур аст. Ҳангоми нархгузории таҷҳизоти воридотии ба қарибӣ харидашуда корбурди индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатии кишвари истеҳсолкунанда дар табақабандӣ аз рӯи Гуруҳҳои асосии маҳсулот бо назардошти тағйирёбии курси асъори миллии Тоҷикистон – сомонӣ нисбат ба асъори кишвари истеҳсолкунанда дар давраи дахлдор зарур аст.

г) Ҳангоми корбурди методи индексатсияи арзиши тавозунӣ бояд ба назар гирифт, ки қисме аз таҷҳизот метавонист аз тавозуни шахси ҳуқуқии дигар бо арзиши боқимонда ё бозоргонӣ бо ҷалб намудани ташкилоти нархгузор дастрас шавад. Ғайр аз ин, бояд гузаронида шудани азнавнархгузориро ба инобат гирифт.

д) Ҳангоми корбурди методи индексатсияи арзиши тавозунии бояд ба инобат гирифт, ки арзиши тавозунӣ, ғайр аз хароҷоти дастраскунии таҷҳизот, метавонад хароҷоти насбкунӣ ва корҳои бакорандозиву танзимдиҳиро низ дар бар гирад. Дар ҳолате, ки агар ба воҳидҳои алоҳидаи амволи манқул бо шарти фурӯши онҳо алоҳида аз маҷмааи амвол нархгузорӣ шавад, ҳангоми корбурди методи индексатсия хароҷоти

насбкунӣ ва корҳои бакорандозиву танзимдиҳӣ дар ҳисобу китоб набояд ба назар гирифта шавад.

е) Ҳангоми ҳисоб кардани хароҷоти барқароркунӣ/ивазкунии таҷҳизот дар асоси шартномаҳо оид ба таҳвили мол ё пешниҳодоти тиҷоратӣ дар асноди ибтидоӣ ё ҷадвалҳои ҳисоб бояд ҳатман шартҳои таҳвили таҷҳизот тибқи Инкотермс-2000: EXW, EXW, CIP, DDU, DDP ва ғ. нишон дода шаванд. Ҳангоми зарурат нархҳои шартномавиро бо назардошти шартҳои таҳвил дақиқ намудан лозим аст.

ж) Ҳангоми ҳисоб кардани фарсудагии воқеъӣ, кӯҳнашавии функсионалӣ ва иқтисодӣ (беруна) Нархгузор бояд қоидаҳои зеринро риоя кунад:

- бузургии фарсудагии ҷисмонӣ наметавонад танҳо дар асоси иттилооти пешниҳоднамудаи мутахассисони техники Мизоҷ муайян карда шавад. Чунин иттилоот метавонад ё хусусияти маълумотномавӣ дошта бошад, ё танҳо ҳамчун яке аз методҳои ҳисобкунии фарсудагии ҷисмонӣ дар қатори дигар методҳо корбурд шавад. Истифодаи чунин иттилоот танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, алоҳида эзоҳ дода шудаанд, мумкин аст: агар таҷҳизот дарвоқеъ истифода нашуда бошад ва дар анбор маҳфуз шуда бошад, ё баръакс, дар шароити ғайримаъмулӣ, ки фарсудашавиро метезонад, истифода шуда бошад, ҳамчунин, агар таҷҳизот вайрон бошад;
- даст кашидан аз ҳисобкунии фарсудашавии функсионалӣ бояд асоснок карда шавад[11]. Ба таври назаррас истифода нашудани иқтидори минтақа ва сехҳои алоҳида метавонад нишонаи кӯҳнашавии функсионалӣ боша два бояд дар рафти нархгузорӣ ба инобат гирифта шавад. Дар натиҷаи кӯҳнашавӣ қатъ шудани истеҳсоли таҷҳизоти нархгузоришаванда ё дар ҳисобкунӣ истифода шудани арзиши ивазкунӣ (нархи аналоги нави функсионалӣ) низ метавонад нишонаи мавҷудияти фарсудагии функсионалӣ бошад.
- дар ҳисобкуниҳо ҷой надоштани фарсудагии зоҳирӣ бояд далел дошта бошад. Зимни ин, пурра истифода нашудани иқтидори истеҳсолӣ, ривоҷи манфии бозор дар вақтҳои охир, фоиданокии пасти истеҳсолот, сохта нашудани истеҳсолоти шабеҳи нав низ нишонаи ғайримустақими ҷой доштани фарсудагии зоҳирӣ буда метавонанд. Иттилооти мазкур бояд аз ҷониби архгузор таҳлил гардад ва дар Ҳисоботи нархгузорӣ ё дар шарҳи (обзор) бозор, ё худ дар таҳлил ва ҳисобкунии фарсудагии зоҳирӣ зикр шавад.

з) Ҳангоми нархгузории таҷҳизоти насбшуда ба шарти фурӯши алоҳидаи он аз маҷмааи амвол хароҷоти таҷзияи он (демонтаж) низ бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳадди поёнии арзиш дар ин ҳолат арзиши скрапии[12] амвол бо касри хароҷоти ба ҷузъҳо тақсимкунӣ, навъбандӣ, дастраскунӣ ва ғ. хоҳад буд. Ҳангоми муайян кардани фарсудагӣ тахфиферо, ки бо гузариши объект ба бозори дубора вобаста аст, бояд ба инобат гирифт. Ҳадди поёнии арзиши таҷҳизот арзиши бозоргонии қисмҳо, ҷабҳаҳо, қисмҳои таркибӣ маводҳои дуюмдараҷа, ки ҳангоми утилизатсияи он бо назардошти хароҷоти ба қисмҳо тақсимкунӣ, навъбандӣ, дастраскунӣ ва ғ. ба даст меояд, хоҳад буд. и) Ҳангоми нархгузории амволи манқул дар доираи маҷмааи амвол хароҷоти вобаста ба насб ва ба кор андохтани таҷҳизот зарурӣ ба инобат гирифта мешавад.

---

[11]Ҳангоми нархгузории таҷҳизот дар ҳайати маҷмааи амвол и мавҷудияти маблағгузории изофагии сармоя дар натиҷаи сохтори нодурусти сармояи асосӣ ё номавзунии иқтидори сех ва минтақаҳои алоҳида бояд таҳлил гардад.

[12]Арзиши скрапӣ – як ҳолати ҷузъии арзиши утилизатсионӣ мебошад, ки он чунин вазъиятеро дар назар дорад, ки тамоми қисмҳои объект барои коркард ҳамчун оҳанпора мераванд.

Дар сурати ғайриимкон будани иҷроиши муқаррароти зикршуда бок адом сабаб ғайриимкон будани иҷроиши онҳо нишон дода мешаванд.

7.1.3. Тарзи хароҷотӣ вақте корбурд мешавад, ки имконияти иваз кардани объекти нархгузорӣ бо объекти дигар, ки он гӯё нусхаи аниқи объекти нархгузорӣ бошад, ё хусусиятҳои муфиди шабеҳ дошта бошад, мавҷуд аст. Дар тарзи хароҷотӣ маблағи хароҷот барои сохтан ва фурӯши минбаъдаи объекти нархгузорӣ, яъне арзиши аслӣ ҳамчун иеъёри арзиш қабул карда мешавад. Агар ба объекти нархгузорӣ бинобар ҳолати воқеъӣ, кӯҳнашавии функсионалӣ ё иқтисодӣ камшавии арзиш хос бошад, ҳангоми корбурди тарзи хароҷотӣ фарсудагӣ ва тамоми намудҳои кӯҳнашавиро ба инобат гирифтан зарур аст.

7.1.4. Тарзи хароҷотӣ бо универсалӣ буданаш фарқ мекунад ва нисбати ҳамаи мошинҳо ва таҷҳизот қобили истифода аст. Истифодаи тарзи хароҷотиро барои Нархгузорон на ҳама вақт дастрас будани иттилооти иқтисодӣ ва ғайра аз соҳаи истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизот маҳдуд мекунад. Ҳамзамон барои нархгузории таҷҳизоти махсус ва махсусгардонидашуда, дастгоҳҳои таҷрибавӣ ва тадқиқотӣ, намунаҳои нодири мошинҳо бо супоришҳои индивидуалӣ таёр шудаанд, корбурди методҳои тарзи хароҷотӣ роҳи ягонаи имконпазир мебошад. Барои ин объектҳо ёфтани шабеҳҳои бевоситае, ки дар бозор гардиши озод доранд ё ба истеҳсоли онҳо мунтазам супориш дода мешаванд, ғайриимкон аст. Бинобар ин методи муқоисавӣ барои нархгузории онҳо қобили қабул нест.

7.1.5. Методҳои тарзи хароҷотӣ ба се гуруҳ ҷудо мешаванд:

1) методҳои индексатсия бо ёрии индексҳои нархи навъи хароҷотӣ;

2) методҳое, ки ба ҳисобкунии арзиши аслӣ такя мекунанд;

3) методҳои моделсозии вобастагиҳои омории навъи хароҷотӣ.

7.1.6. Методҳои индексатсия бо ёрии индексҳои нархи навъи хароҷотӣ бозшумории арзиши пурраи тавозунии муайяни объектро ё арзиши муайяни объекти шабеҳро дар ягон сана дар гузашта ба ҳолати санаи нархгузорӣ дар назар доранд. Ба тарзи хароҷотӣ мансуб донистани ин методҳо бо хусусиятҳои хароҷотнокии индекс- дефляторҳои истифодашаванда вобаста аст, ки онҳо на он қадар зери таъсири вазъият дар сегменти мушаххаси бозори мошинҳо ва таҷҳизот, чи қадаре, ки зери таъсири омилҳои хароҷотӣ, пеш аз ҳама зери таъсири нархи захираҳои барои истеҳсоли мошинҳо истифодашаванда: захираҳои моддӣ, энергетикӣ ва меҳнатӣ ташаккул меёбанд.

7.1.7. Методҳои дар ҳисобкунии арзиши аслӣ асоснокшуда методҳои ҳисобро бо нархи объекти ҳамҷинс ва нархи агрегатҳо (ҷузъҳо) дар бар мегиранд.

7.1.8. Методи ҳисоб бо нархи объекти ҳамҷинс (шабеҳи конструктивӣ) мазмуни онро дорад, ки барои объекти нархгузоришаванда шабеҳи конструктивии онро интихоб мекунанд, ки аз рӯи сохташ, маводҳои дар конструксия истифодашуда ва технологияи тайёркуниаш ба объекти нархгузоришаванда монанд аст ва бо таъйиноти мушаххасаш фарқ мекунад. Нархи объекти ҳамҷинсро аз нархҳои изофагӣ, фоида ва пардохтҳои андоз ‘тоза мекунанд’ ва дар натиҷа арзиши аслӣ муайян мегардад. Сипас ба арзиши аслии объекти ҳамҷинс ислоҳҳои тасҳеҳкунандаро медароранд, ки онҳо фарқиятҳои ҷузъии байни объектҳои муқоисашавандаро аз рӯи омилҳои истеҳсолӣ: таркиби маводҳо, вазни конструксия, мураккабии технологӣ, сисилавӣ будани барориш ба инобат мегиранд ва арзиши аслии пешбинишавандаи объекти нархгузорӣ муайян мегардад. Дар асоси арзиши аслии муайяншуда арзиши (нархи) объекти нархгузориро ҳисоб мекунанд.

7.1.9. Методи аз рӯи агрегатҳо (ҷузъ – ҷузъ) ҳисоб кардан барои объектҳое корбурд мешавад, ки қисми зиёдашон аз агрегатҳои стандартӣ, ки нархашон маълум аст, иборат мебошад. Низоми амал чуни наст: арзиши аслии тайёркунии объекти нархгузориро бо роҳи ҷамъ кардани арзиши (нархи) агрегатҳои ба обект шомилбуда ва илова кардани арзиши корҳои васлкунӣ ва хароҷоти роҳ ҳисоб мекунанд. Дар асоси арзиши аслии бадастомада арзиши (нархи) объекти нархгузориро ҳисоб мекунанд.

7.1.10. Методи моделсозии вобастагиҳои омории навъи хароҷотӣ ҳисобҳоро аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбии хароҷотӣ ва бо ёрии моделҳои коррелятивӣ – регрессивӣ дар бар мегирад.

7.1.11. Методи ҳисоби арзиш аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбии хароҷотӣ мавҷудияти алоқаҳои мустақими мутаносибро байни арзиш ва нишондиҳандаи хароҷот истифода мебарад. Ҳамаи нишондиҳандаҳо, ба монанди вазни конструксия, ҳаҷми андозавӣ, масоҳати ишғолнамудаи объект иқтидори ҷамъбастии муҳаррикҳои барқӣ ва ғ. ба нишондиҳандаҳои хароҷот дохил мешаванд. Арзиши объект бо роҳи зарб задании нишондиҳандаи нисбии хароҷот (масалан, арзиши 1 кг вазн) ба бузургии мутлақи ҳамин нишондиҳандаи объекти нархгузорӣ муайян карда мешавад.

7.1.12. Методи ҳисобкунӣ бо ёрии моделҳои коррелятсионӣ – регрессивии навъи хароҷотӣ қоидаҳои маълуми сохтани модели регрессияро, ки дар онҳо арзиш функсияи як ё якчанд нишондиҳандаи хароҷотӣ мебошад, истифода мебарад.

7.1.13. Бузургии фарсудагии ҷамъшудаи объект дар ҳоли умум ҳамчун афтидани арзиши пурраи бозоргонӣ дар натиҷаи фарсудагии воқеъӣ, кӯҳнашавии функсионалӣ ва иқтисодӣ муайян карда мешавад.

7.1.14. Барои муайян кардани дараҷаи фарсудагии ҷисмонӣ методҳои зерин корбурд мешаванд:

- синни таърихӣ;
- синни самаранок;
- синни миёнашумори қисмҳои мошин; моделҳои коррелятсионӣ – регрессивӣ;
- таҳлили давра (сикл)-ҳо;
- бадшавии параметри ташхисӣ;
- муайян кардани фарсудагии воқеъии ислоҳшаванда бо арзиши меъёрии таъмири асосӣ.

7.1.15. Дараҷаи кӯҳнашавии функсионалӣ бо методи муқоисаи объект бо шабеҳи мукаммалтари он, ки таносуби беҳтари “нарх - сифат”-ро дорад, ё бо методи аз сурати миёнаи солонаи кӯҳнашавии маънавӣ барои Гуруҳҳои (намудҳои) мошинҳо ва таҷҳизот бармеомада, бо назардошти синни таърихии объекти нархгузорӣ муайян карда мешавад.

7.1.16. Дараҷаи кӯҳнашавии иқтисодӣ дар заминаи зариб (коэффисиент)-и истифодаи иқтидори истеҳсолии объекти нархгузорӣ муайян карда мешавад. Зимни ин фарқи зариби истифода аз 1 (як) бояд бо сабабҳои зерин ба вуҷуд ояд:

- номувофиқатӣ байни иқтидорҳои истеҳсолии объекти нархгузорӣ (воҳиди таҷҳизот) ва маҷмааи мошинҳо дар умум, ки объекти нахгузории мазкур дар таркиби он амал мекунад;

- ғайриимкон будани ба дараҷаи пурра истифода бурдани объекти нархгузоришаванда ба сабаби маҳдудиятҳои объективии дастраскунии ашёи хом ва маводҳо, пурзӯршавии талабот оид ба ҳифзи муҳити зист ва омилҳои объективии дигар.

7.1.17. Фарсудашавии умумӣ – косташавии арзиши умумии объекти нархгузорӣ ба сабаби фарсуда ва кӯҳнашавии намудҳои гуногун, ки объекти нархгузорӣ дар лаҳзаи

нархгузорӣ дучор шудааст. Баҳисобгирии намудҳои гуногуни фарсудашавӣ ва кӯҳнашавӣ дар таркиби фарсудагии умумӣ аз тарзи истифодашавандаи нархгузорӣ вобаста аст. Фарсудашавии ҷисмонӣ бо истифода аз ҳамаи се тарзи нархгузорӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми корбурди тарзи муқоисавӣ агар объект бевосита бо шабеҳи мукаммалтар муқоиса шавад, кӯҳнашавии функсионалӣ ба таври мустақил ба назар гирифта намешавад. Ин кӯҳнашавӣ ба таври ғайримустақим ҳангоми лақиқсозиҳои параметрӣ дозил карда мешавад. Ҳангоми корбурди тарзи хароҷотӣ дар сурати ба чашм расидани кӯҳнашавии функсионалӣ вай алоҳида ҳисоб карда мешавад. Дар корбурди тарзи даромаднокӣ кӯҳнашавии функсионалӣ алоҳида ҳисоб карда намешавад. Кӯҳнашавии иқтисодӣ дар сурати ба чашм расидан дар корбурди тарзҳои муқоисавӣ ва хароҷотӣ ҳангоми нархгузорӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми корбурди тарзи даромаднокӣ кӯҳнашавии иқтисодӣ одатан ҳисоб карда намешавад.

**7.2. Нархгузорӣ бо корбурди тарзи муқоисавӣ**

7.2.1. Тарзи муқоисавӣ дар нархгузории таҷҳизоти қаблан истифодашуда ба шарти мавҷуд будани ривоҷи бозори такрорӣ зиёдтар корбурд мешавад.

7.2.2. Ҳангоми нархгузорӣ бо мақсади гарав тарзи муқоисавӣ афзалият дорад.

7.2.3. Ҳангоми нархгузорӣ бо тарзи муқоисавӣ нархҳои созишномаҳои хариду фурӯш, инчунин нархҳои пешниҳодии фурӯши объектҳои қабалан истифодашуда, ки ба объекти нархгузоришаванда ҳамҷинс ва шабеҳ мебошанд, ҳамчун пойгоҳ барои нархгузорӣ истифода мешаванд.

7.2.4. Дар Ҳисоботи нархгузорӣ бояд тавсифи муфассали объектҳои шабеҳ бо зикри пурраи хусусиятҳо ва ҳолати онҳо оварда шавад.

7.2.5. Объектҳои шабеҳ бояд шартҳои зеринро қонеъ гардонанд:

- хуб мешавад, агар модели[13] объекти шабеҳ ва объекти нархгузорӣ (агар бошад), коргоҳ ва кишвари истеҳволкунанда як бошад;
- нисбати мавқеъҳои нисьатан қиматбаҳои амволи манқул хуб мешавад, агар шумораи шабеҳҳои истифодашаванда на камтар аз се адад бошад[14];
- хуб мешавад, агар шабеҳ ва ва объект сини таърихии якхела дошта бошанд ва ҳолати техникии онҳо ба таври ҷиддӣ фарқ накунад. Дар ҳоли фарқи ҷиддӣ доштани ҳолати техникии объекти нархгузорӣ ва объекти шабеҳ дақиқгардониҳои дахлдор, ки ин фарқиятҳоро ба эътибор мегиранд, дароварда шаванд. Дар сурати ғайриимкон будани баҳисобгирии боэътимоди фарқи ҳолати техники байни объекти нархгузоришаванда ва шабеҳ дар Ҳисоботи нархгузорӣ натиҷаҳои ҳисобкунӣ бояд танҳо ба таври индикативӣ барои фаҳмиши адекватӣ будани натиҷаҳои бо корбурди методҳои дигар бадастомада оварда шаванд ё ба натиҷаи мазкур дараҷаи минималии аҳмиятнокӣ дода шавад;
- тавсия дода мешавад, ки ҳамчун шабеҳ объектҳои синнашон на “пиртар” ва на “ҷавонтар” аз синни объекти нархгузорӣ истифода шаванд;
- дар сурати зиёд будани шумораи пешниҳодоти фурӯши таҷҳизоти қаблан истифодашуда бояд қоидаеро риоя кард, ки тибқи он шабеҳҳои дар як сол

---

[13] Ҳангоми нархгузории воситаҳои нақлиёт модели объекти шабеҳ ва объекти нархгузорӣ, навъи воситаи нақлиёт ва хусусиятҳои асосии техники муқоисашавандаи онҳо бояд як хел бошад.

[14] Адади шабеҳҳо вобаста аз вазъи бозор, нотакрории таҷҳизот, инчунин шумораи мавқеъҳои нархгузоришаванда метавонад тағйир ёбад. Дар сурати беривоҷ будани бозри такрорӣ Нархгузор ҳақ дорад, ки адади шабеҳҳои дар нархгузорӣ истифодашавандаро кам кунад ва дар айни ҳол дар ҳисоботи нархгузорӣ дар ин бора далел ва иттилооти дастрасро оид ба нарх дар санаи нархгузорӣ нишон диҳад.

истеҳсолшуда аз ҳамдигар набояд зиёда аз 30% фарқ кунанд, ё бояд шарҳи сабабҳои чунин фарқият дар нарх дода шавад;
- хуб мешавад, агар фарқи байни арзишҳои дақиқгардонидашудаи шабеҳҳо аз 50% зиёд набошад.

Дар сурати ғайриимкон будани иҷрои муқаррароти номбаршуда бояд сабабҳои он нишон дода шаванд.

7.2.6. Аксаран, ҳангоми нархгузорӣ пасткунии нархи савдо истифода бурда мешавад. Барои муайян кардани он дараҷаи бозоргирии объектҳои ҳамчун шабеҳ истифодашаванда ва дараҷаи бозоргирии объекти нархгузориро таҳлил кардан зарур аст. Барои объектҳои дараҷаи бозоргириашон баланд, ки бозори такрориашон ривоҷ ёфтааст, пасткунии экспертии нарх дар савдо ба андозаи 5-10% имконпазир аст. Дар ҳолатҳои боқимонда ҳама гуна дақиқсозиҳо бояд асоснок ва аз тарафи бозор тасдиқ гарданд.

7.2.7. Шабеҳҳо ҳангоми нархгузории воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бояд шартҳои зеринро қонеъ гардонанд[15]:
- шабеҳ ва объекти нархгузорӣ бояд тамға ва модели якхела дошта бошанд;
- хуб мешавад, агар шабеҳ ва объекти нархгузорӣ ҳаҷм ва иқтидори муҳаррик, навъи КПП, навъи кузови якхела дошта бошанд ( дар сурати дар бозор нокифоя будани иттилоот оид ба нарх дақиқгардониҳои алоҳида аз рӯи навъи КПП, иқтидор, ҳаҷми муҳаррик ва навъи кузов мумкин аст);
- объектҳои шабеҳ бояд дар манотиқи ба объекти нархгузорӣ наздики сиёсати нархгузориашон монанд (воситаҳои нақлиёте, ки истеҳсолашон маҳдуд аст, истисно буда метавонанд) ҷойгир бошанд. Дар сурати дар минтақа набудани миқдори кофии шабеҳҳо ҷустуҷӯи шабеҳҳо дар манотиқи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст;
- шабеҳ ва объекти нархгузорӣ бояд синни таърихии тақрибан якхела, гашт ва коркардшавии (барои техникаи махсус) якхела дошта бошанд ва фарқияти ҳолати техникиашон назаррас набошад;
- хуб мешавад, ҳангоми ҳисобкуниҳо иттилоот оид ба нарх ё нархи харидуфурӯши ба қарибӣ баамаломада (барои автомобилҳои сабукрав на зиёдтар аз ду ҳафта, барои нақлиёти автомобили боркашон на зиёда аз се моҳ ва на зиёда аз ним сол барои техникаи махсус) истифода бурла шавад.

7.2.8. Дар Ҳисоботи нархгузорӣ бояд истиноди мустақими сарчашмаҳои иттилоот бо зикри телефонҳои тамос, ашхоси тамосгиранда оварда шаванд. Дар замима бояд нусхаи маводҳо (пешниҳодоти тиҷоратӣ, эълонҳо ва ғ.) ё варақаҳои чоп аз шабакаи Интернет оварда шаванд. Иттилоот бояд барои имконияти санҷиши малумотҳои аввалияи истифодашаванда кофӣ бошад.

7.2.9. Хангоми ҳисоббарориҳо тамоми тасҳеҳҳо бояд асоснок ва аниқ бошанд. Дар ҳисоббарориҳо ҷой доштани дақиқкуниҳои экспертӣ, ки ҳаҷмашонро бозор тасдиқ навекунад, номумкин аст.

7.2.10. Дар сурати даст кашидан аз корбурди тарзи муқоисавӣ ба сабаби он, ки объектҳои нархгузорӣ дар бозор пешниҳод нашудаанд, аз 12 моҳ камтар нишон додани муҳлати намоиши объект бо арзиши бозоргонӣ тасия дода намешавад, агар ҳангоми таҳлили бозоргирии объект ҳолати дигар исбот нашуда бошад.

[15] Барои нархгузории нақлиёти автомобилӣ муфассалтар ба бои II Дастурамали методии мазкур нигаред.

7.2.11. Тарзи муқоисавӣ бо нархҳои бозоргонии муомила (ё пешниҳодот) бо объектҳои шабеҳ, ки таъйиноти нархгузорӣ, сохт ва бузургии параметрҳои асосии монанд доранд, асоснок шудааст.

Тарзи муқоисавӣ вақте корбурд мешавад, ки иттилооти боэътимод ва барои таҳлил дастрас оид ба нарх ва хусусиятҳои объектҳои шабеҳ мавҷуд бошад.

7.2.12. Ҳангоми нархгузории дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизот бо истифода аз тарзи муқоисавӣ Нархгузор амалҳоро бо тартиби зерин иҷро мекунад:

- муайян кардани бузургӣ ва унсурҳои мувофиқи муқоиса;
- муайян кардани мундариҷа ва тартиби даровардани тасҳеҳҳои тиҷоратӣ;
- муайян кардани нархи бузургии параметрҳое, ки нисбати онҳо тасҳеҳҳо амалӣ мешаванд;
- ба нақша гирифтани тартиби даровардани тасҳеҳҳои фарқи параметрҳои объекти нархгузорӣ ва шабеҳҳо.

7.2.13. Зимни ин меъёр барои интихоби объектҳои муқоиса мансубияти онҳо ба як табақаи маҳсулот (ягонагии рамзи ОКОФ ё рамз мувофиқи таснифгари соҳавӣ).

7.2.14. Ба унсурҳои муқоиса хусусиятҳои (параметрҳои) объектҳо, ва омилҳои нархофаранда, ки сатҳи нархҳо аз онҳо вобаста аст (тағйирёбии нархҳо, шартҳои фурӯш, муҳлати кафолат ва ғ.), мансуб мебошанд.

7.2.15. Ба унсурҳое, ки бояд ҳатман ба ҳисоб гирифта шаванд, инҳоро мансуб медонанд:

- шартҳои маблағгузорӣ ба муомилаи хариду фурӯши амалишуда (ё дар тахмин буда);
- шартҳои фурӯш (пешниҳодҳо);
- вақти фурӯш (пешниҳодҳо);
- ҷои қароргирии объект;
- хусусиятҳои техникии объект;
- хусусиятҳои иқтисодии объект;
- хусусияти истифодабарии объект;
- арзиши корҳои ҳамрадиф (насбкунӣ-таҷзия, омодасозӣ ба фурӯш, таҳвил кардан ба макони истифодабарӣ).

7.2.16. Методҳои маъмултарини нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот дар доираи тарзи муқоисавӣ инҳоянд:

- методи муқоисаи бевосита бо объекти шабеҳ;
- методи тасҳеҳҳои сифатии самтнок;
- методи ҳисоббарорӣ аз рӯи моделҳои коррелятсионӣ – регрессивии навъи муфиднокӣ.

7.2.17. Методи муқоиса бо объекти шабеҳ ду ҳолатро дар бар мегирад:

- муқоиса бо шабеҳи наздик, ки аз объекти нархгузорӣ фарқи параметрӣ надорад;
- муқоиса бо шабеҳе, ки аз объекти нархгузорӣ фарқи параметрӣ ва фарқҳои хурди конструктивӣ дорад.

7.2.18. Ҳангоми муқоиса бо шабеҳи наздик ба нархи шабеҳ танҳо тасҳеҳҳои тиҷоратиро, ки ба се Гурӯҳ тақсим мешаванд, дохил мекунанд:

- тасҳеҳҳо аз рӯи омили вақт (индексатсия);
- тасҳеҳҳое, ки шароити ғайримаъмули фурӯшро бартараф мекунанд;
- тасҳеҳҳо вобаста ба ААИ.

7.2.19. Тасҳеҳҳои тиҷоратӣ аксаран ба воситаи зарибҳои (коэффициент) дахлдор (индекс-дефляторҳо ва ғ.) дароварда мешаванд. Тартиби даровардани онҳо ба натиҷа таъсири амалӣ надорад.

7.2.20. Ҳангоми муқоиса бо шабеҳе, ки фарқи параметрӣ ва ғайра дорад, ба нархи шабеҳ ғайр аз тасҳеҳҳои тиҷоратӣ тасҳеҳҳои параметрииро барои фарқият медароранд.

7.2.21. Тасҳеҳҳои параметрӣ аз рӯи усули даровարданашон ба коэффисиентӣ ва ислоҳкунанда ҷудо мешаванд. Тасҳеҳҳои коэффисиентӣ маъмултаранд ва барои баҳисобгирии фарқиятҳо аз рӯи параметрҳои асосӣ, ки тағйирёбии онҳо бисёр параметрҳои дигарро низ тағйир медиҳад. Тахмин меравад, ки алоқаи байни параметри мазкур ва нарх хусусияти хаттӣ (линейный) доранд. Тасҳеҳҳои ислоҳкунанда одатан барои параметрҳои андозавӣ, ки тағйирёбии онҳо ба тағйирёбии назарраси параметрҳои дигар оварда намерасонад. Тасҳеҳи ислоҳкунанда инчунин барои баҳисобгирии мавҷуд будан ё набудани ҷузъҳои иловагии объекти нархгузорӣ ва шабеҳ корбурд мешавад.

7.2.22. Ҳангоми корбурди методи муқоисаи мустақим тасҳеҳҳоро бо чунин тартиб медароранд:

- дар аввал бо мақсади бо шартҳои нархгузорӣ мувофиқ гардонидани нархи шабеҳ тасҳеҳҳои тиҷоратиро медароранд;
- агар шабеҳ ҷузъҳои иловагие дошта бошад, ки онҳоро объекти нархгузоришаванда надорад, тасҳеҳ бо касри арзиши ин ҷузъҳои иловагӣ дароварда мешавад;
- агар шабеҳ ва объекти нархгузорӣ аз рӯи параметрҳои ба нарх таъсиркунанда фарқ кунанд, пас дар аввал барои ҳар параметр намуди тасҳеҳро интихоб мекунанд. Агар корбурди ҳам тасҳеҳи коэффисиентӣ ва ҳам ислоҳкунанда дар назар дошта шуда бошад, тибқи андешаҳои зерин тартиби дохил кардани онҳоро муайян мекунанд. Азбаски тасҳеҳҳои коэффисиентӣ бо параметрҳои асосӣ (маҳсулнокӣ, иқтидор, дақиқии амалиёт ва ғ.) ва тасҳеҳҳои ислоҳкунанда бо андозаҳои хаттӣ вобастаанд, тасҳеҳҳои ислоҳкунандаи пас аз коэффисиенти дохил кардашаванда бояд бо бузургиҳои параметрҳои қаблан ба назар гирифташуда мувофиқ гардонида шаванд;
- агар объекти нархгузорӣ ҷузъҳои иловагие дошта бошад, ки шабеҳ онҳоро надорад, пас тасҳеҳ бо ҷамъ кардани арзиши ин ҷузъҳои иловагӣ, ки дар санаи нархгузорӣ оварда шудаанд, дароварда мешавад.

7.2.23. Методи тасҳеҳҳои сифатии самтнок дар ҳоле корбурд мешаванд ки ҳангоми нархгузорӣ ба фарқи параметрҳо ё хусусиятҳо тасҳеҳҳои зиёд дохил карда шаванд ва "нархи" параметрҳо ва коэффисиентҳои боздорандаро бинобар нокифоя будани иттилоот муайян кардан душвор бошад. Зимни ин танҳо ба арзиш (нарх) равона будани таъсири тасҳеҳбо ҷудокунии тамоми тасҳеҳҳо ба ду намуд: баландкунанда ва пасткунандаи арзиш (нарх) муайян карда мешавад. Методи мазкур имконият медиҳад, ки инчунин тасҳеҳҳои бо фарқи объектҳои аз рӯи хусусиятҳои сифатӣ, ки миқдоран баён намешаванд ва аз рӯи мавҷуд будани ҷузъҳои иловагӣ муқоисашаванда алоқаманд ба инобат гирифта шаванд.

7.2.24. Метод вақте метавонад корбурд шавад, ки барои объекти нархгузоришаванда интихоби ҳадди ақал ду шабеҳ имкон дошта бошад. Зимнан, объект аз рӯи параметр ва хусусиятҳои худ, ва биноан, аз рӯи арзиш низ байни ду шабеҳ мавқеъи мобайниро ишғол мекунад.

7.2.25. Методи ҳисобкунӣ аз рӯи модели коррелятсионӣ – регрессивии навъи муфиднокӣ созмони методи регрессиониро, ки вобастагии арзишро (нархро) аз як ё якчанд параметрҳое нишон медиҳад, ки омилҳои фоиданокии таъйинот: сифат, маҳсулнокӣ, хусусиятҳои конструктивӣ ва ҷой доштани мукаммалшавии объектҳои як табақаро ифода мекунанд, дар назар дорад. Бо назардошти хусусиятҳои объекти нархгузорӣметавонанд методҳои регрессионӣ: якомила ва серомила, хаттӣ ва ғайрихаттӣ корбурд шаванд.

***7.3. Нархгузорӣ бо истифода аз тарзи даромадӣ***

7.3.1. Корбурди тарзи даромадӣ дар нархгузории воҳидҳои алоҳидаи таҷҳизот бо мақсади гарав тавсия дода намешавад ва метавонад танҳо хусусияти “маълумотӣ” дошта бошад

7.3.2. Амволе истисно буда метавонад, ки бозори иҷорааш хеле ривоҷ ёфта бошад, иттилоот оид ба нарх дар бозори аввалия ва такрорӣ аз рӯи бузургии дороиҳо хеле гуногун ё набошад. Дар ин ҳолат истифодаи тарзи даромаднокӣ қобили қабул аст.

7.3.3. Ҳисобкунии ҷараёни даромад ва хароҷот бояд асоснок ва онро бозор тасдиқ карда бошад.

7.3.4. Тарзи даромадӣ вақте корбурд мешавад, ки иттилооти боэътимоде мавҷуд аст, ки ба пешгӯӣ кардани даромадҳои оянда, ки объекти нархгузорӣ ба овардани онҳо қодир аства инчунин ба пешгӯӣ кардани хароҷоти бо объекти наргузорӣ алоқаманд имкон медиҳад.

7.3.5. Ҳангоми корбурди тарзи даромадӣ арзиши объекти нархгузорӣ дар асоси даромадҳои дар оянда пебинишуда, ки объекти нархгузорӣ дар раванди истифодабариаш оварда метавонад, муайян карда мешавад.

7.3.6. Ҳангоми нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот Нархгузор амалҳои зеринро иҷро мекунад:

- пешгӯии даромадҳои софи амалиётӣ (ДСА) аз маҷмааи амвол;
- муайян карлани қисми ДСА-и ба маҷмааи амвол мансубшаванда пас аз касри қисми ДСА-и ба амволи ғайриманқул мансубшаванда аз ДСА-и умумии муассиса (тиҷорат);
- интихоби методи нархгузорӣ;
- табдили ДСА аз маҷмааи амвол ба арзиши ҷории маҷмааи амвол бо ёрии методи интихобшуда;
- аз арзиши маҷмааи амвол ҷудо кардани арзиши объекти нархгузорӣ, ки ба маҷмааи амволи мазкур шомил аст.

7.3.7. Методҳои маъмултарини нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот дар доираи тарзи муқоисавӣ инҳоянд:

- методи ҷараёнҳои пулиии тахфифшуда;
- методи сармоякунии (капитализация) мустақим;
- методи шабеҳи функсионалии баробарсамара.

7.3.8. Методи ҷараёнҳои пули тахфифшуда метавонад истифодаи ё ДСА-и тағйирёбанда аз рӯи солҳои муҳлати истифодаи самаранок (ҳисобкунии мутаҳаррик), ё ДСА-и аз сатҳи миёнаи солона гирифташударо пешбинӣ кунад. Модели ҳисобкунии мутаҳаррик ба василаи ҷамъкунии ДСА-ҳои солонаи тахфифшуда дар давраи истифодаи самаранок ё дар муҳлати боқимондаи ҳаёти объект (маҷмааи амвол дар умум) созмон мешавад. Модели ҳисобкунии номутаҳаррик (статический) формулаи арзиши ҷамъбастии аннуитети солонаро истифода мебарад.

7.3.9. Методи сармоякунии мустақим формулаи бозҳисобкунии ДСА-ро аз маҷмааи мошинҳо ба арзиши пурраи ҷории он бо ёрии коэфисиенти сармоякунӣ истифода мебарад. Зимнан, даромад аз лағв (утилизация) ба инобат гирифта намешавад.

7.3.10. Методи шабеҳи функсионалии баробарсамара интихоби шабеҳи функсионалиро (объекти базисиро), ки вазифаҳои бо вазифаҳои (амалиёт, корҳо) объекти нархгузоришаванда якхеларо иҷро карда метавонад, дар назар дорад. Аммо ҳамзамон аз он аз рӯи сохт, маҳсулнокӣ, муддати хизмат, сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ва нишондиҳандаҳои дигар фарқ кунад. Ҳамаи ин фарқиятҳо дар охир дар фарқияти натиҷаҳо ва хароҷоти ҳисобшаванда ифода меёбад. Ҳамчунин бояд арзиши (нархи) шабеҳи базисӣ дар санаи нархгузорӣ маълум бошад. Истилоҳи "шабеҳи баробарсамара" ба он маънӣ истифода мешавад, ки агар хароҷоти бо харидорӣ ва истифодаи объект дар давраи ҳаёти он алоқаманди истеъмолкунанда барои объекти нархгузоришаванда ва шабеҳи он дар ҳоли баробар будани ҳаҷми кори иҷрошаванда якхела бошад. Агар объектҳои базисӣ ва нархгузоришаванда аз рӯи иқтидори истеҳсолӣ дар муҳлати хизмат ба ҳолати муқоисашаванда оварда шаванд, фарқияти хароҷоти амалиётӣ ба фарқияти бузургии ДСА баробар хоҳад буд. Арзиши объекти нархгузоришаванда бо арзиши объекти базисӣ бо ҷамъи афзоиши тахфифшудаи ДСА (ё каср дар сурати косташавии ДСА) баробар аст.

7.3.11. Дар методҳои тарзи даромадӣ иттилоотро дар бораи даромад ва хароҷоти имконпазир ҳангоми амалкунии дурусти пурраи объекти нархгузорӣ дар макони ҷойгиршавиаш истифода мебаранд. Бинобар ин натиҷаи ҳисоббарориҳо арзиши пурраи истифодабарӣ (АПИ) дар макони ҷойгиршавии объект дар ҳолати тайёрӣ ба амалкунӣ хоҳад буд. Сипас дараҷаи фарсудагии одатан ҷисмонӣ муайян карда мешавад бо касри фарсудагӣ арзиши боқимондаи истифолабариро (АБИ) мебароранд.

7.3.12. Агар вазифаи нархгузорӣ аз муайян кардани арзиши бозоргонии объект дар ҷои истифодашавии он иборат бошад, пас бо ҳамин амалиёти нархгузорӣ ба охир мерасад. Аммо агар вазифа муайян кардани арзиш "дар мубодила" бошад, пас корҳоро оид ба таҷзия ва омодасозии пеш аз фурӯш нархгузорӣ кардан зарур аст. Ин арзишро аз арзиши қаблан муайяншуда дар макони истифодашавӣ каср мекунанд ва дар натиҷа арзиши бозоргонии объектро дар ҳолати омодагӣ ба фурӯш дар макони қарордоштааш муайян мекунанд.

### *7.4. Мувофиқгардонии натиҷаҳо ва муайян кардани бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузорӣ*

7.4.1. Бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузорӣ дар раванди мувофиқгардонии (умумигардонии) натиҷаҳои ҳисоббарории арзиши объект, к ибо истифода аз тарзҳои гуногуни нархгузорӣ ба даст омадаанд, муқаррар мекунанд.

7.4.2. Ҳангоми дар доираи як тарз истифода бурдани якчанд методи ҳисоббарорӣбояд як бузургии ҷамъбасткунандаи арзиш дар доираи тарзи мазкур асоснок ва ҳосил шавад.

7.4.3. Ҳангоми умумигардонии натиҷаҳои тарзҳои гуногуни нархгузорӣ ба бузургии арзиши объект Нархгузор бояд хусусиятҳои зерини корбурди тарзҳоро таҳлил кунад:

- эътимоднокӣ ва кофӣ будани иттилооти дар ҳисоббарориҳо истифодашаванда;
- мутобиқати методҳои истифодашудаи ҳисоббарорӣ бо ҳаҷми иттилооти дастрас доир ба бозор;

- мутобиқат ба навъи объект ва хусусиятҳои истифодашавии он;
- мутобиқат ба ҳадаф ва таъйиноти нархгузорӣ, ҳамчунин намуди арзиши муайяншаванда;
- қобилияти ба инобат гирифтани мақсадҳои ҳақиқии фурӯшанда ва/ё харидор;
- қобилияти ба инобат гирифтани вазъи бозор;
- мутобиқати натиҷаи аз корбурди тарз бадастомада бо натиҷаҳои таҳлили бозор.

7.4.4. Ҳангоми ҷой доштани фарқи назаррас дар натиҷаҳои аз корбурди ҳар яке аз тарзҳои нархгузорӣ бадастомада бояд сабабҳои чунин фарқият таҳлил карда шаванд. Умуман, агар натиҷаи яке аз тарзҳо аз натиҷаи тарзҳои дигар ба таври назаррас фарқ кунад (масалан, зиёда аз ду маротиба) ва сабаби он маълум набошад, аз истифодаи натиҷаи ин тарз дар ҳисоббарориҳои минбаъда дида аз он даст кашидан дурусттар аст.

7.4.5. Аз тарафи Нархгузор интихоб шудани тарзи мувофиқгардонӣ (умумигардонӣ), инчунин андеша ва хулосабарориҳои ӯ зимни ин бояд асоснок карда шаванд.

## 8. Сохтор ва мундариҷаи бандҳои Ҳисобот оид ба нархгузории амволи манқул бо мақсади гарав

8.1. Ҳисобот бояд хулосаи дар асоси иттилооти ҷамъоваришуда ва ҳисоббарориҳо тасдиқшудаи Нархгузорро дар бораи бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузорӣ дар бар гирад.

8.2. Ҳисобот бо тарзе таҳия мешавад, ки

- дар истифодабарандаи Ҳисобот тасаввуроти объективиро дар бораи объекти нархгузорӣ дар тамоми ҷанбаҳои ҷойдошта, ки ба арзиши он таъсир мерасонанд, аз ҷумла малолнокӣ ва маҳдудияти истифодабарӣ, мавқеъишғолкунӣ дар бозор ва амсоли он пайдо кунонад;
- имконияти санҷиши муътамадии далелҳои дар Ҳисобот овардашударо, азҷумла иттилоот дар бораи нархҳо ва хусусиятҳои назарраси объектҳои муқоисашавандаро таъмин намояд;
- барои даст кашидан аз корбурди тарзҳои нархгузорие, ки истифода нашуданд, инчунин интихоби методҳои нархгузорӣ дар доираи ҳар як тарзи нархгузорӣ далел оварда шавад;
- хусусияти санҷидашавандагии ҳисоббарориҳоро таъмин намояд, яъне ба истифодабарандаи Ҳисобот имконияти мустақилона такрор кардани раванди муайянкунии арзиши объекти нархгузориро, азҷумла ҳисобкунии нишондиҳандаҳои мобайнӣ ва натиҷаҳоро фароҳам орад;
- тамоми ҳолатҳо, фарҳо, маҳдудиятҳоро, ки дар рафти нархгузорӣ Нархгузор ба инобат гирифтааст, инъикос кунад.

8.3. Ҳисобот бандҳои зеринро дар бар мегирад:

1) далел ва хулосаҳои асосӣ;
2) супориш оид ба нархгузорӣ;
3) иттилоот дар бораи супоришгари нархгузорӣ ва архгузор;
4) иҷозаҳо ва ҳолатҳои маҳдудкунанда, ки дар нархгузорӣ истифода шудаанд;
5) стандартҳои истифодашаванда дар фаъолияти нархгузорӣ;
6) тавсифи объекти нархгузорӣ;
7) таҳлили бозори объекти нархгузорӣ;
8) тасвири раванди нархгузорӣ;
9) мувофиқгардонии натиҷаҳои нархгузорӣ;
10) замимаҳое, ки қисми ҷудонашаванда он мебошанд.

8.4. *Далел ва хулосаҳои асосӣ.* Банди мзкур баёни мухтасари натиҷаҳои нархгузориро дар бар маегирад. Маълумоте, ки дар ин банд ҷой дорад, барои осоншавии дарккунӣ ба шакли ҷадвал оварда мешавад. Дар банди мазкури Ҳисобот муқаррароти зерин зикр шудаанд:

- иттилооти умумӣ, ки объекти нархгузориро мушаххас мегардонад;
- натиҷаҳои нархгузорӣ, ки бо истифода аз тарзҳои гуногуни нархгузорӣ ба даст омадаанд;
- бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузорӣ.

Ҳамчунин ба банди мазкур шомил кардани иттилооти зерин тавсия дода мешавад:

- асосҳои гузаронидани нархгузорӣ;
- санаи тартибдиҳӣ ва рақами тартибии Ҳисобот;
- иттилоот дар бораи истифодабарандагони тахминии Ҳисобот;
- иттилоот дар бораи молики объекти нархгузорӣ;
- иттилоот дар бораи ҳуқуқҳои амволӣ ва малолникии онҳо, к ибо объекти нархгузорӣ вобастаанд;
- санаи азназаргузаронии объекти нархгузорӣ;
- давраи гузаронидани нархгузорӣ;
- санаи тартиб додани Ҳисобот;
- варианти истифодабарии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда;
- иттилооти иловагӣ, ки ба маълумоти супоришгар ва истифодабарандагони дигари Ҳисобот расонидани онро Нархгузор зарур медонад.

8.5. *Супориш оид ба нархгузорӣ.* Банди мазкур бояд супоришро оид ба нахгузорӣ, ки бо супориши дар шартномамаи бо супоришгар басташуда оид ба нархгузорӣ зикршуда як хел аст, дар бар гирад. Овардани нусхаи скан-нусхаи супориш оид ба нархгузорӣ, ки ҷузъи шартнома оид ба гузаронидани нархгузорӣ буда, аз тарафи супоришгар ва Нархгузор ё шахси ҳуқуқие, ки Нархгузор бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бастааст, имзо шудааст, агар шарьнома оид ба гузаронидани нархгузорӣ бо шахси ҳуқуқии мазкур баста шуда бошад, тавсия дода мешавад.

8.6. *Иттилоот дар бораи супоришгари нархгузорӣ ва Нархгузор.* Насаб, ном ва номи падар (агар бошад), ҷои иқомати нархгузор, иттилоот дар бораи шахси ҳуқуқие, ки нархгузор (нархгузорон) бо ӯ шартномаи меҳнатӣ батааст (бастаанд), агар шартнома оид ба гузаронидани нархгузорӣ бо шахси ҳуқуқии мазкур баста шуда бошад, маълумот дар бораи коршиносони соҳавии ба раванди нархгузорӣ ҷалбшуда.

8.7. *Иҷозаҳо ва шартҳои маҳдудкунанда, ки ҳангоми нархгузорӣ корбурд шудаанд.* Мисоли иҷоза ва шартҳои маҳдудкунанда дар нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот дар Замимаи 2 омадааст.

8.8. Тасвири объекти нархгузорӣ. Банди мазкур бояд иттилооти хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории объекти нархгузориро ба таври возеҳ ва фаҳмо муайянкунанда, инчунин омилҳои дигари ба арзиши объекти нархгузорӣ таъсири назаррас доштаро дар бар гирад.

8.8.1. Ин иттилоот бояд муқаррароти зеринро дар бар гирад:

- номи пурра ва модели таҷҳизот тибқи руйхати инвентарии Муассиса. Дар сурате, ки агар дар руйхати инвентарӣ номи нодуруст ё хатои объект омада бошад, ба он шарҳи зарурӣ додан лозим аст. Барои ин ба таври илова номи таҷҳизот тибқи асноди техникӣ ё тамғаи дар танаи он (дар барчаспи коргоҳ) задашуда зикр карда мешавад;
- таъйиноти таҷҳизот;

- рақами инвентарӣ ва рақами истеҳсолӣ (рақами силсилавӣ);
- арзиши тавозунии ибтидоӣ ва боқимонда;
- номи коргоҳи истеҳсолкунанда, кишвари истеҳсолкунанда;
- соли истеҳсолшавӣ ва санаи баистифодадиҳӣ;
- координатаҳои макони ҷойгиршавӣ (суроға, сех, минтақа);
- муҷаҳҳазӣ (агар муҷаҳҳазии таҷҳизот вайрон шуда бошад, ё дар он ҷузъҳои иловагӣ насб шуда бошанд);
- хусусиятҳои асосии техникӣ ва истифодабарии таҷҳизот, ки дар рафти нархгузорӣ корбурд мешаванд, бо нишон додани бузургии ченак (масалан, маҳсулнокӣ, вазн, иқтидори вазнбардорӣ, андозаҳои қисмҳои коркардшаванда, руйхати маҳсулоти истеҳсолшаванда, корбурди воқеъӣ, захираи меъёрӣ ва амсоли ин);
- таҷҳизот бо кадом роҳ харида шудааст (агар маълум бошад): аз истеҳсолкунанда, аз фурӯшандаи расмӣ, ба воситаи ашхоси сеюм ё тарзи дигар;
- сатҳи омодагии таҷҳизот барои истифодабарӣ:
  - таҷхизот пурра насб шудааст, дар таҳкурсӣ шинонда шудааст (агр ин зарур бошад), ба шабакаи барқ ва шабакаҳои дигар пайваст шудааст ва айни замн аз рӯи таъйиноташ истифода мешавад;
  - таҷҳизот ба насбкунӣ эҳтиёҷ надорад ва тибқи таъйиноташ истифода мешавад;
  - таҷҳизот шинонда шудааст, аммо ба сабаби баъзе ҳолатҳо ба истифода дода нашудааст (масалан, корҳои насбу танзимдиҳӣ иҷро шуда истодаанд, таҷҳизот консерватсия шудааст, бинобар дар бозор номатлуб будани маҳсулоти истеҳсолшаванда истифода намешавад ва ғ.);
  - таҷҳизот шинонда нашудааст, насбкунӣ ва пайвасткунӣ ба ба шабакаҳо зарур аст;
  - таҷҳизот таҷзия шудааст, ба қисмҳо ҷудо шудааст, вайрон аст, ба анбор гузошта шудааст, дар устохона аст ва ғ.;
- ҳолати техники амвол, ки аз тарафи мутахассисони техники ташкилоти истифодабаранда баҳогузорӣ шудааст, бо зикри фарқиятҳое, ки Нархгузор муайян кардааст.

8.8.2. Нақши таҷҳизот дар раванди истеҳсолӣ ва беназирии он:

- Навъи таҷҳизот аз нуқтаи назари раванди истеҳсолӣ:
  - таҷҳизоти технологии асосӣ;
  - таҷҳизоти ёрирасон;
  - таҷхизоти ғайра.
- Таҷҳизот барои молик то чи андоза муҳим аст:
  - аҳмияти муайяйнкунанда дорад (таҷҳизоти истеҳсолии асосӣ аст, ки хориҷ кардани он боиси бозистодани тамоми раванди истеҳсолӣ мегардад);
  - аҳмияти назаррас дорад (таҷҳизоти асосии техниқӣ ва ёрирасон аст, ки хориҷ кардани он зарурати азнавсозии ҷиддии раванди истеҳсолӣ ё кам кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба миён меорад);
  - аҳмияти назаррас надорад (хориҷ кардани таҷҳизот ба раванди истеҳсолӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад, вай бидуни хароҷоти зиёд метавонад ба таҷҳизоти дигари шабеҳ иваз карда шавад);
  - ба фурӯш гузошта шудааст, ё дар бораи ба истифодаи таҷҳизот шавқманд набудани молики он иттилооти дигаре ҳаст.

- Беназирии таҷҳизот:
  - таҷҳизот стандартӣ, ба таври оммавӣ ё силсилавӣ истеҳсолшаванда аст;
  - таҷҳизот дар заминаи модели универсалӣ истеҳсол мешавад, аммо бинобар махсусияти танг ва арзиши ғарон доштанаш танҳо аз рӯи супориш истеҳсол мешавад;
  - таҷҳизот беназир аст, тибқи супориш аз рӯи лоиҳаи махсус бо назардошти хоҳиши Мизоҷ сохта шудааст.
- Оё таҷҳизот комплексӣ аст (аз агрегат ва дастгоҳҳои аз ҷиҳати технологӣ бо ҳам зич алоқаманд ва ҳамзамон аз ҷиҳати функсионалӣ мустақил иборат аст). Оё берун аз доираи маҷмааи мавҷуда амал кардани дастгоҳҳои алоҳида имконпазир аст.

Имконияти таҷзияи таҷҳизот ва аз коргоҳ берун бурдани он (фикри коршиносонаи Наррхгузор дар асоси иттилооти мутахассисони Муассиса ё ташкилотҳои беруна).

8.8.3. Низом ва шароити истифодабарӣ. Ҳангоми нархгузории воҳидҳои алоҳидаи таҷҳизот банавбатии кори таҷҳизот, мавсимӣ будани он, коэффисиенти корфармоӣ, шароити истифодабарӣ ва ғ. зикр карда мешавад. Мисол: таҷҳизот бо низоми ду басти 16-соата дар як шабонарӯз аз моҳи апрел то ноябр истифода мешавад. Аз моҳи декабр то март таҷҳизот бинобар мавсимӣ будани талабот ба маҳсулот кор намекунад. Коэффисиенти умумии корфармоии таҷҳизот 44%-ро ташкил медиҳад. Таҷҳизот дар бинои гармшаванда ва муҳофизашаванда истифода мешавад.

8.8.4. Ҳангоми дар доираи маҷмааҳои амвол нархгузорӣ шудани амволи манқул аз рӯи минтақаҳои технологӣ, сехҳо ва ғ. нишон додани корфармоӣ тавсия дода мешавад. Дар сурати нархгузории оммавии мавқеъҳои пароканда корфармоии воҳидҳои нисбатан гаронбаҳои таҷҳизот нишон дода мешавад. Дар сурати ғайриимкон будани муқарароти зикршуда сабабҳое, ки бинобар онҳо чунин тавсифи объект ғайриимкон буд, нишон дода мешаванд.

8.8.5. Агар дар асноди пешниҳодшуда фарқияти хусусиятҳои ба арзиши объект таъсир расонанда пайдо гардад, ин ҳолат бояд дар Ҳисоботи нархгузорӣ бояд нишон дода шавад. Дар банди мазкур метавонад таҳлили аввалияи қобили қабул будани объекти нархгузорӣ ба сифати мояи гарав, к ибо тавсияҳо ба Бонк, азҷумла масъалаи аз рӯи мувофиқат кардани объект ба аснод ҷой дошта метавонад.

8.8.6. Руйхати мушаххаси нишондиҳандаҳои баррасишаванда аз навъи мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда вобаста аст ва метавонад аз ҷониби Нархгузор ба ҳадди назаррас пур карда шавад ё тағйир дода шавад.

8.8.7. Тавсия карда мешавад, ки ба банди мазкур расмҳои объектҳои нархгузорӣ, нақшаи принсипиалии кори обект, тарҳрезии минтақае, ки объекти нархгузорӣ ҷойгир аст, ҳамроҳ карда шавад.

*8.9. Таҳлили бозори объекти нархгузорӣ.*

8.9.1. Арзиши мошин ва таҷҳизотро то ҳадди назаррас вазъи ҷории бозор, ки талабот ва пешниҳодро ба вуҷуд меорад, муайян мекунад. Бинобар ин дар Ҳисобот бояд таҳлили тамоми омилҳои вазъи бозор, ки ба бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузорӣ таъсир расонида метавонанд, нишон дода шавад. Самтҳои асосии таҳлили вазъи бозор одатан инҳоро дар бар мегирад:

- шарҳи мухтасари вазъи умумииқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа. Дар таркиби нишондиҳандаҳои муайянкунандаи вазъи иҷтимоиву иқтисодии минтақа одатан: ҳаҷми даромади умумии минтақа, ҳаҷми маҳсулоти соҳаҳои асосии хоҷагӣ, гардиши савдои чакана, сохтори иқтисодиёти минтақа, индекси

нархҳои матлуботӣ, сатҳи даромади аҳолӣ, когоҳҳои муҳимтарини минтақа, нишондиҳандаҳои ҷолибии инвеститсионии минтақа ва нишондиҳандаҳои дигар дар назар ҳастанд.

- шарҳи вазъи бозори мошинҳо ва таҷҳизот дар бораи вазъи воқеъӣ ва фаъолнокии умумии бозор тасаввурот медиҳад. Зимни ин, одатан, нишондиҳандаҳои зерин таҳлил карда мешаванд: ҳаҷм ва таҳарруки пешниҳод (талабот) ба моделҳои алоҳидаи мошинҳои ҳамон Гурухе, ки объекти нархгузорӣ ба он мансуб аст; дараҷаи кушодӣ ва ғунҷоилнокии бозор, хусусияти иштирокдорони бозори хариду фурӯш, фаъолнокии инвеститсионии минтақа ва нишондиҳандаҳои дигар. Ғайр аз ин, ба шарҳи вазъи бозори соҳавӣ ва минтақавии мошинҳо ва таҷҳизот таҳлили сатҳи нархҳои маҳсулоти соҳаи мошинсозиро шомил мекунанд.
- шарҳи сегменти (сегментҳои) бозор, ки объекти нархгузоришаванда ба он мансуб аст, бо инъикоси вазъ ва тамоюлҳои сегменти дар мадди назар будаи бозор, ки ба санаи нархгузорӣ ба миён омадаанд. Қисми мундариҷавии таҳлил одатан се самти таҳлилро дар бар мегирад: талабот, пешниҳод, таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод. Зимни ин тафриқаи сегмент аз рӯи Гуруҳҳои муштариён, фаъолнокии инветитсионии тиҷорат дар минтақа аз назар гузаронида мешавад. Тавсифи фаъолнокии талабот, пешниҳод ва муомилаҳо, таҳарруки нархҳо дар сегмент, сатҳи нархи мошинҳо ва таҷҳизот, прокати металлӣ, хизматравониҳои истеҳсолӣ, нархи захираҳои сӯзишворию барқӣ дода мешавад. Дар тамоми ҳолатҳои имконпазир иттилоот доир ба сатҳи даромаднокии маблағгузориҳо ба мошинҳо ва таҷҳизот, дурнамои тараққиёти сегменти дар мадди назар булаи бозор оварда мешавад. Дар қатори таҳлили сифатӣ шарҳ бояд иттилооти микдориеро, ки хулосаҳои таҳлилӣ ба он такя мекунаддар бар гирад.
- шарҳи соҳавӣ ба Ҳисобот дар он сурат шомил мегардад, ки агар чунин мошинҳо ва таҷҳизоте, ки барои сегменти мушаххаси соҳавии бозори мол таъйин шудаанд, нархгузорӣ шаванд (масалан, ҳангоми нархгузории таҷҳизоти сохтмон шарҳи вазъ ва тамоюлҳо дар сохтмони асосӣ, ҳангоми нархгузории техникаи кишоварзӣ – ваъи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ оварда мешавад). Шарҳи соҳавӣ таҳлили ҳаҷми истеҳсолот ва сохторҳои соҳа, иштирокчиёни асосии бозор, дурнамои тараққиёти соҳаи матлуботро дар бар мегирад. Дар шарҳи соҳавӣ иттилоот дар бораи коргоҳҳои истеҳсолкунанда, ки объектҳои шабеҳро истеҳсол мекунанд, дар бораи вазъи иқтисодӣ ва тамоюлҳои тараққиёти соҳаҳои дахлдор чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар хориҷи он оварда мешавад.

Номгӯи мушаххаси нишондиҳандаҳои баррасишаванда дар ҳар ҳолатҳо бояд ба вазифаҳои асосии нархгузории иҷрошаванда мувофиқат кунад, инчунин бо навъи мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда алоқаманд бошад.

8.9.2. Таҳлили мухтасари бозори маҳсулоте, ки бо истифода аз таҷҳизоти нархгузоришаванда истеҳсол мешавад, руйхати иштирокчиёни асосии бозор – истеҳсолкунандагони чунин маҳсулот, таҳарруки истеҳсоли маҳсулот дар давраҳои қаблӣ ва дурнамо барои солҳои наздик, таҳлили лоиҳаҳои иҷрошуда ва ба нақша гирифташудаи инвеститсионӣ оид ба харидории чунин таҷҳизот ва ғ. оварда мешавад.

8.9.3. Харидорони асосии потенсиалии таҷҳизоти нархгузоришаванда; пешбинии дурнамои тараққиёти сегменти бозори таҷҳизоти нархгузоришаванда дар асоси

андешаҳои коршиносон ва агентиҳои таҳлилӣ (дар сурати мавҷуд будани иттилоот), ҳамчунин тасаввуроти худи Нархгузор доир ба таҳарруки сегменти мазкури бозор; омилҳои дигари муҳим, ки ба объектинархгузоришаванда таъсир мерасонанд.

8.9.4. Дар хулосаҳои банди мазкури Ҳисобот овардани муқарраротизерин тавсия карда мешаванд:

- натиҷаҳои таҳлили талабот ва пешниҳод;
- хулосаи Нархгузор оид ба дараҷаи бозоргирии амволи нархгузоришаванда;
- дараҷаи тараққиёти бозори амволи шабеҳ;
- доираи харидорони потенсиалӣ.

8.9.5. Баровардани хулоса дар бораи бозоргирии объект. Дар Ҳисоботи нархгузорӣ бо мақсади гарав овардани асоснокии сатҳи бозоргирии объекти нархгузорӣ ва нишон додани омилҳои ба бозоргирии объект таъсиркунанда тавсия карда мешавад. Бозоргирӣ вобаста ба муҳлати пешбинишудаи фурӯши амвол дар бозори озод бо арзиши бозоргонӣ муайян карда мешавад. Аз рӯи муҳлатҳои фурӯш[16] сатҳи бозоргирӣ мувофиқи дараҷабандии зерин нишон дода шудааст:

| Сатҳи бозоргирӣ | Баланд | Миёна | Паст |
|---|---|---|---|
| Муҳлати тахминии фурӯш, моҳҳо | 1 – 2 | 3 – 6 | 7 – 18 |

8.10. *Тавсифи раванди нархгузорӣ.* Дар банди мазкур Нархгузор бояд ба таври мухтасар хусусиятҳои асосӣ, афзалият ва нуқсонҳои тарзҳои нархгузории маъмулро нисбати нархгузории мошин ва таҷҳизоти азназаргузаранда муайян кунад, дар ҳисоббарориҳо корбурд шудани методҳои ҳамаи се тарзҳои нархгузории объекти нархгузоришавандаро нишон диҳад ва дар сурати даст кашидан аз корбурд сабаби онро асоснок намояд.

Барои тарзҳои интихобшудаи нархгузорӣ тавсифи мухтасари методҳои нархгузорӣ дар доираи ҳар як тарз ва ба интихоби онҳо далел оварда мешавад. Дар Ҳисобот барои ҳар метод бояд тартиби муайянкунии арзиш нишон дода шавад, ки ин ба истифодабарандаи Ҳисобот имкон медиҳад, ки мантиқи раванди муайянкунии арзиш ва мувофиқати методро ба объекти нархгузорӣ, ба намуди муайяншавандаи арзиш ва истифодаи ба тахмин гирифтаи натиҷаҳои нархгузорӣ фаҳмад.

Иттилооти мазкур бо ихтиёри Нархгузор метавонад дар Ҳисобот ба намуди як даста оварда шавад ё аз рӯи ҳисоббарориҳо дар доираи тарзҳои дахлдори нархгузорӣ Гуруҳбандӣ шавад.

8.11. Мувофиқгардонии натиҷаҳои нархгузорӣ. Ин банд бояд хулосаи Нархгузорро нисбати бузургии ҷамъбастии арзиши объекти нархгузоришаванда дар бар гирад. Ин банд бояд асоснокии интихоби методи аз ҷониби Нархгузор корбурдшудаи умумигардонии (мувофиқгардонии) натиҷаҳои дар доираи тарзҳои истифодашуда ба даст омадаро бо бузургии ҷамъбастии арзиш инъикос кунад.

Тарзи маъмултарини мувофиқгардонии натиҷаҳои бо истифода аз тарзҳои гуногуни нархгузорӣ бадастомада ҳисоббарории бузургии ҷамъбастии арзиш ҳамчун ифодаи миёнавазншудаи натиҷаҳои бадастомада мебошад.

[16] Таҳти мафҳуми муҳлати фурӯ фосилаи вақт аз лаҳзаи дар бозор ба намоиш гузоштани объект то расидан ба созиши байни фурӯшанда ва харидор, ки бо баимзорасии мувофиқаиномаи ният бидуни ба инобат гирифтани вақт барои гузаронидани DueDbilligence (дар ҳоли зарурат), барасмият даровардани муомила ифода меёбад,

Ҳангоми ҳисоббарории коэффисиентҳои вазн, дар банд бояд асоснокии иттилооти ибтидоии барои ин амалиётистифодашуда, инчунин алгоритмҳои коркарди онҳо нишон дода шавад.

Ҳангоми муайян кардани экспертии коэффисиентҳои вазн бояд иттилоот дар бораи сатҳи соҳибкасбӣ ва таҷрибаи коршиносони ҷалбшуда ва маълумоти тамосгирии онҳо нишон дода шавад. Ғайр аз ин дар Ҳисобот бояд шакл ва натиҷаҳои анкетапуркунии коршиносон, ҳамчунин алгоритми коркарди иттилооти экспертӣ инъикос ёбад.

Дар Ҳисобот бояд равшан нишон дода шавад, ки оё бузургии ҷамъбастии арзиш андоз аз арзиши иловашударо дар бар мегирад ё не.

8.12. *Сарчашмаҳои иттилоот.* Нархгузор бояд сарчашмаҳои иттилооти дахлдори омӯхташаванда ё дар рафти нархгузорӣ корбурдшавандаро нишон диҳад. Дар Ҳисобот бояд руйхати пурраи ном ба номи асноди истифодашуда бо зикри сарчашмаи онҳо, азҷумла руйхати асноди хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии объекти нархгузориро муайянкунанда оварда шавад.

Намунаи руйхати иттилооти барои нархгузорӣ зарурӣ дар Замимаи 1 омадааст.

Ғайр аз ин дар Ҳисобот бояд руйхати асноди меъёрӣ адабиёти дастурии дар нархгузорӣ истифодашаванда оварда шавад.

Дар матни Ҳисобот бояд истиноди (ссылка) сарчашмаҳои иттилооти истифодашуда, ки муаллифӣ ва санаи омодасозии иттилооти дахлдорро нишон медиҳанд, ё нусхаи маводҳо ва варақҳои чопӣ, азҷумла саҳифаҳои шабакаи Интернет, ки чунин иттилоотро доранд, оварда шаванд.

Агар Нархгузор асноди омодасохтаи ашхоси берунаро истифода бурда бошад, ва худи Нархгузор аудит, таҳлил, компилятсия нагузаронида ё исботи боэътимодии иттилооти пешниҳодшударо начуста бошад, ӯ бояд инро қайд куна два зикр кунад, ки ӯ барои иттилооти ба ӯ пешниҳодшуда масул нест.

Агар иттилооти молиявӣ ё иттилооти дигари дар рафти нархгузорӣ истифодашуда аз асноди омодасохтаи молик, иҷорагир ё маъмури мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда дастрас шуда бошад, Нархгузор бояд:

- чунин аснодро мушаххас гардонад;
- қайд кунад, ки дар раванди нархгузорӣ ӯ аудит, таҳлил, компилятсия ё ҷустуҷӯи исботи боэътимодии иттилооти мазкурро иҷро накардааст ва ба боэътимодии он масъул нест.

Агар ба сифати иттилооте, ки ба бузургии арзиши муайяншаванда таъсири ҷиддӣ мерасонад, андешаи экспертӣ истифода шуда бошад, дар Ҳисобот бояд таҳлили ин иттилоот оид ба мувофиқ буданаш ба шартҳои бозоргонӣ, ки дар банди “Таҳлили бозор” омадаанд, гузаронида шавад.

8.13. *Замимаҳо.* Дар замимаи Ҳисобот бояд ҳатман нусхаи асноди истифодабурдаи нархгузор ва хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии объекти нархгузориро муайянкунанда, азҷумла асноди муайянкунанда ва тасдиққунандаи ҳуқуқ, инчунин асноди инвентаризатсияи техникӣ, хулосаҳои ташхисҳои махсус ва асноди дигар доир ба объекти нархгузоришаванда (дар сурати мавҷуд буданашон) оварда шаванд.

Ғайр аз ин, ба замимаи Ҳисобот одатан:

- маводҳои ёрирасони ҳисоббарорӣ, ки аз андашаҳои осон шудани дарки Ҳисобот ба он ворид карда нашудаанд;

- ҳисоббарории бузургиҳое, ки Нархгузор ба таври илова ба ба арзиш ҳангоми нархгузории мошинҳо ва таҷҳизот (агар тибқи супориш оид ба нархгузорӣ ин кор иҷро шуда бошад) ворид карда мешаванд.

8.14. Ҳисобот бояд рақамгузорӣ, дӯхта, аз тарафи Нархгузор ё нархгузорон, ки нархгузориро гузаронидаанд, имзо карда шавад, инчунин бо муҳри шахси ҳуқуқие, ки Нархгузор ё Нархгузорон бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бастаанд, тасдиқ карда щавад.

## Муқаррароти хотимавӣ

Ба Нархгузор омодасозӣ ва бурдани санадгузорӣ, ки шакл ва муҳтавои он бояд шартҳои супориши нархгузориро қонеъ гардонад, зарур аст. Асноди мазкур бойгонии асосии иттилооти дар рафти хизматрасонӣ оид ба нархгузорӣ бадастомада ва таҳлилшуда, иттилоот ҷиҳати гузаронидани амалиёт, тарз ва методҳои корбурдшуда, ҳамчунин хулосаҳо оид ба арзиши объекти нархгузорӣ мебошад.

Муқаррар кардани миқдор, намуд ва мундариҷаи аснод дар зиммаи Нархгузор мебошад.

Нархгузор бояд маҳфузияти аснодро (ва Ҳисоботро низ) дар муддати вақти барои эҳтиёҷоти таҷрибаи ӯ кофибуда ва барои қонеъ гардонидани талаботи стандартҳои амалкунандаи фаъолияти нархгузорӣ ва санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқӣ таъмин намояд. Нархгузор бояд дар тамоми давраи маҳфузият ба ҳар як санади маҳфуз, ки ба нархгузории гузаронидааш алоқаманд аст, имконияти дастрасӣ дошта бошад.

**Замимаи 1**

## Намунаи руйхати асноди талабшаванда оид ба дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизот

1) маълумот дар бораи дар мақомоти махсуси назорат аз қайди давлатӣ гузаштан барои гирфтани ҳуқуқи истифодабарӣ (ҳангоми зарурат);

2) асноде, ки доир ба мавҷуд будани малолнокии (маҳдудиятҳо) ҳуқуқ ба объекти нархгузорӣ иттилоъ доранд, азҷумла:

- шартномаи гарав;
- шартномаи (шартномаҳои) иҷора (иҷораи амволи иҷора);
- шартномаи идоракунӣ аз рӯи боварӣ;
- муқаррароти суд дар бораи ҳабси амвол, асноди дигар.

3) шиносномаҳои техеникии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда, тавсияҳо оид ба истифодабарӣ, насбкунӣ ва ғ.;
4) маълумотномаи хадамоти истифодабарии техникӣ дар бораи омодагии объект ба кор (ё дар бораи дар консерватсия, дар таъмир, насбкунӣ ва ғ. будан;
5) маълумотнома аз хадамоти сармеханик дар бораи таъмири асосии охирин;
6) нақшаи сех ё минтақа бо зикри ҷойгиршавии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда;
7) рӯйхати таҷҳизоти нархгузоришаванда мувофиқи руйхати инвентарӣ бо зикри ном, модел, рақами инвентарӣ, параметри асосӣ, соли баистифодадиҳӣ, арзиши тавозунӣ (ибтидоӣ ё барқароркунӣ), рамзи ТУСА (Таснифгари умумидавлатии сармояи асосӣ (ОКОФ)), меъёри солонаи пардохтҳои истеҳлокӣ (хӯрдашавӣ);
8) маълумотнома дар бораи бузургии хароҷоти истифодабарии бо объекти (объектҳои) нархгузорӣ алоқаманд (барои соли охир, нимсола ё семоҳа) ҳам дар шакли маблағи умумӣ ва ҳам аз рӯи моддаҳои зерин:
   - хароҷоти хизматрасонии техникӣ ва таъмири ҷорӣ (музди меҳнати ҳайати хизматрасон, маводи молиданӣ ва ғайра, қисмҳои эҳтиётӣ, хӯрдашавии таҷҳизоти назоратӣ ва таҷҳизоту асбобҳои дигар ва ғ.);
   - хароҷоти алоқаманд бо истифодаи биное, ки дар он мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда ҷойгир шудаанд (хӯрдашавӣ, музди иҷора, гармидиҳӣ ва равшанкунӣ, андози амвол, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии бино ва ғ.);
   - хароҷоти таъмири асосӣ;
   - хароҷоти истифодаи барқ;
   - хароҷоти сӯзишворӣ, буғ ва манбаъҳои дигари энергия, ки дар кори мошинҳо ва таҷҳизот истифода мешаванд;
   - хӯрдашавии мошинҳо ва таҷҳизот;
   - хароҷот барои ҷиҳозҳои универсалӣ ва ташкилӣ;
   - андози амвол;
   - пардохтҳои суғуртавӣ;
   - хароҷотҳои дигар.
9) Маълумотнома дар бораи иморат ё биное, ки мошинҳо ва таҷҳизот дар он ҷойгир шудаанд (масоҳати умумӣ ва истеҳсолӣ, арзиши тавозунӣ, хусусият ва навъи бино ва ғ.);

10) асноди дигари муайянкунандаи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии мошинҳо ва таҷҳизоти нархгузоришаванда, азҷумла асноде, ки маълумоти зеринро дар бар мегиранд:

- таҷҳизоти барқ ва шабакаҳои барқӣ, ки таҷҳизоти нархгузоришаванда ба онҳо пайваст аст;
- параметрҳои таҳкурсии зери таҷҳизоти нархгузоришаванда;
- хусусиятҳои биноҳои гаражҳо ва таҷҳизоти гарж барои воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;
- хусусиятҳои таҷҳизоти бо кори таҷҳизоти нархгузоришаванда алоқамандии зич дошта (кранҳо, автокарҳо ва электрокарҳо, конвейерҳо, асбобҳои назоратӣ ва ғ.);
- иттилооти хадамоти истеҳсолӣ оид ба иқтидори истеҳсолӣ, истифодаи (корбурди) воқеъии мошинҳо ва таҷҳизот;
- иттилооти иловагие, ки дар ихтиёри супоришгар мавҷуд буда (оид ба амволи нархгузоришаванда), ба натиҷаҳои нархгузорӣ (азҷумла шартномаҳо оид ба харидории таҷҳизоти импортӣ ва ғ.) таъсир расонида метавонанд;

**Замимаи 2**

## Намунаи рӯйхати иҷоза ва шартҳои маҳдудкунанда дар нархгузории дастгоҳҳо, мошинҳо ва таҷҳизот

1. Бузургии ҷамъбастии арзиш, ки дар Ҳисоботи мазкур оварда шудааст, танҳо ба ҳолати санаи нархгузорӣ эътибор дорад.
2. Ҳисоботи молиявӣ ва иттилооти дигари зарурӣ, ки супоришгари нархгузорӣ ё намояндагони ӯ дар рафти нархгузорӣ пешниҳод кардаанд, бея гон санҷиш, ҳамчун иттилооти хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии объекти нархгузориро пурра ва дақиқ муайянкунанда қабул шудаанд.
3. Иттилооти соҳавӣ ва омории дастраси умум аз сарчашмаҳое, ки Нархгузор онҳоро боэътимод меҳисобад, гирифта шудаанд.
4. Хулосаи баровардаи Нархгузор оид ба бузургии ҷамъбастии арзиш ба он фарзия такя мекунад, ки сатҳи ҳозираи салоҳиятнокӣ ва самаранокии идоракунии мошинҳо ва таҷҳизот дар оянда низ боқӣ мемонад ва хусусияти фаъолияти муассиса дар сурати вурӯхта шуданаш ба таври ҷиддӣ тағйир намеёбад.
5. На худи Ҳисобот дар пуррагӣ, на ягон қисми он наметавонад тариқи реклама, ВАУ, почта, ирсоли бевосита ва воситаҳои дигари алоқа бидуни розигӣ ва савобдиди хаттии Супоришгар паҳн гардад.
6. Ҳамроҳии минбаъдаи нархгузории гузаронидашуда, азҷумла ҳозир шудан ба суд, агар худи суд даъват накунад, аз Нархгузор талаб карда намешавад, агар доир ба ин масъала қарордоди пешакии хаттӣ баста шуда набошад.
7. Нархгузор мушовир ё нозири экологӣ нест ва барои ҳар гуна уҳдадориҳои воқеӣ ё имконпазир бо ин алоқаманд масъулият нахоҳад дошт.

# ҚИСМИ II.
# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА МУАЙЯН КАРДАНИ АРЗИШИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ БО МАҚСАДИ ГАРАВ

## Сарсухан

Тавсияҳои методии мазкур оид ба муайян намудани арзиши мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқули ба гарав гузошташаванда (минбаъд – "Тавсияҳои методӣ") мақаррароти умумӣ, принсип ва методҳои ташкил ва муайян намудани арзиши бозоргонии мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқулро бо мақсади қарздиҳӣ дар асоси ба гарав гирифтани навъҳои номбаршудаи амволи манқул муқаррар мекунад.

Тавсияҳои методӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти нархгузорӣ таҳия шудааст.

Ҳангоми таҳия намудани Тавсияҳои методӣ муқаррароти асноди амалкунандаи ҳуқуқии меъёрӣ, асноди меъёриву техникӣ ва методии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фаъолияти нархгузорӣ, ҳамчунин таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии нархгузорӣ ба мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқул бо мақсади гарав ба назар гирифта шудааст.

### 1. Соҳаҳои истифодабарии тавсияҳо

Тавсияҳои методии мазкур барои истифодабарии нархгузорон, экспертҳо (коршиносон) ва мутахассисони дигари дахлдор дар ҳолатҳои гуногуне, ки зарурати муайян кардани арзиши бозоргонии мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва амволи дигари манқул, ки аллакай ҳамчун замонати қарз қарор доранд ё барои додани қарз бояд ба гарав гирифта шаванд, пеш меоянд, таъйин шудааст. Қарздиҳӣ метавонад дар шаклҳои гуногун, азҷумла ҳамчун қарзи ипотека ё шаклҳои дигари масъулгардонии доимӣ ё тағйирёбанда сурат гирад.

Тавсияҳои методӣ соҳаҳои зеринро дар бар мегирад:

- методикаи муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ (минбаъд – нақлиёти автомобилӣ) бо назардошти ҳолати техникии он, фарсудагӣ, мукаммалӣ, ҷой доштани нуқсонҳо ва ғ.;
- методикаи муайян кардани арзиши мошинҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва амволи дигари манқул бо назардошти ҳолати техникӣ, фарсудагӣ ва кӯҳнашавии онҳо;
- дастурҳои гуногун, намунаи асноди истифодашаванда, маълумотномаҳо, ҷадвалҳо, номгӯи истилоҳоти зарурии техникӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва нархгузорӣ.

Истифодаи Тавсияҳои методии мазкур барои нархгузорон, экспертҳо, истифодабарандагони хизматрасонӣ оид ба нархгузорӣ асоси ягонаи методӣ, ҳамчунин эътимоднокӣ, дақиқӣ, далелнокӣ ва объективӣ будани натиҷаҳои бадастомадаро таъмин месозад.

## 2. Истилоҳ ва мафҳумҳои корбурдшаванда

| | |
|---|---|
| Шабеҳ (аналог) | Объект<br>и таъйиноти якхела дошта, ки бо маҷмуъи хусусиятҳои асосиаш наздик аст (хусусиятҳои монанд дошта).<br>Ҳангоми муайян кардани монандии нақлиёти автомобилӣ се сатҳро ҷудо кардан мумкин аст:<br>- монандии функсионалӣ (аз рӯи соҳаи истифодашавӣ, таъйинот);<br>- монандии конструктивӣ (аз рӯи нақшаи сохт, таркиб ва ҷобаҷогузории ҷузъҳо, дизайн ва эргономика);<br>- монандии параметрӣ (аз рӯи бузургии параметрҳо).<br>Ҳангоми монандии пурраи функсионалӣ, конструктивӣ ва параметрӣ оид ба ҳамҷинсии объектҳо, ҳангоми монандии тақрибӣ ё ҷузъӣ бошад дар бораи шабеҳӣ сухан меронанд |
| Агрегат | Воҳиди васлшудае, ки ҳамдигарро пурра иваз карда метавонад, имконияти алоҳида аз қисмҳои дигари таркибии маҳсулот ё умуман худи маҳсулот васл шудан ва қобилияти дар маҳсулот ё мустақилона иҷро кардани вазифаи мушаххасро дорад. |
| Мушаххасгардонии нақлиёти автомобилӣ (идентификатсия) | Тадқиқоти комплекӣ, ки:<br>1)Муқаррар кардани хусусиятҳои конструктивӣ, функсионалӣ ва истифодабарии воситаи нақлиёт, ки тамға, модел ва гунаи онро муайян мекунанд;<br>2) тадқиқи ифодаҳои тамғазанӣ дар агрегатҳои воситаи нақлити автомобилӣ бо мақсади кушодани рамзи иттилоот оид ба автомобил;<br>3) муайян кардани мувофиқати ифодаҳои тамғазании автомобил ба навиштаҷотҳои асноди (бақайдгирӣ/муайянкунандаи ҳуқуқ) ҳамроҳикунанда; |
| Соли моделӣ | Соли шартии барориши автомобил, ки дар VIN нишон дода мешавад (дар аксари ҳолатҳо). Одатан, VIN иттилоотро на дар бораи соли воқеъии барориш, балки дар бораи ба ном соли моделӣ дар бар мегирад. Соли моделӣ дар автомобилсозӣ бо соли тақвимӣ мувофиқат намекунад ва барои аксари истеҳсолкунандагони автомобилҳо он аз моҳи июл сар мешавад. Масалан: агар автомобил дар асл моҳи октябри с. 1998 истеҳсол шуда бошад, дар VIN одатан, соли модели 1999 нишон дода мешавад. |
| Гашти (пробег) нокифояи воситаи нақлиёти автомобилӣ | Бузургии манфии тафовути гашти воқеъии миёнаомории воситаи нақлиёти автомобилӣ. |
| Ҳолати нодурустӣ (вайронӣ) | Ҳолате, ки объект ҳини он ақаллан ба яке аз талаботҳои муқаррарнамудаи асноди меъёриву техники истеҳсолкунанда мувофиқат намекунад. |
| Ҳолати корношоямӣ (корношоямӣ) | Ҳолате, ки дар он бузургии ақаллан яке аз параметрҳои таъйиншуда, ки қобилияти иҷроиши вазифаи муқарраршударо муайян мекунад, ба талаботи муқаррарнамудаи асноди меъёриву техники истеҳсолкунанда мувофиқ намебошад. |

| | |
|---|---|
| Одометр | Асбоб барои муайян кардани фосилаи тайкардаи автомобил. |
| Маводи асосӣ | Маводе, ки массаи он ба массаи маҳсулоти асосӣ шомил аст (ранг, рӯйкашҳои зидди зангзанӣ, зиддишавқун ва ғ.) |
| Гашти изофагии автомобил | Бузургии мусбии тафовути гашти воқеъии миёнаомории автомобил. |
| Зарари расида | Вайрон шудани дурустии ҷисмонии объект ба сабаби ба он расидани таъсири беруна, ки аз ҳадди муқаррарнамудаи асноди меъёриву техникӣ баланд аст. |
| Ҳолати коршоямӣ (коршоямӣ) | Ҳолати объект, ки дар он автомобил барои иҷрои вазифаҳои муқарраршударо қобил буда, зимни ин бузургиҳои параметрҳои асосии бароришро дар ҳудуди муқаррарнамудаи асноди меъёриву техникӣ нигоҳ медорад. |
| Воситаи нақлиёт | Асбобе, ки барои ба воситаи роҳҳо кашонидани одамон, бор ва ё таҷҳизоти ба он шинонилашуда таъйин шудааст. Притсеп (нимапритсеп ва притсепи кушод ) ки ба он муҳаррик шинонида нашудааст ва барои ҳаракат дар таркиби воситаи нақлиёти механикӣ таъйин шудааст, низ ба воситаҳои нақлиёт мансуб аст. |
| Маҷмуъи генералӣ | Маҷмуъи объектҳои тадқиқ, ки шартҳои гузошташударо қонеъ мекунанд ва аз онҳо объектҳои тадқиқ хостагирӣ карда мешаванд (хостагирӣ, хостагирии репрезентативӣ). |
| Санаи нархгузорӣ | Санае, ки ба ҳолати он арзиши объекти тадқиқ ё арзиши таъмири барқароркунанда муайян карда мешавад. |
| Хостагирӣ | Объектҳои зиёди барои тадқиқ бо усули махсус интихобшуда. |
| Санаи бароришi воситаи нақлиёти автомобилӣ | Санаи аз тарафи заводи истеҳсолкунанда ба охир расидани истеҳсоли воситаи нақлиёти автомобилӣ (санаи ба охир расидани тамоми равандҳои технологию маъмурии бо истеҳсоли воҳиди маҳсулоти “воситаи нақлиёти автомобилӣ” алоқаманд). |
| Санаи шуруъшавии истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ | Санае, ки аз он ба истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ иҷозат дода шудааст (воситаи нақлиёти автомобилӣ барои истифодашави иҷозат мегирад, масалан, санаи дода шудани шиносномаи техникӣ, шиносномаи воситаи нақлиёт ё санади дигари бақайдгирӣ). |
| Тарзи хароҷотӣ | Маҷмуъи методҳои муайянкунии арзиши (нархгузории) объекти тадқиқ, ки дар муайянкунии хароҷоти барои бозистеҳсолкунӣ ё ивазкунии объекти нархгузорӣ бо назардошти фарсудагӣ ва кухнашавӣ зарурбуда асоснок шудаанд. |
| Вазъи бозор | Сатҳи талабот пешниҳод ба объектҳои шабеҳи воситаи нақлиёт, мошинҳо ва таҷҳизоти тадқиқшаванда, ба амволи дигари манқул. |
| Методи нархгузорӣ | Тартиби амалиётҳое, ки барои муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ дар асоси иттилооти барои методи мазкур мавҷудбуда дар доираи яке аз тарзҳои нархгузорӣ имкон медиҳад. |
| Муоинаи воситаи нақлиёти | Тадқиқи органолептии воситаи нақлиёти автомобилӣ бо мақсади мушаххасгардонии воситаи нақлиёти автомобилӣ, муайянкунии |

| | |
|---|---|
| автомобилӣ | коршоямии воситаи нақлиёти автомобилИ, ошкор кардани зарар ё нуқсонҳо, нишонаҳои таъмир. |
| Объекти нархгузорӣ | Дар иттилооти Тавсияҳои методӣ таҳти мафҳуми объекти нархгузорӣ дар сурати зикр нашудани чизи дигаре, мошинҳо, таҷҳизот, воситаи нақлиёт ё амволи лигари манкул дар назар дошта шудааст. |
| Тарзи нархгузорӣ | Маҷмуъи методҳои муайянкунии арзиши объекти нархгузорӣ, ки онҳоро методологияи умумӣ муттаҳид кардааст. |
| Арзиши пурраи барқароркунӣ | Хароҷоти бозистеҳсолкунии объекти нархгузорӣ, ки барои сохтани нусхаи айни он бо истифода аз мавод ва технологияи дар сохтани объекти нархгузорӣ корбурдшуда зарур мебошад.. |
| Арзиши пурраи ивазкунӣ | Хароҷоти ивазкунии объекти нархгузорӣ, ки барои сохтани объекти шабеҳбо истифода аз мавод ва технологияи дар санаи нархгузорӣ корбурдшаванда. |
| Хусусиятҳои истеъмолии воситаи нақлиёти автомобилӣ | Фоиданокии воситаи нақлиёти автомобилӣ, қобилияти ҳар гунна талаботро қонеъ гардонидани он (техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ). |
| Хостагирии репрезентативӣ | Маҷмуъи интихобӣ, ки дар он хусусиятҳои асосӣ бо .хусусиятҳои маҷмуъи генералӣ мувофиқ афтодаанд. Танҳо барои ин навъи хостагирӣ натиҷаҳои тадқиқи қисми воҳидҳоро ба тамоми маҷмуъи генералӣ паҳн кардан мумкин аст. |
| Бозор | Шакли робитаи оммавӣ, ки барои дар як ҷо ҷамъ кардани муштариён ва фурӯшандагони мол ва хизматрасонӣ имкон медиҳад. Бозори автомобил (бозори автомобили мол ва хизматрасониҳо) яке аз сегментҳои бозор мебошад. |
| Арзиши бозоргонии воситаи нақлиёти автомобилӣ | Маблағи пулии ҳисобӣ, ки аз рӯи он воситаи нақлиёт дар бозори кушод дар шароити рақобат, дар ҳоле ки ҷонибҳои муомила бошуурона, бо истифода аз тамоми иттилооти зарурӣ амал мекунанд, ва ба бузургии нархи муомила ягон ҳолати фавқулодда таҳсир намерасонад, таҳвил (отчуждение) карда мешавад. |
| Пардохти умумии гумрукӣ | Маблағе, ки бидуни тақсимот ба манбаъҳо ситонида шуда, аз ҷамъи маблағҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ, боҷи гумрукӣ, аксиз ва андози арзиши иловашуда ситонидашаванда, ки тибқи қоидаҳои тасдиқшудаи барасмиятдарории гумрукӣ ҳисоббарорӣ мешаванд. |
| Тарзи муқоисавӣ | Маҷмуъи методҳои муайянкунии арзиши объекти нархгузорӣ, ки дар муқоисаи объекти нархгузорӣ бо объектҳои шабеҳи объекти нрахгузорӣ, ки дар бораи нархи онҳо иттилоот мавҷуд аст, асоснок шудаанд. Бо мақсади муайян кардани арзиш объекте бъекти шабеҳи объекти нархгузорӣ ҳисобмеёбад, ки аз рӯи хусуиятҳои асосии иқтисодӣ, моддӣ, техникӣ ва ғайра ба объекти нархггузорӣ монанд бошад. |
| Гашти миёнаи | Бузургии гашти солонаи автомобил, ки шартан баробари бузургии |

| | |
|---|---|
| солона | миёниа омории автомобилҳои шабеҳ қабул шудааст. |
| Арзиши ибтидоии воситаи нақлиёти автомобилӣ $Н_{ибт.}$. | Арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки ҳангоми муайян кардани арзиши он дар лаҳзаи изҳори он ё дар лаҳзаи рӯйдод бо тарзи хароҷотӣ ё методи ҳисоббарории пардохтҳои гумрукӣ. |
| Арзиши ниҳоии воситаи нақлиёти автомобилӣ $Н_{них.}$ | Арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ бо назардошти ҳамаи омилҳои таъсиркунанда (бо назардошти фарсудашавӣ аз истифода, таҷҳизоти иловагӣ, ноқисиҳо дар натиҷаи истифода ва нигоҳдории нодуруст, вайрониҳои дурустнашуда ва ғ.), яъне арзиши бозоргонӣ. |
| Пардохтҳои гумрукӣ $Х_{расмгумр}$ | Боҷи гумрукӣ, андозҳо, аксизҳо, хироҷи гумрукӣ ва пардохтҳои дигар, ки ҳангоми аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани воситаи нақлиёти автомобилӣ ё қисмҳои он бо низоми муқарраршуда аз тарафи мақомоти гумрукӣ ситонида мешаванд. |
| Боҷи гумрукӣ | Хироҷи пулӣ, ки мақомоти гумрукии ҶТ ҳангоми ба ҳудуди гумрукии ҶТ ё аз ҳудуди гумрукии ҶТ берун баровардани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ситонида мешавад. |
| Арзиши гумрукии воситаи нақлиёти автомобилӣ $Н_{гумр}$ | Арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ (бо назардошти хароҷоти таҳвил то сарҳади гумрукӣ ва хароҷот оид ба суғурта), к ибо мақсади ситонидани боҷи гумрукӣ истифода мешавад. |
| Шароити фурӯш | Шароите, ки ба нархи воситаи нақлиёти автомобилӣ таъсир мерасонад (фурӯши таъҷилӣ, хариди таъҷилӣ, шубҳа аз ҷой доштани нуқсонҳои ниҳон ва ғ.). |
| Арзиши лағв | Арзиши воситаҳои нақлиёти захираи Худро тамомкарда ва лағвшаванда ё барқароркуниашон ва фурӯшашон баъди расидани нуқсонҳо имконнопазир. |
| Нархи пешниҳодии воситаи нақлиёти автомобилӣ $Н_{пешн}$ | Нархи воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки фурӯшанда талаб кардааст. |

## 3. Муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ

### *3.1. Мафҳумҳои умумӣ, тарз ва методҳои муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ. Иттилооти ибтидоӣ*

3.1.1. Ҳангоми муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ ҳамчун объекти нархгузорӣ маблағи рулие муайян карда мешавад, ки барои нақлиёти автомобилӣ аз тарафи иштирокчиёни муомилаи амалишуда ё ба нақша гирифташуда пешниҳод, талаб карда мешавад ё аллакай пардохта шудааст.

3.1.2. Ҳангоми муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ бузургии ҳисоббарории нархи он, ки тибқи намуди интихобшудаи арзиш ба санаи нархгузорӣ муқаррар карда шудааст, муайян карда мешавад. Амалӣ гаштани муомила бо объекти нархгузорӣ шарти ҳатмии муайян кардани арзиши он намебошад.

3.1.3. Ҳангоми муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ ба эҳтимол наздиктарини он аз рӯи он нақлиёти автомобилӣ метавонад дар санаи нархгузорӣ дар бозори кушод дар шароити рақобат, вақте ҷонибҳои муомилабо

дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, бошуурона амал мекунанд ва ба бузургии нархи муомила ягон ҳолати фавқулодда таъсир намерасонад, фурӯхта шавад, яъне вақте, ки:

- яке аз ҷонибҳои муомила маҷбур нест, ки объектинархгузориро таҳвил кунад ва ҷониби дигар ӯҳдадор нест, ки онро қабул кунад;
- ҷонибҳои муомила аз мояи муомила ба хубӣ бохавар ҳастанд ва ба манфиати худ амал мекунанд;
- объекти нархгузорӣ ба василаи оферта (пешниҳод)-и оммавии барои объектҳои шабеҳи нархгузорӣ маъмулӣ дар бозори кушод ба намоиш гузошта шудааст;
- нархи муомила пардохти оқилона барои объекти нархгузорӣ буда, ҷонибҳои муомиларо барои иҷрои муомила касе маҷбур накардааст;
- пардохт барои объекти нархгузорӣ дар шакли пул ифода ёфтааст.

3.1.4. Арзиши ҷамъбастии нақлиёти автомобилӣ бо роҳи ҳисоббарории арзиши объекти нархгузорӣ бо истифода аз тарзҳои мавҷуда ва мувофиқгардонии (умумигардонии) аз ҷониби архгузор асоснокшудаи натиҷаҳои дар доираи корбурди тарзҳои гуногун бадастомада муайян карда мешавад.

3.1.5. Гузаронидани тадқиқот оид ба муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

а) ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти барои гузаронидани нархгузорӣ зарурӣ, азҷумлатадқиқи нақлиёти автомобилӣ ва бозор;

б) корбурди тарзҳои нархгузорӣ, азҷумла интихоби методҳои нархгузорӣ ва амалӣ намулани ҳисоббарориҳои зарурӣ;

в) мувофиқгардонии (умумигардонии) натиҷаҳои тарзҳои истифодашуда ва муайянкунии бузургии ҷамъбастии арзиши нақлиёти автомобилӣ.

3.1.6. Ҳангоми муайян кардани арзиши бозоргонии нақлиёти автомобилӣ метавонанд асосан ду тарз – муқоисавӣ ва хароҷотӣ истифода шаванд. Дар сурати мавҷуд будани миқдори кофии манобеъи иттилоот тарзи муқоисавӣ бартарии зиёдтар дорад.

3.1.7. Тарзи даромаднокӣ ҳангоми нархгузории нақлиёти автомобилӣ одатан, бинобар ҳолатҳои зерин истифода намешавад:

- Тарзи даромаднокӣ дар ҳоле натиҷаҳои ба таври кофӣ дақиқ медиҳад, ки агар объекти нархгузорӣ объекти маъмулан даромаднок бошад ҳамчун воҳиди мустақил қобилияти овардани даромадро дошта бошад. Атомобилҳои тиҷоартӣ одатан дар таркиби маҷмааи амвол истифода мешаванд. Бинобар ин нархгузории арзиши воситаи мушаххаси нақлиёт метавонад танҳо ба ҳисоби миёна бо роҳи баҳо додан ба саҳми он дар ҷараёни умумии даромад ва хароҷоти маҷмаа иҷро шавад, ки ин аз як тараф кори меҳнатталаб аст ва аз тарафи дигар боиси хатогиҳои зиёд мегардад;
- Автомобилҳо аз як тараф маҳсулоти оммавӣ мебошанд, аз тарафи дигар объектҳои маъмулан даромаднок нестанд. Бинобар ин гардиши онҳо дар бозор дар аксари кулли ҳолатҳо ба қонуниятҳои бозорҳои рақобаташон баланд (полиполияи дуҷониба) тобеъ мебошад.

3.1.8. Дар доираи тарзи муқоисавӣ истифодаи методи таҳлили муқоисавии фурӯшҳо тавсия карда мешавад. Метод ба таҳлили пешниҳодҳо оид ба фурӯши нақлиёти автомобилӣ дар бозори такрорӣ бо тасҳеҳи нархи пешниҳодҳо оид ба ҳар як объекти муқоисашаванда тибқи тафовути байни онҳо ва объекти нархгузорӣ такя мекунад.

Дар сурати нокифоя будани иттилоот оид ба пешниҳодҳои ҷории нақлиёти автомобилӣ дар листингҳои пешниҳодҳо дар нашрияҳои чопӣ ва шабакаи Интернет ба санаи нархгузорӣ метавонанд натиҷаҳои таҳлили чунин иттилоот, ки дар маълумотномаҳои махсусгардонидашуда нашр мешаванд, истифода шаванд.

Арзиши нақлиёти автомобилии истеҳсоли хориҷӣ метавонад дар натиҷаи таҳлили иттилоот оид ба бозори такрории нақлиёти автомобилӣ дар хориҷа, инчунин бо истифода аз маълумотномаҳои махсусгардонидашуда оид ба нархҳо, ки дар бозори дахлдор паҳн мегардад, бо назардошти хароҷоти таҳвил ва пардохтҳои гумрукӣ муайян карда шавад.

3.1.9. Дар доираи корбурди тарзи хароҷотӣ арзиши бозогонӣ ҳамчун арзиши барқароркунӣ, бо назардошти фарсудашагии умумӣ – фарсудагии ҷисмонӣ (истифодабарӣ), ҳамчунин кӯҳнашавии намудҳои функсионалӣ ва иқтисодӣ муайян карда мешавад.

3.1.10. Агар ҳангоми муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ якчанд тарз истифода шуда бошад, пас натиҷаҳои аз рӯи ҳар яки онҳо бадастомада мувофиқ гардонида мешаванд. Мақсад аз мувофиқгардонӣ муайян кардани арзиши эҳтимоли зиёдтар доштаи объекти нархгузорӣ бо роҳи муқоисаи афзалият ва камбудиҳои тарзҳои корбурдшуда мебошад. Мувофиқгардонӣ имкон медиҳад, ки бузургии ниҳоии арзиш муайян карда шавад.

3.1.11. Дар сурате, ки агар ҳангоми муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ яке аз тарзҳои муайянкунии арзиш истифода нашавад, дар ҳисоботи нархгузорӣ ба ин бояд далел оварда шавад (набудан ё кофӣ набадани иттилооти ибтидоӣ, ғайриимкон будани тартиб додани хостагирӣ ва ғ.).

3.1.12. Дар сурате, ки агар дар супориши нархгузорӣ намуди мушаххаси арзиши муайяншаванда зикр нашуда бошад, арзиши бозоргонӣ муайян карда мешавад. Қоидаи мазкур он вақт низ корбурд шуда метавонад, ки агар дар супориши нархгузорӣ зарурати муайян кардани чунин арзишҳо, ба монанди "ҳақиқӣ", "оқилона", "воқеъӣ", "объективӣ" ва ғ. зикр шуда бошад.

3.1.13. Арзиши бозоргонии нақлиёти автомобилӣ дар асоси иттилооти зерини дар натиҷаи муоина ва омӯзиши асноди нақлиёти автомобилӣ, адабиёти маълумономавӣ, асноди дигари пешниҳодшуда бадастомада муайян карда мешавад:

- тамға, модел, модификатсия;
- навъи кузов;
- санаи бароориш аз тарафи коргоҳи истеҳсолкунанда (муҳлати истифодабарӣ);
- гашт;
- пуррагии ҷузъ ва қисмҳо;
- ҳолати техникии нақлиёти автомобилӣ;
- ҳаҷм ва сифати таъмирҳои гузаронидашуда;
- ҷой доштани нуқсонҳо аз шароити нигоҳдорӣ ва истифодаи нодуруст.

3.1.14. Нархгузор барои муайян кардани арзиши бозоргонии воситаи нақлиёти автомобилӣ иттилооти ибтидоиро аз манобеъи зерин дастрас карда метавонад:

- иттилоот аз нашрияҳои даврии маълумотномавӣ оид ба нархи воситаҳои нақлиёти автомобили нав ва қаблан дар истифода буда;
- иттилооти ташкилотҳое, ки бо фурӯши воситаҳои нақлиёти автомобилии қаблан дар истифода буда машғуланд;
- сайтҳои тематикии шабакаи Интернет, ки иттилоотро оид ба бозор паҳн мекунанд;

- ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои тадқиқоти бозори минтақавии воситаҳои нақлиёти автомобилии қаблан дар истифода буда, ки худи нархгузор (фирмаи нархгузорӣ) давра ба давра барои намудҳои мушаххаси нақлиёти автомобилӣ тартиб медиҳад ва дар онҳо тавсифи мухтасари намудҳои фурухташавандаи нақлиёти автомобилӣ (тамға, модел, санаи барориш, гашт, навъ ва хусусиятҳои муҳаррик, муҷаҳҳазот, ҳолати умумии техникӣ) оварда мешавад.

3.1.15. Ҳангоми муайян кардани арзиши нақлиёти автомобилӣ ба санаи мушаххаси нархгузорӣ, дар баъзе ҳолатҳо на соли барориш, балки муҳлати истифодаро ба санаи нархгузорӣ ба назар гирифтан лозим аст. Масалан: соли барориши нақлиёти автомобилӣ – с.2008 аст, нархгузорӣ соли 2014 гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат на воситаи нақлиёти автомобили соли барориш 2008, балки автомобили 6-сола бояд тадқиқ карда шавад, чунки дар санаи нархгузорӣ вай 6-сола буд.

### *3.2 Муайян кардани фарсудашавии истифодабарии воситаи нақлиёти автомобилӣ, ҷузъҳо ва таҷҳизоти он ҳангоми муайян кардани арзиш аз рӯи тарзи хароҷотӣ*

3.2.1. Ҳангоми муайян кардани арзиши нақлиёти автомобилӣ бо корбурди тарзи хароҷотӣ бо назардошти фарсудашавӣ таҳти мафҳуми фарсудашавӣ андозаи миқдории кӯҳнашавии ҷисмонии нақлиёти автомобилӣ ва ҷузъҳои онро, ки дар натиҷаи истифодабарӣ ба амал омадааст, яъне фарсудашавии истифодабариро бояд фаҳмид.

3.2.2. Дар ҳолатҳои умумӣ фарсудашавии истифодабарии автомобилҳои сабукрав ва мотосиклҳо аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Ф_3 = Ф_1 \times Д + Ф_2 \times С\ х\%],\ (3,1)$$

дар ин ҷо $Ф_1$ – нишондиҳандаи миёнаи фарсудашавӣ ба 1000 км гашт, %;

Д – гашти умумӣ (воқеъӣ ё хисобӣ) аз санаи барориш (пас аз таъмири асосӣ) то лаҳзае, ки фарсудагӣ ҳисоб карда мешавад, ҳаз. Км, бо дақиқии то 0,1;

$Ф_2$ - нишондиҳандаи миёнат кӯҳнашавӣ дар 1 соли истифодабарӣ, %;

С - фосилаи вақт аз санаи барориш (баъди таъмири асосӣ) то лаҳзае, ки ба он фарсудашавӣ муайян карда мешавад, сол.

3.2.3. Барои воситаҳои нақлиёти автомобилие, ки гашти воқеъии онҳоро муайян кардан ғайриимкон аст ё тартиби истифодаи онҳо кори дурударозро дар низоми ститсионарӣ (доимӣ, ғайрисайёр) дар назар дорад, ё

3.2.4. Барои деталҳои стандартии нақлиёти автомобилӣ ва таҷҳизоти стандартӣ (ғайр аз шина ва батареяҳои аккумуляторӣ), ки ба муҷаҳҳазоти силсилавӣ дохил буда, дар коргоҳи истеҳсолкунанда шинонида шудаанд, инчунин барои деталҳои нақлиёти автомобилӣ ва таҷҳизоте, ки ба муҷаҳҳазоти силсилавӣ дохил нестанд, аммо дар коргоҳи истеҳсолкунанда ба таври илова шинонида шудаанд (аз рӯи супориш), фарсудашавӣ аз истифодабарӣ аз рӯи формулаи барои муайян кардани фарсудашавии нақлиёти автомобилӣ корбурдшаванда ҳисоб карда мешавад.

3.2.5. Барои деталҳо ва таҷҳизоте (стандартӣ ва ғайристандартӣ), ки муҳлати истифодабарии онҳо аз муҳлати истифодабарии нақлиёти автомобилӣ фарқ мекунад, фарсудашавӣ аз истифодабарӣ аз рӯи формулае, ки барои муайян кардани фарсудашавии нақлиёти автомобилӣ, бо назардошти муҳлати истифодаи индивидуалии онҳо ҳисоб карда мешавад, агар асноди тасдиққунандваи санаи харидашавии (шинондани) онҳо ё тамғаи коргоҳ бо зикри санаи барориши маҳсулот мавҷуд бошад.

Дар акси ҳол фарсудашавӣ аз истифодаи чунин деталҳо ва таҷҳизот баробар бо фарсудашавӣ аз истифодаи нақлиёти автомобилӣ қабул карда мешавад.

3.2.6. Ҳангоми муайян кардани фарсудашавии агрегати таъмири асосишуда ё ягон қисм ҳисоб шудааст, ки захираи он пас аз таъмир 80%-и захираи агрегат ё қисми навро ташкил медиҳад. Бинобар ин фарсудашавии агрегатҳо ва қисмҳое, ки қаблан дар раванди истифодабарӣ таъмири асосӣ шудаанд (тамғаи дахлдор, асноди тасдиққунанда дар бораи харидории қисмҳои нав ва/ё гузаронидани таъмир), ба таври ҷудогона аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Ф_{3\ та} = Ф_3 + 20\%, (3.3)$$

3.2.7. Бузургиҳои ҳисоби миёнаи нишондиҳандаҳои $Ф_1$ ва $Ф_2$ аз замимаҳои 1 ва 2 қабул карда мешаванд.

3.2.8. Бузургии нишондиҳандаи $Ф_2$ барои ядак (прицеп)-и автомобили сабкрав - 5%, барои ядак ва нимядакҳои автомобилХои боркашон – 7% мебошад.

3.2.9. Дар ҳоли умум гашти нақлиёти автомобилӣ ба лаҳзаи муоина (ба рӯзи нархгузорӣ) аз рӯи нишондоди одометр бо назардошти давраи ба сифр баробаркунии нишондодҳо муайян карда мешавад.

3.2.10. Дар ҳолатҳое, ки муқаррар кардани нишондоди одометр ғайриимкон аст ё бузургии гашт шубҳаовар мебошад (одометр ноқис аст, дар давраи истифодабарӣ иваз шудааст, таъмир шудааст, ки дар натиҷа нишондодҳо тағйир ёфтаанд, нишондодҳоро қасдан тағйир додаанд, молик нақлиёти автомобили қаблан истифодашударо харидааст ва амсоли ин), бузургии ҳисоби миёнаи гашт дар маҷмуъ ба рӯзи нархгузорӣ (аз адабиёти маълумотномавӣ) ё бузургии ҳисобии гашт $Г_{ҳис}$ ба рӯзи нархгузорӣ аз рӯи дави миёнаи солона $Г_{мс}$(замимаи 3) истифода бурдан лозим аст.

$$Г= Г_{ҳис} = Г_{мс}\times Cҳҳаз.км]; (3.4),$$

ки дар ин ҷо $Г_{мс}$ – гашти миёнаи солона, ҳаз.км;

С –давраи аз санаи барориш (пас аз тахмири асосӣ) то лаҳзае, ки ба он фарсудашавӣ муайян карда мешавад, сол.

3.2.11. Агар иттилоот оид ба гашт шубҳаовар бошад ва баҳои ҳуқуқии боэътимодии ин иттилоот дода шуда набошад, пас нархгузор ҳақ дорад, ки бузургии гашти ҳисобиро тибқи моддаи 3.2.11 истифода барад.

3.2.12. Дар ҳолатҳои алоҳида, вақте ки гашти нақлиёти автомобилӣ ба лаҳзаи муоина (ба рӯзи нархгузорӣ) шубҳаовар нест, ба ҳисобкунии гашти нақлиёти автомобилӣ ба рӯзи муайянкунии арзиш, дар асоси дави воқеъии миёнаи солона $Г_{мс\ воқ}$ иҷозат дода мешавад:

$$Г_{мс} = Г_{мс\ воқ} = Г_{муо}/C_{муо}\ ҳҳаз.км]; (3.5)$$

Ки дар ин ҷо $Г_{муо}$ – гашти умумӣ дар лаҳзаи муоина (гузаронидани ташхис), ҳаз.км;

$C_{муо}$ – фосилаи вақт аз санаи саршавии истифодабарӣ (пас аз таъмири асосӣ) то лаҳзаи муоина (гузаронидани нархгузорӣ), сол.

3.2.13. Дар сурати мавҷуд будани асноди баҳисобгирии воситаи нақлиёти автомобилӣ бояд иттилоот дар бораи гашти (коркарди) дар аснод омада ба инобат гирифта шавад.

3.2.14. Фосилаи вақт аз санаи барориши воситаи нақлиёти автомобилӣ (пас аз таъмири асосӣ) то санае, ки ба он фарсудашавӣ ҳисоб карда мешавад (лаҳзаи муоина ва ғ.), дар солҳо бо дақиқии то як аломат пас аз вергул муайян карда мешавад. Агар санаи барориши автомобил номаълум бошад, пас дар ҳисобҳо саршавии истифодабарӣ ҳамчун санаи барориш қабул шуда метавонад. Агар соли моделӣ бо соли барориш мувофиқ ояд, пас якуми январи соли барориш ҳамчун санаи саршавии истифодабарӣ қабул мешавад. Агар соли моделӣ бо соли барориш мувофиқ наояд, рӯзи авали соли моделӣ (одатан якуми июли соли барориш) шартан ҳамчун саршавии муҳлати истифодабарӣ қабул карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки моҳи барориш (саршавии истифодабарӣ) маълум аст, санаи якуми ҳамон моҳ ҳамчун санаи барориш қабул карда мешавад.

3.2.15. Агар соли барориш номаълум бошад, пас дар бораи муҳлати истифодабарӣ танҳо тахминан, аз рӯи нишондиҳандаҳои тамғаи дар агрегат, қисмҳо ва деталҳои автомобил задашуда, давраи истеҳсоли модели (модификатсияи) мазкур андеша рондан мумкин аст. Дар ин сурат фарсудашавӣ аз истифода аз ҷониби Нархгузор аз рӯи ҷадвали 3.1 муайян карда шуда метавонад:

Ҷадвали 3.1. Нархгузории бузургии фарсудашавӣ аз рӯи ҳолати техники воситаи нақлиёти автомобилӣ

| Бузургии <*> фарсудашавии нақлиёти автомобилӣ аз истифода, % | Тавсифи ҳолати техникии воситаи нақлиёти автомобилӣ |
|---|---|
| 5% - 10% (бузургии миёна 7,5%) | Автомобили муҳлати истифодашавиаш то 1 сол. Истифода мешавад, дар ҳолате қарор дорад, ки гузаронидани корҳои таъмирӣ ё танзимдиҳиро, ғайр аз корҳои регламентӣ, талаб намекунад. Таъмир нашудааст. Нишонаҳои равшани истифодашавиро надорад. |
| 10% - 30% (бузургии миёна 20%) | Автомобили муҳлати истифодашавиаш чун анъана то 3 сол. Дар давраи кафолатии истифодабарӣ қарор дорад. Мунтазам аз хизматрасонии техникӣ мегузарад. Дар ҳолате қарор дорад, ки гузаронидани корҳои таъмиру танзимдиҳиро, ғайр аз корҳои регламентӣ талаб намекунад. Нишонаҳои таъмири мураккаби кузов дида намешавад. Нишонаҳои истифодашавиро дар намуди фарсудашавии табиии рӯйкашҳо, рӯкаши остона ва унсурҳои ба ин монанд дорад. Нишонаҳои бартарафкунии нуқсонҳои хурди унсурҳои беруна дида мешаванд. |
| 30% - 50% (бузургии миёна 40%) | Автомобили муҳлати истифодашавиаш чун анъана то 7 сол. Истифода мешавад, аз хизматрасонии техникӣ гузаштааст. Дар ҳолате қарор дорад, ки гузаронидани корҳои таъмиру танзимдиҳиро, ғайр аз корҳои регламентӣ, талаб намекунад. Нишонаҳои баръало намудори истифодашавиро дар намуди фарсудашавии табиӣ ва чиркиншавии унсурҳои салон дорад. Кузов таъмир шудааст. |
| 50% - 70% | Автомобил истифода мешавад, дар ҳолати барои истифодаи |

| | |
|---|---|
| (бузургии миёна 60%) | минбаъда лоиқ қарор дорад. Чун анъана, муҳлати истифода аз 15 сол зиёд нест. Нуқсонҳо аз истифодабарӣ ҷой доранд. Аз хизматрасонии техникӣ гузашта буд, таъмир шудааст. Нуқсонҳои хурди рӯйпӯшии локу рангро дорад (харошҳо, паридани сир) вуҷуд дорад; хӯрдашавии шишаҳо, рӯйпӯши салон; ё қаблан кузов пурра ранг лола шудааст (беруна), агрегатҳои автомобили ваз шудаанд. |
| 70% - 90%<br>(бузургии миёна 80%) | Автомобил истифода мешавад, ба шарти иҷрои корҳои таъмири ҷорӣ дар ҳолати барои истифодаи минбаъда лоиқ қарор дорад. Чун анъана автомобил бо муҳлати истифодаи зиёда аз 15 сол. Таъмир шудааст. Таъмири асосии агрегатҳо, пурра ранг додани (берунаи) кузовро талаб мекунад. Дар кузов, канораҳои он ва деталҳои беруна зангзанӣ (азҷумла шикофшавӣ) дида мешавад.. |
| -------------------------------<br><*> Қабули бузургии поёнии фосиларо дар сурати ҷамъи ҳадди ақали хусусиятҳои ҳолати техникӣ, болоиро – дар сурати ҳадди аксари хусусиятҳои ҳолати техникӣ тавсия карда мешавад. | |

3.2.16. Дар ҳолатҳое, ки фарсудагии ҳисобӣ аз истифода $Ф_3$ бо ҳолати техники нақлиёти автомобилӣ мувофиқат намекунад, Нархгузор ҳуқуқ дорад, ки фарсудагии ҳисобӣ аз истифодаро, агар аз 50% зиёд бошад, тасҳеҳ диҳад (бо асосноккунии ҳатмӣ зиёд ё кам кунад) ва бузургии онро дар асоси ҳолати техники нақлиёти автомобилӣ тибқи 3.1 муқаррар кунад. Зимни ин фарсудагии тасҳеҳшуда аз истифода набояд аз 50% кам бошад.

3.2.17. Ҳангоми муайян кардани арзиши воситаи нақлиёти автомобилӣ тавсия карда мешавад чунин ҳисобида шавад, ки ҳадди ниҳоии фарсудашавӣ аз истифода автомобиле, ки ба санаи нархгузорӣ истифодаи он иҷозат дода шудааст, аз 90% зиёд набошад.

3.2.18. Бинобар ғайриимкон будани ба ҳисоб гирифтани фарсудашавӣ аз истифода алоҳида барои ҳар як детал ва қисмҳои тезфарсудашаванда, ки дар раванди истифодабарӣ метавонанд чандин маротиба иваз шаванд, ҳангоми муайян кардани арзиш фарсудашавии онҳо бояд баробар бо фарсудашавии автомобил қабул карда шавад.

3.2.19 Дар ҳолатҳое, ки агар ҳолати агрегат ва қисмҳои алоҳида ё деталҳои гаронбаҳои нақлиёти автомобилиӣ аз ҳолати умумии воситаи нақлиёти автомобилӣ фарқи назаррас дошта бошад, фарсудагӣ аз истифодаи ин унсурҳо бояд тасҳеҳ карда шавад (масалан, занг задани дутарафа ё нишонаҳои таъмири унсурҳои кузов, тарқишҳо, чаққа шудани деталҳои шишагӣ ва пластикӣ, деформатсия ва/ё қисман нобудшавии унсурҳо, ивази деталҳо дар раванди истифодабарӣ, агар фарсудашавии онҳо аз фарсудашавии умумии автомобил фарқи назаррас дошта бошад).

3.2.20. Тарзи муайян кардани фарсудашавии шинаҳо бо мақсади муайян кардани арзиши бозоргонии онҳо дар замимаи 4 омадааст.

***3.3. Муайян намудани арзиши нақлиёти автомобилӣ бо тарзи муқоисавӣ***

3.3.1. Усули таҳлили муқоисавии фурӯш

3.3.1.1. Арзиши бозорӣ (нархи харид)-и нақлиёти автомобилӣ аз омилҳои мухталифи зерин вобаста мебошад: хусусиятҳои истеъмолии нақлиёт, дар минтаға мавҷуд будани намояндаи истеҳсолкунанда, мавҷудияти шабакаи хизматрасонии

техникии тамғаи мазкури нақлиёти автомобилӣ, нархи қисмҳои эьтиётӣва арзиши корҳо оид ба хизматрасонӣва таъмири тамғаи мазкури нақлиёти автомобилӣ; обруву эътибори тамғаи автомобил, вазъи бозор; мавқеи ҷуғрофӣва шароити фарогири иқтисодӣ дар минтақа ва амсоли инҳо.

3.3.1.2. Усули таҳлили муқоисавии фурӯшро мавриди истифода қарор дода, бояд:

а) унсурҳоии муқоисашавандаро, ки ба нархи объект таъсир мерасонад, интихоб намуда, таҳлили муқоисавии объекти нархгузорӣва ҳар як объекти шабеҳи он аз руи ҷузъиёти интихобшуда гузаронида шавад;

б) дар сурати фарқ кардани хусусияти объекти нархгузорӣва объектҳои аз руи ҷузъиёти шабеҳ интихобшуда, бояд нархи объектҳои шабеҳ ба танзим оварда шаванд. Тартиби тасҳеҳдиҳӣ набояд аз як объекти шабеҳ ба дигараш тағйир дода шавад.

3.3.1.3. Пешниҳод оид ба фуруши намудҳои нақлиёти автомобилии қаблан дар истифодабударо нархгузор барои ҳисоб намудани арзиши миёнаи пешниҳодшаванда, ҷиҳати коршоямӣ нархгузорӣ менамояд. Нархгузории коршоямӣ бо тартиби зер анҷом дода мешавад:

а) нархи миёнаи пешниҳодшаванда бо формулаи зерин муайян карда мешавад

$$Нпешн(пешакї) = \sum_{i=1}^{n} \frac{Н_i}{n} рубл], (3.6)$$

ки дар он $Н_i$ – нархи пешниҳодшавандаи нақлиёти автомобилии i-ум, руб;

n – ададии пешниҳодот; n≥ 5;

{ангоми муайян намудани нархи миёнаи пешниҳодшаванда истифодаи нархи нақлиёти автомобилии аз руи сохт, ҳолат ва сохт аз варианти баррасишаванда баръало тафовутдошта, мумкин нест. Дар сурати мавҷуд будани фарҕияти назаррас байни нақлиёти автомобили нархгузоришаванда ва шабеҳи он, нархгузор бояд тибҕи муқарраротибанди 3.3.1.2. «б» амал намояд;

б) тафовути нархҳои пешниҳодшаванда нисбати ифодаи миёнаи дар боло ҳисобшуда нархгузорӣкарда мешавад. Тафовути мазкур набояд аз 20% зиёд бошад:

$$\frac{Н\text{-}Н_{пешн(пешакї)}}{Н_{пешн(пешакї)}} \times 100\% \leq 20\%; (3.7)$$

в) дар сурати зиёда аз 20% будани ихтилофи пешниҳодоти i-юм, пешниҳодоти мазкур аз интихоб хориҷ карда мешавад.

3.3.1.4. Ҳисоббарории ниҳоии нархи миёнаи пешниҳодшаванда бо назардошти интихоб, ки аз пешниҳодоте, ки ихтилофи онҳо аз нархи миёнаи пешакӣ на беш аз 20%-ро ташкил медиҳад, бо формулаи зерин анҷом дода мешавад

$$Н_{пешн} = \Sigma Н_i / i' \text{ [рубл] } (3.8)$$

ки дар он $Н_{i'}$ – нархи пешниҳодшавандаи нақлиёти автомобилии i-юм, ки шартҳои б.3.3.1.3.-ро қонеъ менамояд, руб;

i'- теъдоди пешниҳодоти шартҳои б. 3.3.1.3-ро қонеъкунанда; i ≥ 5.

3.3.1.5. Нархи миёнаи ҳисобшудаи пешниҳодот $Н_{пешн}$ дар усули мазкур нархи ибтидоӣ $Н_{ибт}$ мебошад. Дар сурати имкон доштани савдо, нархи миёнаи пешниҳодот $Н_{пешн}$ бояд тасҳеҳ шавад. Бинобар он, Н™ пас аз тасҳеҳдиҳӣба савдо, 0,90 ÷ 0,95 аз нархи миёнаи пешниҳодотро ташкил меиҳад (илова бар тасҳеҳи ҳолат, масофаи гашт, ва ҷузъбандии нақлиёти автомобилӣ):

$Н^{ТМ} = Н_{пешн} \times (0,90 \div 0,95)$ [рубл], (3.9)

*3.3.2. Усули ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ*

3.3.2.1. Усули мазкур ҳангоми муайян намудани нархи нақлиёти автомобилии истеҳсоли хориҷӣ, ки дар бораи онҳо дар бозори минтақа иттилоот мавҷуд нест, ё дар асоси иттилооти мавҷуда оид ба нархи миёнаи нақлиёти автомобилӣ хулосабарорӣ ғайриимкон аст, мавриди истифода қарор мегирад. Усули мазкур, одатан дар ҳолатҳои зерин истифода бурда мешавад: вақте сухан дар бораи автомашинаи модели нодир меравад, дар сурати талаб карда шудани муайян намудани нархи нақлиёти автомобилӣдар давраи мавҷуд набудани иттилооти объективӣдар бораи нархи бозории нақлиёти автомобилӣ.

3.3.2.2. Дар усули номбурда нархи асосии гумрукӣ нархи ибтидоии нақлиёти автомобилӣ $Н_{ибт}$ маҳсуб меёбад.

3.3.2.3. Нархи асосии гумрукии нақлиёти автомобилӣ $Н_{ибт}$ барои тасҳеҳи минбаъда аз руи нашрияҳои даврӣ, ки дар онҳо нархи нақлиётҳои автомобилии қаблан дар истифодабуда дар бозорҳои Русия, кишварҳои ИДМ, Чин, Аврупо ва дигар давлатҳо дарх мегарданд, муайян карда мешавад. Истифода бурдани иттилооти маълумотномаҳо, инчунин иттилооти руйхатҳои даврии солунҳои автомобилӣ оид ба нархи воситаҳои нақлиётии ғаблан дар истифода буда ва эълони соҳибони нақлиёти хусусӣ дар бораи фурӯхтани нақлиёти автомобилӣдар хориҷа, тавсия дода мешавад. Бо назардошти хусусияти нархи $Н_{ибт}$ истифодашаванда, усули мазкур бояд ба тарзи муқоисавии муайян намудани нархи бозории нақлиёти автомобилӣ нисбат дода шавад.

3.3.2.4. Нархи асосии гумрукии нақлиёти автомобилӣ $Н_1$ тавассути тасҳеҳи нархи асосии гумрукӣ $Н_{ибт}$, бо назардошти масофаи воқеии гашти нақлиёти автомобилӣ муайян карда мешавад.

3.3.2.5. Арзиши гумрукии нақлиёти автомобилӣ $А_{гумр}$ нархи асосии гумрукӣ, нархи таҷҳизоти иловагӣ, нархи то сарҳади гумрукӣ таҳвил намудани онро дар бар мегирад:

$А_{гумр} = Н_1 + Н_{таҷх} + Н_{таҳв}$ (3.10)

ки дар он $Н_1$ – нархи асосии гумрукӣ;

$Н_{таҷх}$ - нархи таҷҳизоти иловагӣ;

$Н_{таҳв}$– нархи то сарҳади гумрукӣ бурда расонидани нақлиёти автомобилӣ мебошад.

3.3.2.6. Нархи таҷҳизоти иловагӣ $Н_{таҷх}$-ро аз руи ҷадвали баҳогузории таҷҳизоти иловагӣ, бо назардошти муҳлати истифодаи дар маълумотномаҳо дарҷгашта, ё бо усули дар банди 3.7.1. тазаккургардида, муайян кардан мумкин аст.

3.3.2.7. Нархи автомашинаҳои дар ҳолати сози корӣ буда дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тохикистон бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$Н^{ТМ} = А_{гумр} + Г_{расмият}$, (3.11)

ки дар он $Г_{расмият}$–маблағи пардохти гумрукӣ мебошад.

3.3.2.8. Пардохти гумрукӣ $Г_{расмият}$ аз руи тарофаҳои гумрукӣ ва қоидаҳои барасмиятдарории гумрукии дар давраи нархгузорӣ амалкунанда, ҳисоб карда мешавад. Дар асоси маълумоти зерин пардохти гумрукӣ ҳисоб карда мешавад: навъ

(тип)-и нақлиёти автомобилӣ; навъ ва ҳаҷми кории муҳаррик; муҳлати дар истифода будани нақлиёти автомобилӣ.

### 3.4. Муайян намудани нархи нақлиёти автомобилӣ бо тарзи хароҷотӣ

Тарзи хароҷотӣ дар сурати мавҷуд будани имконияти иваз намудани объекти нархгузорӣ бо дигар объект, ки айнан нусхаи объекти нархгузорӣ мебошад, ё хусусиятҳои муфиди ба он монандро дорад, ба кор бурда мешавад.

3.4.1. Дар тарзи хароҷотӣ нархи нақлиёти автомобилии нав - $Н_{нав}$ ҳамчун замина $Н_{ибт}$ барои ҳисобкуниҳои минбаъдаи (арзиши пурраи барқароркунӣ) нақлиёти автомобилӣ истифода бурда мешавад.

3.4.2. $Н_{нав}$ дар асоси нархи барои нақлиёти автомобилии нав дар минтаға муқарраргашта, муайян карда мешавад. Нархи воситаҳои нақлиётии автомобилии навро ширкатҳое, ки бо фуруши нақлиёти автомобилии нав сару кор доранд, метавонанд пешниҳод кунанд, инчунин аз нашрияҳои даврӣ муайян намудан мумкин аст. Арзиши пурраи барқароркунӣ дар маҷмуъ, нархи фуруши истеҳсолкунандаи нақлиёти автомобилӣ (арзиши аслии истеҳсолӣ, фоида), хароҷоти вобаста ба ҳамлу нақл, омодасозӣ ба фуруш, иловапулӣ ба дилер, яъне ҳамаи хароҷоти барои истеҳсоли нақлиёти автомобилӣ ва фуруши он тавассути шабакаи чаканафурушӣ масрафшударо дар бар мегирад.

3.4.3. Агар истеҳсоли нақлиёти автомобилии нархгузоришаванда қатъ шуда бошад, дар ин сурат нархи нақлиёти автомобилӣ- шабеҳи он $Н_{нав}$ бояд тасҳеҳ шавад:

$Н_{нав\ мув} = Н_{нав} \times К_{мув}$ [рубл], (3.12)

ки ин ҷо $Н_{нав}$ – нархи нақлиёти автомобилӣ- шабеҳ, ки ҳангоми нархгузорӣ истеҳсол мешавад, руб;

$К_{мув}$–коэффисиенти мувофиқгардонии нархи нақлиёти автомобилии нархгузоришавандаи аз истеҳсол гирифташуда ба нархи нақлиёти автомобили шабеҳи он, ки ҳангоми баҳогузорӣ истеҳсол мешавад (замимаи 5).

3.4.4. Нархи нақлиёти автомобилии нав $Н_{нав}$ ё $Н_{нав\ мув}$ пас аз фуруши он паст мешавад. Паст шудани нархи нақлиёти автомобилии нав $К_{паст}$, бо муҳлати истифодаи то 5 сол ($К_{паст\ нав}$), пас аз фуруши он ташкил медиҳад:

- то 15% барои нақлиёти автомобилии дараҷаҳои 1-5 мувофиқи замимаи 1;
- то 30% барои нақлиёти автомобилии синфи бонуфузи дараҷаи 6 ва автомашинаҳои кузовашон кабриолет тибқи замимаи 1.

$Н_1 = Н_{нав\ (нав\ мув)} \times [1 - К_{паст} / 100\%]$[рубл]. (3.13)

3.4.5. Нархи нақлиёти автомобилӣ $Н_1$ бояд бо назардошти фарсудашавӣ аз истифодабарӣ И, бо формулаи зерин паст карда шавад:

$Н_2 = Н_1 \times [1 - Ф_3 / 100\%]$ [рубл]. (3.14)

3.4.6. Агар дар раванди истифодаи нақлиёти автомобилӣ қисму ҷузъҳои он иваз (таъмири асосӣ) шуда, фарсудашаваии онҳо аз фарсудашавии нақлиёти автомобилӣ ба таври назаррас тафовут дошта бошанд, бузургии тағйироти арзиши нақлиёти автомобилӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$Н_{асос} = \Sigma[Нҷузъ\ i \times (Ф_1 – Ф_2) / 100\%]$[рубл], (3.15)

ки дар он $Н_{ҷузъ}$ – нархи қисму ҷузъҳои нави i-и ивазшуда (таъмиршуда), руб;

$И_i$– фарсудашавии як ҷузъи алоҳида дар натиҷаи корфармоӣ, қисм, ҷузъи і-и ивазшуда (таъмиршуда) (ниг. ба банди 3.2.).

3.4.7. Бинобар ҳолатҳои зерин нархи $Н_2$ ба таври иловагӣ ба бузургии $К_{паст\ илова}$ паст шуда метавонад:

- дар бозор ба нақлиёти автомобилии тамға, модел, модификатсияи мазкур талабот нест – $К_{паст\ илова} \leq 20$;
- дар бозор ба нақлиёти автомобилии тамға, модел, модификатсияи мазкур талабот набуда, истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии он қатъ шудааст $К_{паст\ илова} \leq 40$;

$Н_{паст\ илова} = Н_2 \times К_{паст\ илова} / 100\%$ [рубл]. (3.16)

3.4.8. Дар сурати мавҷуд будани таҷҳизоти иловагӣ, арзиши нақлиёти автомобилӣ тасҳеҳ шуда метавонад. Арзиши таҷҳизот $Н_{таҷҳ}$ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$Н_{таҷҳ} = \Sigma[Н_{таҷҳ\ нав} \times (1 – Ф_{3i} / 100\%)]$[рубл], (3.17)

ки дар он $Н_{таҷҳ\ навi}$ – нархи таҷҳизоти иловагии нави і, руб;

$Ф_{эi}$ – фарсудашавии таҷҳизоти иловагии і (ниг. банди 3.2.), %.

3.4.9. Нархгузор арзиши ниҳоии нақлиёти автомобилиро аз руи тарзи хароҷотӣ $А^{тх}$ бо назардошти ҳамаи омилҳо муайян менамояд:

$А^{ТХ} = Н_2 + Н_{асос} – Н_{паст\ илова}$ [руб]. (3.18)

*3.5. Мувофиқгардонии натиҷаҳо аз рӯи тарзҳо*

3.5.1. Арзиши ҷамъбастии объекти нархгузорӣ пас аз мувофиқгардонии натиҷаҳои бо корбурди тарзҳои мухталиф ба даст омада муайян карда мешавад.

Ҳангоми мувофиқгардонии натиҷаҳо аз руи тарзҳо бояд намуди арзиши муайяншаванда, инчунин нуқтаи назари нархгузор дар бораи сифати натиҷаҳое, ки дар доираи тарзҳои истифодашуда ба даст омадаанд, ба ҳисоб гирифта шаванд.

3.5.2. Мувофиқгардонӣ тавассути таҳқиқи афзалият ва норасоиҳои ҳар яке аз тарзҳо гузаронида мешавад.

Бартарӣ ва норасоиҳои тарзҳои истифодашуда аз руи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешаванд (вобаста аз шартҳои таҳқиқоти мушаххас, нархгузор номгӯй ва/ё мундарихаи меъёрҳоро тағйир дода метавонад):

- саҳеҳии иттилооте, ки дар асоси он таҳқиқот гузаронида шудааст ($К_1$);
- кофӣ будани иттилооте, ки дар асоси он таҳқиқот гузаронида шудааст ($К_2$);
- қобилияти тарз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани вазъи бозор ($К_3$);
- қобилияти тарз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани таъсири омилҳои нархгузории хоси объект ва шабеҳҳои он ($К_4$).

3.5.3. Арзиши нақлиёти автомобилӣ $А_{мувофик}$ пас аз мувофиқгардонӣ, ки тавассути формулаи зерин ихро мегардад, муайян карда мешавад:

$А_{мувофиқ} = А^{ТХ} \times В_{ТХ} + А^{ТМ} \times В_{ТМ}$ [рубл], (3.19)

ки дар он $А^{ТМ}$ – арзиши нақлиёти автомобилии бо тарзи муқоисавӣ муайяншуда, руб;

$А^{ТХ}$ - арзиши нақлиёти автомобилии бо тарзи хароҷотӣ муайяншуда, руб;

$В_{ТМ}$ – вазни тарзи муқоисавӣ;

$В_{ТХ}$ – вазни тарзи хароҷотӣ.

3.5.4. Вазнҳои $В_{ТМ}$ ва $В_{ТХ}$ бо роҳи бо холҳо баҳогузорӣ намудани тарзҳо аз руи ҳар як меъёр муайян карда мешаванд.

Нархгузор ҳар як меъёрро аз рӯи ҳар кадоме аз тарзҳо бо холҳои $V_{ki}$ баҳогузорӣ менамояд. Чӣ қадаре, ки меъёр дар тарз пурра истифода гардад, ба вай ҳамон қадар холи баландтар дода мешавад. Ба кор бурдани низоми баҳогузории на беш аз даҳхола тавсия дода мешавад.

Ҷадвали 3.3. Муайян намудани вазни тарзҳо

| Меъёрҳои баҳогузорӣ | Холҳои ба меъёр гузошташуда | |
|---|---|---|
| | Хароҷотӣ | Муқоисавӣ |
| Саҳеҳии иттилооте, ки дар асоси он таҳқиқот гузаронида шудааст ($К_1$); | $V_{KI}^{TX}$ | $V_{KI}^{TM}$ |
| Кофӣ будани иттилооте, ки дар асоси он таҳқиқот гузаронида шудааст ($К_2$); | $V_{K2}^{ЗП}$ | $V_{K2}^{СП}$ |
| қобилияти тарз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани вазъи бозор ($К_3$); | $V_{K3}^{TX}$ | $V_{K3}^{TM}$ |
| қобилияти тарз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани таъсири омилҳои нархгузории хоси объект ва шабеҳҳои он ($К_4$). | $V_{K4}^{TX}$ | $V_{K4}^{TM}$ |
| Ҷамъи холҳо аз руи ҳар як тарз | $V^{ЗП} = \sum_{i=1}^{4} V_{Ki}^{ЗП}$ | $V^{СП} = \sum_{i=1}^{4} V_{Ki}^{СП}$ |
| Ҷамъи холҳо аз руи ҳамаи тарзҳо | $V = V^{TX} + V^{TM}$ | |
| Вазни тарз | $В_{ТХ} = V^{TX}/V$ | $В_{ТМ} = V^{TX}/V$ |

3.5.5. Дар сурати номукаммалӣ, ҷой доштани нуқсон бинобар истифода ва нигоҳдории нодурусти нақлиёти автомобилӣ, носозӣва бартараф накардани осебҳо ва нишонаҳои таъмир, арзиши ниҳоии нақлиёти автомобилиро $Н_{них}$ нархгузор бо роҳи тасҳеҳи минбаъдаи арзиши $А_{мувофиг}$, бо усули дар бандҳои 3.6., 3.7. ва 3.8. тазаккургардида, муайян менамояд.

*3.6. Муайян намудани нархи нақлиёти автомобилӣ дар шароити махсуси фуруш*

Агар маълум гардад, ки автомашина дар шароитҳои махсус фурухта мешавад, арзиши нақлиёти автомобилии аз руи бандҳои 3.3., 3.4. ва 3.5. ҳисобкардашуда ба таври иловагӣ пасттар шуда метавонад.

Номгуи тахминии шароитҳои махсус ва андозаи иловагии камшавии арзиш:

- мавҷуд набудани имконияти гузаронидани омодакунии пешакӣ ба фуруш (фуруш бо шарти «чӣ хеле, ки ҳаст») – арзиши $А_{мувофиг}$ барои хароҷоти ба фуруш тайёркунӣ дар назар дошташаванда, кам карда мешавад:
- фурухтан пас аз муҳлати тӯлонии нигоҳдорӣ дар шароити номусоид - арзиши $А_{мувофиг}$ барои ҳар як соли нигоҳдорӣ бар илова 5% кам карда мешавад;
- фурухтани нақлиёти автомобилие, ки нишонаҳои тамғавии барои истифода иҷозатшудаи он тағйир дода шудааст - арзиши $А_{мувофиг}$ бар илова 15% кам карда мешавад;
- маҳдудият аз руи муҳлати фуруш (фуруши фаврӣ) – камшавии иловагии арзиши $А_{мувофиг}$ то 15%-ро ташкил карда метавонад;
- фуруш бо шарти «дар ҷое, ки қарор дорад» - камшавии иловагии арзиши $С_{мувофиг}$ баробар ба хароҷоти дастраснамоии он то харидори эҳтимолӣ.

*3.7. Муайян кардани арзиши нақлиёти автомобилии номуҷаҳҳазшуда*

3.7.1. Нархгузории нақлиёти автомобилии номуҷаҳҳазшуда бо роҳи аз арзиши нақлиёти автомобилии муҷаҳҳазшуда соқит намудани арзиши хароҷот барои то ҳолати ибтидоӣ муҷаҳҳаз намудани нақлиёти автомобилии пешниҳодшуда анҷом дода мешавад.

3.7.2. Нархи нақлиёти автомобилии номуҷаҳҳазшуда бо тартиби зер муайян мегардад:

- арзиши нақлиёти автомобилӣдар ҳолати муҷаҳҳазӣ $А_{мувофиқ}$ муқаррар карда мешавад;
- номгуй ва нархи қисму ҷузъҳои мавҷуднабуда муқаррар карда мешавад;
- номгӯй ва нархи корҳо оид ба васлу насби қисму ҷузъҳои мавҷуднабуда муқаррар карда мешавад;
- арзиши ниҳоии нақлиёти автомобилӣ тавассути аз арзиши автомашина $А_{мувофиқ}$ тарҳ намудани нархи қисму ҷузъҳои мавҷуднабуда ва корҳо оид ба васлу насби онҳо (яъне, тарҳи арзиши муҷаҳҳазнамоӣ), муайян карда мешавад.

3.7.3. Дар сурати зиёда аз 80%-и арзиши нақлиёти автомобилӣ шудани хароҷоти муҷаҳҳазнамоӣ (бо назардошти фарсудашавии автомашина) $А_{мувофиқ}$, арзиши нақлиёти автомобилии номуҷаҳҳаз ба арзиши боқимондаи қисмҳои коршоями автомашина баробар мешавад.

*3.8. Тасҳеҳи нархи нақлиёти автомобилӣ дар мавриди ҷой доштани нуқсонҳои истифодабарӣ, носозиҳо, нишонаҳои таъмир*

3.8.1. Дар сурати ҷой доштани нуқсонҳои бинобар истифодаи нодуруст ва/ё шароити нигоҳдорӣ падидомада, ки ба ивазкунӣ, таъмир ё рангкунӣ эҳтиёҷ доранд, нархи нақлиёти автомобилӣ ба андозаи арзиши бартарафкунии нуқсонҳо - $У_{нуқс}$ метавонад ба таври иловагӣ кам карда шавад.

Ба нуқсонҳое, ки боиси паст шудани нархи нақлиёти автомобилӣ мегарданд, нисбат доранд:

- зангзанӣ (коррозия);
- ҷудо шудани қабатҳои ороишии хромпушшуда;
- роғашавии элементҳои борбаранда;
- осеб ёфтани рангу лаки кузов (харошаҳо, ҷудошавии қабати рангпӯшшуда ва ғ.);

- олудашавӣ, пора шудани рӯйкашҳои дохили автомашина;
- гум шудани хусусиятҳои ороишӣ ва ҷисмонии маводҳои полимерӣ ва газворӣ (куҳнашавӣ, паридани ранг, тобпартоӣ, зангзанӣ);
- хира гардидани мавзеъҳои шишабандишуда.

3.8.2. Дар сурати ҳангоми муоина ошкор гардидани нишонаҳои таъмир, арзиши нақлиёти автомобилӣ бар илова пасттар карда шуда метавонад. Дар ин маврид пастшавии иловагии арзиш бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$П_{таъм} = А_{мувофиқ} \times \Sigma К_{таъм\ i} / 100\%$ [руб], (3.20)

ки дар он $К_{таъм}$ – коэффисиенти пастшавии нархи нақлиёти автомобилӣ аз руи ҷузъи i, % ($К_{таъм\ i} = К_{паст\ арз\ Imax}$, ниг. ба замимаи 6).

3.8.3 Дар сурати ошкор шудани осеб, носозиҳои ба бартарафкунӣ муҳтоҷбуда, арзиши нақлиёти автомобилӣ ба таври иловагӣ ба андозаи арзиши корҳои вобаста ба бартарафкунии носозиҳои мазкур (бо назардошти фарсудашавии нақлиёти автомобилӣ) метавонад кам карда шавад.

3.8.4. Арзиши ниҳоии нақлиёти автомобилӣ, бо назардошти фарсудашавӣ бинобар истифодабарӣ, нуқсонҳои дар натиҷаи истифода ва нигоҳдории нодуруст падидомада, осебҳои бартарафнакарда ва нишонаҳои таъмир бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$А_{ниҳ} = А_{мувофиқ} - П_{нуқс} – А_{р}$ [руб]. (3.21)

Намунаи ҳисоббарорӣ оид ба муайян кардани арзиши нақлиёти автомобилӣ дар замимаи 7 оварда шудааст.

## Замимаҳо

Замимаи 1. Нишондиҳандаҳои фарсудашавии воситаҳои нақлиётии автомобилӣ ба ҳар як 1000 км масофаи гашт

Замимаи 2. Нишондиҳандаҳои фарсудашавӣ (куҳнашавӣ)-и воситаҳои нақлиётии автомобилӣ барои 1 соли истифодабарӣ вобаста аз масофаи гашти миёнаи солона

Замимаи 3. Масофаи гашти миёнаи солона. Тавсияҳо оид ба ҳисобкунии масофаи гашти миёнаи солонаи нақлиёти автомобилӣ

Замимаи 4. Нархгузории шинаҳо

Замимаи 5. Коэффисиенти мувофиқгардонии нархи моделҳои воситаҳои нақлиётии аз истеҳсол гирифташуда ба нархи моделҳои нақлиёти автомобилии истеҳсолшаванда

Замимаи 6. Коэффисиенти паст шудани арзиши бозории мол

Замимаи 7. Намунаи нархгузории арзиши автомобили сабукрав

**Замимаи 1**

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФАРСУДАШАВИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ БА ҲАР 1000 КМ ГАШТ

Ҷадвали Д 1.1. Нишондиҳандаҳои фарсудашавӣ ба 1000 км гашт барои автомобилҳои сабукрав аз рӯи гуруҳҳо

| Гуруҳи автомобилҳо | Бузургии нишондиҳандаҳои фарсудашавӣ аз рӯи гуруҳҳо, % ба 1 000 км | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1* | 1 | 2* | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| Истеҳсоли хориҷӣ | | 0,38 | | 0,34 | 0,30 | 0,27 | 0,24 | 0,21 |
| Истеҳсоли ИЧШС, Русия ва ИДМ | 0,60 | 0,45 | 0,50 | 0,40 | 0,35 | 0,30 | 0,26 | 0,22 |
| Эзоҳ: Ҳисоббарории фарсудашавӣ аз истифодаро барои автобусҳо ва автомобилҳои боркашон тибқи Тавсияҳои методӣ оид ба гузаронидани ташхиси мустақили техникии воситаҳои нақлиёти автомобилии назди ОСАГО № 001 МР/СЭ. – М., ПИТНА , МФРТС, МЭК ВКД Русия, НПСО “Иттиҳодияи коршиносони нақлиёт”, 2005 тавсия карда мешавад. | | | | | | | | |

Чадвали П 1.2. Ба гуруҳҳо ҷудо кардани автомобилҳои сабукрави истеҳсоли ИҶШС, Русия, кишварҳои ИДМ

| Тамғаи автомобил | Модел | Гуруҳ |
|---|---|---|
| ЗАЗ | ЗАЗ-965, модификатсияҳояш | 1* |
| ВАЗ: оилаи 2110 | ВАЗ-21703-01 Priora сед. (1.6 л., 98 қ.а.) | | | | | 1.00 | | | | | | | |
| | 21101-51 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то июн'07) | | | | 1.00 | 0.88 | | | | | | | |
| | 21101-01 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то фев'06) | | | 1.00 | 0.98 | 0.86 | | | | | | | |
| | 21102-01 (1.5 л., 76 қ.а., ≈ то май'05) | | 1.00 | 0.97 | 0.96 | 0.84 | | | | | | | |
| | 21102-00 (1.5 л., 76 қ.а., | | 0.97 | 0.94 | 0.93 | 0.82 | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ≈ то авг'03) | | | | | | | | | | | | |
| | 21104-51 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то июн'07) | | | | 1.00 | 0.91 | | | | | | | |
| | 21104-01 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то фев'06) | | | 1.00 | 0.98 | 0.90 | | | | | | | |
| | 21103-01 (1.5 л., 94 қ.а., ≈ то апр'05) | | 1.00 | 0.97 | 0.95 | 0.87 | | | | | | | |
| | 21103-00 (1.5 л., 94 қ.а., ≈ то апр'04) | 1.00 | 0.96 | 0.93 | 0.91 | 0.83 | | | | | | | |
| | 2110-00 (1.5 л., 69 қ.а., ≈ то дек'01) | 0.96 | 0.92 | 0.89 | 0.87 | 0.80 | | | | | | | |
| | 21108 Премьер (1.6 л., 91 қ.а., ≈ то июн'07) | - | - | - | - | 1.19 | | | | | | | |
| | 21108 Премйер (1.8 л., 98 қ.а., ≈ то июн'07) | - | - | - | - | 1.29 | | | | | | | |
| | ВАЗ-21713-01 Priora ун. (1.6 л., 98 қ.а., ≈ то окт'10) | | | | | 1.00 | 1.03 | | | | | | |
| | ВАЗ-21703-01 Priora сед. (1.6 л., 98 қ.а., ≈ то окт'10) | | | | 1.00 | 0,97 | 1.00 | | | | | | |
| | 21114-51 (1.6 л., 90 қ.а.) | | | 1.00 | 0.98 | 0.95 | | | | | | | |
| | 21114-01 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то фев'06) | | 1.00 | 0.98 | 0.97 | 0.94 | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 21113-00 (1.5 л., 94 қ.а., ≈ то дек'04) | | 0.94 | 0.93 | 0.91 | 0.88 | | | | | | | |
| | 21112-51 (1.6 л., 80 қ.а., ≈ то янв'09) | | | 1.00 | 0.95 | 0.92 | | | | | | | |
| | 21112-00 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то фев'06) | | 1.00 | 0.98 | 0.94 | 0.91 | | | | | | | |
| | 21110-00 (1.5 л., 76 қ.а., ≈ то дек'04) | 1.00 | 0.97 | 0.95 | 0.90 | 0.88 | | | | | | | |
| | 21111-00 (1.5 л., 76 қ.а., ≈ то апр'01) | 1.00 | 0.97 | 0.95 | 0.90 | 0.88 | | | | | | | |
| | ВАЗ-21723-01 Priora хет. (1.6 л., 98 қ.а.) | | | | | 1.00 | | | | | | | |
| | 21121-51 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то янв'09) | | | | 1.00 | 0.93 | | | | | | | |
| | 21121-01 (1.6 л., 90 қ.а.) | | | 1.00 | 0.98 | 0.92 | | | | | | | |
| | 21122-01 (1.5 л., 76 қ.а., ≈ то янв'05) | | 1.00 | 0.95 | 0.94 | 0.87 | | | | | | | |
| | 21122-00 (1.5 л., 76 қ.а., ≈ то янв'04) | | 0.96 | 0.91 | 0.90 | 0.84 | | | | | | | |
| | 21124-51 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то янв'09) | | | | 1.00 | 0.95 | | | | | | | |
| | 21124-01 (1.6 л., 90 қ.а., ≈ то фев'06) | | | 1.00 | 0.98 | 0.93 | | | | | | | |
| | 21120-01 (1.5 л., 90 қ.а., | | 1.00 | 0.97 | 0.95 | 0.90 | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ≈ то дек'04) | | | | | | | | | | | | |
| | 2112-00 (1.5 л., 94 к.а.) | | 1.00 | 0.97 | 0.95 | 0.90 | | | | | | | |
| | 21124-28 (1.8 л., 98 қ.а., ≈ то янв'09) | | - | - | - | 1.12 | | | | | | | |
| | 21123 (1.6 л., 90 қ.а., 3 дара, ≈ то янв'10) | | - | - | - | 0.96 | | | | | | | |
| | 21154-40 (1.5 л.) | | | | | 1.00 | | | | | | | |
| | Lada21154 (1.6 л.) | | | | 1.00 | - | | | | | | | |
| | 21154-30 (1.5 л., ≈ то март'11) | | | 1.00 | 1.00 | 0.97 | | | | | | | |
| | 21154-20 (1.5 л., ≈ то март'11) | | 1.00 | 0.90 | 0.90 | 0.87 | | | | | | | |
| | 21150-20 (1.5 л., ≈ то март'08) | 1.00 | 0.99 | 0.89 | 0.89 | 0.86 | | | | | | | |
| ВАЗ: оилаи "Самара" | 21099 | 0.94 | 0.93 | 0.83 | 0.83 | 0.81 | | | | | | | |
| | 21134-40 (1.5 л.) | | | | | 1.00 | | | | | | | |
| | Lada 21134 (1.6 л.) | | | | 1.00 | - | | | | | | | |
| | 21134-30 (1.5 л., ≈ то март'11) | | | 1.00 | 0.95 | 0.97 | | | | | | | |
| | 21134-20 (1.5 л., ≈ то март'11) | | 1.00 | 0.89 | 0.85 | 0.86 | | | | | | | |
| | 21130-20 (1.5 л., ≈ то апр'08) | 1.00 | 0.98 | 0.88 | 0.84 | 0.85 | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 21083 (пощдиҳ) | 0.89 | 0.88 | 0.78 | 0.75 | 0.76 | | | | | | | | | |
| | 21083 (карб.) | 0.77 | 0.76 | 0.68 | 0.64 | 0,65 | | | | | | | | | |
| | 2108 | 0.65 | 0.64 | 0.57 | 0.54 | 0.55 | | | | | | | | | |
| | 21081 | 0.61 | 0.60 | 0.54 | 0.51 | 0.52 | | | | | | | | | |
| | 21144-40 (1.5 л.) | | | | | 1.00 | | | | | | | | | |
| | Lada 21144 (1.6 л.) | | | | 1.00 | - | | | | | | | | | |
| | 21144-30 (1.5 л., ≈ то март'11) | | | 1.00 | 0.98 | 0.97 | | | | | | | | | |
| | 21144-20 (1.5 л., ≈ то март'11) | | 1.00 | 0.90 | 0.88 | 0.87 | | | | | | | | | |
| | 21140-20 (1.5 л., ≈ то март'08) | 1.00 | 0.99 | 0.88 | 0.87 | 0.85 | | | | | | | | | |
| | 21093 (пощдиҳ.) | 0.96 | 0.95 | 0.85 | 0.83 | 0.82 | | | | | | | | | |
| | 21093 (карб.) | 0.84 | 0.83 | 0.74 | 0.73 | 0.72 | | | | | | | | | |
| | 2109 | 0.77 | 0.76 | 0.68 | 0.67 | 0.66 | | | | | | | | | |
| | 21091 | 0.73 | 0.72 | 0.65 | 0.63 | 0.62 | | | | | | | | | |
| АЗЛК | 2141 "Святогор" 1.7 л. | 0.96 | 0.95 | 0.85 | 0.83 | 0.82 | | | | | | | | | |
| | 2141 ва модификтсияҳои он то соли 1999 | 0.91 | 0.90 | 0.80 | 0.79 | 0.78 | | | | | | | | | |
| | 21414 (бо муҳаррики Renault) | 1.19 | 1.17 | 1.05 | 1.03 | 1.02 | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2140 | 0.69 | 0.68 | 0.61 | 0.60 | 0.59 | | | | | | | |
| | 2138 | 0.62 | 0.61 | 0.55 | 0.54 | 0.53 | | | | | | | |
| | 2137 | 0.73 | 0.72 | 0.65 | 0.63 | 0.62 | | | | | | | |
| | 2136 | 0.66 | 0.65 | 0.58 | 0.57 | 0.56 | | | | | | | |
| | 412 | 0.50 | 0.49 | 0.44 | 0.43 | 0.43 | | | | | | | |
| | 427 | 0.55 | 0.54 | 0.49 | 0.48 | 0.47 | | | | | | | |
| | 408 | 0.47 | 0.46 | 0.42 | 0.41 | 0.40 | | | | | | | |
| | 403 | 0.33 | 0.33 | 0.29 | 0.29 | 0.28 | | | | | | | |
| | 407 | 0.30 | 0.30 | 0.27 | 0.26 | 0.26 | | | | | | | |
| | 410, 423 | 0.27 | 0.27 | 0.24 | 0.23 | 0.23 | | | | | | | |
| | 410Н, 423Н | 0.35 | 0.34 | 0.31 | 0.30 | 0.30 | | | | | | | |
| Иж | 2126 | 0.71 | 0.70 | 0.63 | 0.61 | 0.61 | | | | | | | |
| | 21251 | 0.60 | 0.59 | 0.53 | 0.52 | 0.51 | | | | | | | |
| | 2125 | 0.59 | 0.58 | 0.52 | 0.51 | 0.50 | | | | | | | |
| ГАЗ | 3102-121 | 1.00 | | | | | | | | | | | |
| | 3102-101 | 0.96 | | | | | | | | | | | |
| | 3102-111 | 0.95 | | | | | | | | | | | |
| | 3102-311 | 0.82 | | | | | | | | | | | |
| | 3102-315 | 0.92 | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 31105-120 | 1.00 | | | | | | | | | | | |
| | 3110-101 | 0.86 | | | | | | | | | | | |
| | 3110-111 | 0.85 | | | | | | | | | | | |
| | 3110-416 | 0.84 | | | | | | | | | | | |
| | 3110-600 дизел | 1.29 | | | | | | | | | | | |
| | 31029 | 0.68 | | | | | | | | | | | |
| | 24-10 | 0.55 | | | | | | | | | | | |
| | 24 | 0.51 | | | | | | | | | | | |
| | 21 | 0.25 | | | | | | | | | | | |
| | 20 | 0.17 | | | | | | | | | | | |
| | 310221-100, -110 | 1.00 | | | | | | | | | | | |
| | 310221-311, -411 | 0.81 | | | | | | | | | | | |
| | 24-12 | 0.54 | | | | | | | | | | | |
| | 24-02 | 0.50 | | | | | | | | | | | |
| | 22 | 0.27 | | | | | | | | | | | |
| | 315196-035 Hunter мет.бом, Б 2.7 л., 112 қ.а. | | | | | | | | | | 1.00 | | |
| УАЗ | 315196-130 Hunter тентБ 2.7 л., 112 қ.а. | | | | | | | | | | 0.90 | | |
| | 315195-051 Б 2.7 л., 128 | | | | | | | | | 1.00 | 0.99 | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | қ.а., ≈ то апр'11 | | | | | | | | | | | | |
| | 315195-030 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то янв'08 | | | | | | | | 1.00 | 0.96 | 0.96 | | |
| | 31519-095 Б 2.9 л., 84 қ.а., ≈ то дек'06 | | | | | | | | 0:87 | 0.83 | 0.83 | | |
| | 31519-037 Б 2.4 л., 84 қ.а., ≈ то дек'06 | | | | | | | 1.00 | 0.83 | 0.80 | 0.80 | | |
| | 31519-017 Б 2.4 л., 84 қ.а., ≈ то фев'05 | | | | 1.00 | - | - | 0.98 | 0.82 | 0.79 | 0.78 | | |
| | 315195-015 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то май'04 | | | 1.00 | 1.02 | - | - | 1.01 | 0.84 | 0.81 | 0.80 | | |
| | 315192-017 Б 2.9 л., 84 қ.а., ≈ то март'04 | | 1.00 | 0.90 | 0.93 | - | - | 0.91 | 0.76 | 0.73 | 0.72 | | |
| | 31519-037 Б 2.9 л., 98 қ.а., ≈ то ноя'02 | 1.00 | 1.06 | 0.96 | 0.98 | - | - | 0.96 | 0.80 | 0.77 | 0.77 | | |
| | 31519 Б 2.9 л., 98 қ.а., ≈ то авг'01 | 0.99 | 1.05 | 0.95 | 0.97 | - | - | 0.95 | 0.79 | 0.76 | 0.76 | | |
| | 31512 Б 2.4 л., 76 қ.а., ≈ то дек'06 | | | - | - | 1.00 | - | - | 0.72 | 0.70 | 0.69 | | |
| | 315123-011 Д 2.4 л., 86 қ.а., ≈ то май'06 | | 1.00 | - | - | 1.30 | - | - | 0.94 | 0.91 | 0.90 | | |
| | 315122 Б 2.4 л., 92 қ.а., ≈ то март'04 | 1.00 | 0.67 | - | - | 0.87 | - | - | 0.63 | 0.61 | 0.60 | | |
| | 31512 Б 2.4 л., 92 қ.а., ≈ | 1.01 | 0.67 | - | - | 0.88 | - | - | 0.63 | 0.61 | 0.61 | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | то ноя'02 | | | | | | | | | | | | |
| | 3159-020 Барс Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то май'04 | | | 1.87 | 1.91 | - | - | 1.88 | 1.56 | 1.51 | 1.50 | | |
| | 3153-095 Б 2.9 л., 84 қ.а., ≈ то дек'05 | 1.00 | - | - | - | - | - | 1.36 | 1.13 | 1.09 | 1.08 | | |
| | 3153-013 Б 2.9 л., 84 қ.а., ≈ то апр'05 | 0.89 | - | - | - | - | - | 1.21 | 1.00 | 0.96 | 0.96 | | |
| | 3163-125 Б 2.7 л., 128 қ.а., инчектор | | | | | | | | | | | | 1.00 |
| | 3163-121 Б 2.7 л., 128 қ.а., кондитсионер, ≈ то май'11 | | | | | | | | | | | 1.00 | 0.96 |
| | 3163-118 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то дек'09 | | | | | | | | | | 1.00 | 0.99 | 0.95 |
| | 3163-013 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то янв'08 | | | | | | | | | 1.00 | 1.00 | 0.99 | 0.95 |
| | 3163-10 (Патриот) Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то дек'06 | | | | | | | | 1.00 | 0.96 | 0.96 | 0.95 | 0.91 |
| | 31622-210 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то янв'05 | 1.00 | - | - | 1.33 | - | - | 1.31 | 0.72 | 0.69 | 0.69 | 0.69 | 0.66 |
| | 31622-021 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то апр'04 | 0.99 | - | - | 1.31 | - | - | 1.29 | 0.71 | 0.68 | 0.68 | 0.68 | 0.65 |
| | 31602-011 Б 2.7 л., 128 қ.а., ≈ то май'04 | 0.97 | - | - | 1.30 | - | - | 1.28 | 0.70 | 0.67 | 0.67 | 0.67 | 0.64 |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 31631-227 Патриот диз. IVECO FIA 2.3 л., 116 қ.а., кондитсионер | 1.00 | | | | | | | | | | | |
| | 31631-113 Патриот Д 2.3 л., 115 қ.а., ≈ то апр'11 | 0.87 | | | | | | | | | | | |
| | 315148-055 Hunter мет.бом, Д 2.4 л., 92 қ.а. | | | | | | | | | | | 1.00 | |
| | 315148-053 Д 2.2 л., 91 қ.а., ≈ то апр'11 | | | | | | | | | | 1.00 | 0.96 | |
| | 315148-050 Д 2.2 л., 91 қ.а., ≈ то дек'08 | | | | | | | | | 1.00 | 1.00 | 0.96 | |
| | 315148-095 Д 2.2 л., 91 қ.а, ≈ то янв'08 | | | | | | | | 1.00 | 0.99 | 0.99 | 0.95 | |
| | 315143-095 Д 2.4 л., 86 қ.а., ≈ то дек'06 | | | | | | 1.00 | 1.21 | 0.94 | 0.93 | 0.93 | 0.89 | |
| | 315143-195 Д 2.4 л., 86 қ.а., ≈ то июл'05 | | | | | 1.00 | 0.94 | 1.15 | 0.89 | 0.88 | 0.88 | 0.84 | |
| | 315143-011 Д 2.4 л., 86 қ.а., ≈ то апр'05 | | | | 1.00 | 0.98 | 0.93 | 1.13 | 0.87 | 0.86 | 0.86 | 0.83 | |
| | 315148 Д 2.2 л., 98 қ.а., ≈ то июл'04 | | | | 0.89 | 0.88 | 0.83 | 1.01 | 0.78 | 0.77 | 0.77 | 0.74 | |
| | 31514-017 Б 2.4 л., 76 қ.а., ≈ то июл'04 | | | 1.00 | 0.70 | 0.69 | 0.65 | 0.79 | 0.61 | 0.61 | 0.61 | 0.58 | |
| | 315142-017 Б 2.4 л., 92 қ.а., ≈ то март'04 | | 1.00 | 0.94 | 0.66 | 0.65 | 0.61 | 0.74 | 0.58 | 0.57 | 0.57 | 0.55 | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 31514-037 Б 2.4 л., 92 қ.а., ≈ то ноя'02 | 1.00 | 1.07 | 1.00 | 0.70 | 0.69 | 0.65 | 0.79 | 0.61 | 0.61 | 0.61 | 0.58 | |
| | 31514 Б 2.4 л., 92 қ.а., ≈ то авг'01 | 1.00 | 1.07 | 1.00 | 0.70 | 0.69 | 0.65 | 0.79 | 0.61 | 0.61 | 0.61 | 0.58 | |
| | 3151 Б 2.4 л., 92 қ.а., ≈ то март'99 | 0.96 | 1.03 | 0.96 | 0.68 | 0.67 | 0.63 | 0.76 | 0.59 | 0.58 | 0.58 | 0.56 | |
| | 469Б | 0.64 | 0.68 | 0.63 | 0.45 | 0.44 | 0.42 | 0.50 | 0.39 | 0.39 | 0.39 | 0.37 | |
| | ГАЗ-69 | 0.40 | 0.43 | 0.40 | 0.28 | 0.28 | 0.26 | 0.32 | 0.25 | 0.24 | 0.24 | 0.23 | |

Замимаи 6

# КОЭФФИСИЕНТҲОИ ПАСТШАВИИ АРЗИШИ МОЛ

Ҳангоми ҳисобкунии пастшавии арзиши мол (ПАМ) барои қисмҳои насбшуда ба таври илова барои ҷузъҳои он истифода бурдани ПАМ мумкин нест. Бинобар ин зербандҳои ҷадвалҳои П 5.1 ва П 5.2 дар якҷоягӣ бо банди асосӣ корбурд шуда наметавонанд.

Ҷадвали П 6.1. Коэффисиентҳои пастшавии арзиши мол барои автомобилҳои сабукрав ва дар заминаи онҳо барои автомобилҳои боркашон

| N | Номгӯи унсурҳо | Иваз | р. N 2 | р. N 3 – 4 |
|---|---|---|---|---|
| | Қисми пеш | | | |
| 1 | Капот | - | 0.3 | 0.7 |
| 2 | Панели пеш (чорчӯбаи радиатор) дар ҳолати насб (барои панелҳо ПАМ ҳангоми ивазкунӣ - 0) | 0.5 | 0.2 | 0.4 |
| 2.1 | Болори кундаланги болоии қисми пеш (чорчӯбаи радиатор) | 0.2 | 0.1 | 0.2 |
| 2.2 | Болори кундаланги поёнии қисми пеш (чорчӯбаи радиатор) | 0.3 | 0.1 | 0.2 |
| 3 | Сипари обдави (брызговик) ҷудошавандаи рӯйкаши радиатор | - | 0.1 | 0.2 |
| 4 | Сипари облави ҷудонашавандаи рӯйкаши радиатор | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 5 | Қаноти ҷудошаванда | - | 0.1 | 0.3 |
| 6 | Қаноти ҷудонашаванда | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 7 | Сипари обдави қаноти пеш бе лонжерон (азҷумла дар ҳоли насб бо қувватфизио болоӣ) | 1.7 | 0.7 | 1 |
| 8 | Лонжерони пеш бесипари обдавиқанот | 0.7 | 0.3 | 0.8 |
| 9 | Зиреҳи (щит) қисми пеш (азҷумла дар ҳолати насб бо қисми иловашуда) | 0.7 | 0.4 | 0.7 |
| 9.1 | Ҷузъи иловашудаи қисми пеш | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 10 | Қуттии ҳаводаро | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 11 | Панели ромитирезаи ҳаводаро | 0.7 | 0.4 | 0.5 |
| 11.1 | Қисми поёнии панели ромитирезаи ҳаводаро | 0.4 | 0.2 | 0.3 |
| | Қисми миёна | | | |
| 12 | Дари паҳлу | - | 0.2 | 0.4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 13 | Панели бом (азҷумла бо болори кундаланг) | 1.5 | 0.7 | 1.7 |
| 14 | Панели паҳлуии бом(ҷузъи аз ҷиҳати конструктивӣ алоҳида) | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 15 | Паҳлуи кузов бо қаноти чап (унсури аз ҷиҳати конструктивӣ ягона) | 2 | - | - |
| 15.1 | Паҳлуи кузов бо қаноти қафо (унсури аз ҷиҳати конструктивӣ ягона) | 1.5 | - | - |
| 15.2 | Қисми болоии паҳлу (аз сутуни пеш то қафо) | 0.5 | 0.5 | 1 |
| 15.3 | Пояи паҳлуи пеш (аз бом то остона) | 0.7 | 0.3 | 0.4 |
| 15.4 | Пояи паҳлуи қафо (аз бом то остона) | 0.5 | 0.3 | 0.4 |
| 15.5 | Пояи тирезаи ҳаводаро ё қафо (қисми пояи пеш ё қафои паҳлу ё роми тиреза) | 0.2 | 0.1 | 0.2 |
| 15.6 | Пояи марказии паҳлу | 0.5 | 0.3 | 0.4 |
| | | | | |
| 15.7 | Қисми поёнии паҳлу (остона) | 0.5 | 0.5 | 1 |
| 16 | Фарши салон | 3 | 0.7 | 1.4 |
| 17 | Лонжерон, болори кундаланги фарши салон | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| | Қисми ақиб | | | |
| 18 | Дари қафо, сарпӯши бағочмонак | - | 0.3 | 0.7 |
| 19 | Панели қисми қафо(азҷумла дар ҳоли насб бо қувватфизо ва болори кундаланг) | 0.4 | 0.3 | 0.5 |
| 20 | Қанот (унсури аз ҷиҳати конструктивӣ алоҳида) | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 21 | Қанот – панели берунаи ақиби паҳлу (унсури аз ҷиҳати конструктивӣ бо паҳлуи кузов ягона) | 0.6 | 0.4 | 0.7 |
| 22 | Равоқи чархи қафо дар ҳоли насб (қисмҳои берунӣ ва дохилӣ; азҷумла қисми қафои паҳлуи дохилӣ, агар унсури ягонаи конструктивӣ бошад) | 0.4 | 0.3 | 0.4 |
| 22.1 | Равоқи берунаи чархи қафо (азҷумла қисми ақиби паҳлуи дохилӣ, агар унсури ягонаи конструктивӣ бошад) | 0.2 | 0.1 | 0.2 |
| 22.2 | Панели дохилии паҳлу – қисми ақиб (унсури аз ҷиҳати конструктивӣ алоҳида) | 0.2 | 0.1 | 0.2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 23 | Фарши қисмати бағочмонӣ (азҷумла бо ҷузъҳои иловашуда) | 0.6 | 0.4 | 0.6 |
| 23.1 | Ҷузъи иловашудаи паҳлу ё қафои фарши қисми бағочмонӣ | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 24 | Лонжерони ақиб | 0.7 | 1 | 1.5 |
| 25 | Ҷузъи иловашудаиболори кундаланги пеши фарши ақиб (ёболори кундаланг бо ҷузъи иловашуда) | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 26 | Панели роми тирезаи қисми ақиб | 0.7 | 0.4 | 0.5 |
| 26.1 | Болори кундаланги поёнии роми тирезаи қисми қафо (азҷумла бо рафи ақиб) | 0.4 | 0.2 | 0.3 |
| | Рангдиҳӣ | | | |
| 27 | Рангдиҳии пурра ё берунии кузов | 5 | | |
| 28 | Рангдиҳии як унсури берунии кузов: | | | |
| | рангдиҳии унсури якум(К$_{\text{ПАМ ранг(1)}}$ | 0.5 | | |
| | Рангдиҳии унсури дуюм ва ҳар як унсури навбатӣ (К$_{\text{ПАМ ранг(№1)}}$ | 0.35 | | |
| | Ба қисмҳо ҷудо кардан, рост кардани каҷиҳо | | | |
| 29 | Вайроншавии яклухтии насбшавӣ дар завод ҳангоми пурра ба қисмҳо ҷудо кардани салони автомобили сабукрав, микроавтобус | 1 | | |
| 29.1 | Вайроншавии яклухтии насбшавӣ дар завод ҳангоми пурра ба қисмҳо ҷудо кардани қисми пеши салони автомобили сабукрав, микроавтобус | 0.4 | | |
| 29.2 | Вайроншавии яклухтии насбшавӣ дар завод ҳангоми пурра ба қисмҳо ҷудо кардани қисми акиби салони автомобили сабукрав, микроавтобус | 0.3 | | |

Ҷадвали П 6.1. Охираш

| N | Номгӯи унсурҳо | Иваз | р. N 2 | р. N 3 – 4 |
|---|---|---|---|---|
| 29.3 | Вайроншавии яклухтии насбшавӣ дар завод ҳангоми пурра ба қисмҳо ҷудо кардани қисми болоӣ ё поёнии салони автомобили сабукрав, микроавтобус | 0.15 | | |
| 30 | Каҷшавиҳо | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Сабук | 1 | | |
| | Миёна | 2 | | |
| | Мураккаб | 3 | | |
| | махсусан мураккаб | 5 | | |

Ҷадвали П 6.2. Коэффисиентҳои пастшавии арзиши мол барои автомобилҳои боркашон ва автобусҳо

| N | Руйхати унсурҳо | Иваз | р. N 2 | р. N 3 – 4 |
|---|---|---|---|---|
| | Қисми пеш | | | |
| 1 | Капот | - | 0.15 | 0.35 |
| 2 | Панели қисми пеш (чорчӯбаи радиатор) дар ҳоли насб (барои панелҳои ҷудошаванда ПАМ ҳангоми ивазкунӣ 0) | 0.5 | 0.2 | 0.4 |
| 2.1 | Болори кундаланги болоии қисми пеш | 0.2 | 0.1 | 0.3 |
| 2.2 | Болори кундаланги поёнии қисми пеш | 0.3 | 0.1 | 0.2 |
| 3 | Қаноти ҷудошаванда (қисми пеш ё қафо) | | 0.1 | 0.2 |
| 4 | Қаноти ҷудонашаванда (қисми пеш ё қафо) | 0.25 | 0.15 | 0.25 |
| 5 | Сипари обдави қаноти пеш бе лонжерон | 0.5 | 0.2 | 0.4 |
| 6 | Лонжерони пеш бе бризговик | 0.7 | 0.5 | 0.8 |
| 7 | Лонжерони фпрши кабина | 0.3 | 0.1 | 0.2 |
| 8 | Зиреҳи қисми пеш (барои қисматбандии капот) | 0.7 | 0.5 | 0.8 |
| 9 | Панелироми тирезаи ҳаводаро | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 10 | Панели паҳлуии кабина – ҷои дар (остона) | 0.7 (0.5) | 0.5 (0.3) | 1.0 (0.5) |
| 11 | Дари кабина | - | 0.15 | 0.25 |
| | Қисми мобайнӣ | | | |
| 12 | Дари паҳлу | | 0.15 | 0.25 |
| 13 | Панели бом (бо болорҳои кундаланг) | 1.5 | 0.8 | 1.5 |
| 13.1 | Панели пеши бом (миёна, ақиб) | 0.8 | 0.3 | 1.0 |
| 14 | Панели паҳлуии бом (унсури аз ҷиҳати конструктивӣ алоҳида) | 0.5 | 0.3 | 0.5 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15 | Паҳлуи кабина ё фургон | 1.5 | - | - |
| 16 | Панели паҳлуии берунаи фургон | 1.0 | 0.5 | 0.8 |
| 16.1 | Қисми поёнии паҳлу (остона) | 0.5 | 0.3 (0.5) | 0.5 (1.0) |
| 16.2 | Панели остона (бо дарозкунанда) | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 17 | Пояи паҳлу | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 18 | Қувватдиҳандаи пояи кабина ё фургон (барои детал) | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 19 | Фарши кабина (фарши қисми пеши салон) | 1.5 | 0.5 | 0.7 |
| 20 | Фарши қисми мобайнии салон | 3.0 | 1.0 | 1.5 |

Ҷадвали П 6.2. Охираш

| N | Руйхати унсурҳо | Иваз | р. N 2 | р. N 3 – 4 |
|---|---|---|---|---|
| 21 | Лонжерон, болори кундаланги фарши салон | 0.3 | 0.2 | 0.3 |
| 22 | Равоқи (арка) чархи қафо | 0.5 | 0.3 | 0.4 |
| | Қисми ақиб | | | |
| 23 | Дари қисми ақиб (барои дарҳои дутабақа ба ҳар яки он) | - | 0.15 | 0.35 |
| 24 | Девори ақиби кабина (болоӣ ё поёнӣ) | 1.0 | 0.5 | 0.8 |
| 25 | Фарши ақиб | 0.7 | 0.3 | 0.6 |
| 26 | Панели қисми ақиб | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 27 | Болори кундаланги панели қисми ақиб | | 0.1 | 0.2 |
| 28 | Панели кунҷии паҳлу | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 29 | Ром | | 0.7 | 2.0 |
| 29.1 | Лонжерони ром | | 0.5 | |
| 29.2 | Болори кундаланги пеш ё ақиби ром | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| 29.3 | Болори кундаланги ТСУ | 0.5 | 0.3 | 0.5 |
| | Рангдиҳӣ | | | |
| 30 | Рангдиҳии пурра ё беруни кузов (кабина) | 5 | | |
| 31 | Рангдиҳии як унсури берунаи кузов: | | | |
| | Рангдиҳии унсури якум($К_{\text{ПАМ ранг(1)}}$) | 0.5 | | |
| | Рангдиҳии унсури дуюм ва ҳар як унсури навбатӣ ($К_{\text{ПАМ ранг(№1)}}$) | 0.35 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 32 | Вайроншавии яклухтии насбкунии дар завод ичрошуда ҳангоми пурра ба қисмҳо чудо кардани таҷҳизоти кабинаи автомобили боркашон ё салони микро автобус, ҳамчунин ҳангоми ивази ром | 1 | | |
| 33 | Каҷшавиҳо: | | | |
| | Сабук | 1 | | |
| | Миёна | 2 | | |
| | Мураккаб | 3 | | |
| | махсусан мураккаб | 5 | | |

Замимаи 7

# НАМУНАИ НАРХГУЗОРӢ БА АВТОМОБИЛИ САБУКРАВ

**1. Супориш ба наргузорӣ**

Объекти наргузорӣ: автомобилиВАЗ21071, соли барориш 2012. VIA 210407XXXXXXX, муҷаҳҳазоти (комплектатсияи)стандартӣ

Санаи нархгузорӣ: 10.07.2015

**2.** Барои нархгузорӣ пешниҳод шудааст.

2.1. Шаҳодатномаи бақайдгирии 78УВ534678 ба автомобили ВАЗ 21074 VIA 210407XXXXXXX (нусха)

**3.** Нархгузорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва манбаъҳои иттилоотӣ сурат мегирад.

3.1. Тадқиқи воситаҳои нақлиётии автомобилӣ ва мотосиклҳо ба мақсади муайян кардани нархи таъмири таҷдидӣ ва наргузорӣ (Тавсияҳо барои коршиносони судӣ). – М.: РТЦСЭ, СЗРЦСЭ, 2013

3.2. «Нархи воситаҳои нақлиётии автомобилии ватанӣ, автокранҳо, автопогрузчикҳо, тарктορҳо ва муҳаррикҳо». – М.: ПРАЙС – Н, октябрь 2010

3.3. Нашрияҳои махсуси даврӣ дар июни соли 2015: «Реклама-Шанс», «Из рук в руки», «Пикап», «Лучший выбор»

**4. Расмиёт ва марҳилаҳои нархгузорӣ**

Муайян кардани арзиши бозории воситаи нақлиёт (ВН) дар марҳилаи зерин иҷро шудааст:

4.1. Омӯхтани иттилооти пешкаш кардаи супоришгар бо мақсади гирифтани маълумоте, ки ба арзиши объекти нархгузорӣ таъсир мерасонад.

Дар ин марҳила характеристикаҳои (мушаххасоти) асосии конструктивии объекти нархгузорӣ ва дараҷаи фарсудашавии он муайян карда шуданд.

4.2. *Ҷамъоварии додаҳои умумии бозорӣ ва таҳлили онҳо.* Дар ин марҳила додаҳо дар бораи воситаҳои нақлиётии шабеҳ, ки дар бозорҳои аввалия ва такрории (вторичный) ш. Душанбе пешниҳод шуда буданд, ҷамъ ва таҳлил карда шудаанд.

Таҳлили бозори объекти нархгузорӣ дар ҳаҷми пурра сурат нагирифтааст, зеро арзёбии дараҷаи таъсири вазъи бозор ба пешгӯии арзиши объекти нархгузорӣ тақозо карда нашудааст.

4.3 Истифодаи тарзҳои нархгузории ВН

Барои муайян кардани арзиши бозории ВН тарзҳои хароҷотӣ, муқоисавӣ ва даромадии нархгузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Тарзи муқоисавӣ- маҷмӯи методҳои нархгузорӣ аст, ки ба муқоисаи объекти нархгузорӣ бо объектҳои шабеҳи дар бозори озоди рақобатӣ пешниҳод шуда асос меёбад.

Тарзи даромадӣ- маҷмӯи методҳои нархгузорӣ аст, ки ба муайян кардани даромадҳои мунтазира (чашмдошт) аз объекти нархгузорӣ асос меёбад. Додаҳои боэътимод, ки дар асоси онҳо маҷрои даромаду хароҷоти аз тарафи объекти нархгузорӣ ҳосил (генератсия) шавандаро пешбинӣ кардан мумкин аст, дар ихтиёри нархгузор вуҷуд надорад, бинобар ин дар ҳисоботи мазкур методи даромадӣ барои муайян намудани арзиши бозории воситаи нақлиёт мавриди истифода қарор нагирифт.

Тарзи хароҷотӣ-маҷмӯи методҳои нархгузорӣ, ки ба муайян кардани масрафе асос меёбад, ки барои таҷдид ва ё иваз кардани объекти нархгузорӣзаруранд. Зимнан таҳти мафҳуми таҷдид арзиши бо нархи ҷорӣ сохтани нусхаи нави аниқи объекти мавриди нархгузорӣ бо истифодаи ҳамин хел мавод (масолеҳ), стандартҳо, ороиш ва бо ҳамин сифати кор (бо тамоми навоқис) фаҳмида мешавад; таҳти мафҳуми арзиши ивазкунӣ арзиши бо нархҳои ҷорӣ ба вуҷуд овардани объекте фаҳмида мешавад, ки бо объекти нархгузорӣ фоиданокии муодил дорад, вале аз маводи ҳозиразамонва тибқи стандарту ороиши (дизайни) муосир сохта шудааст.

4.4. Агар дар рафти муайян кардани арзиши объекти нархгузорӣ якчанд тарз мавриди истифода қарор гирад, натиҷаҳои тибқи ҳар тарз ба даст омада мувофиқа ё ҳамоҳанг карда мешаванд. Мақсади мувофиқгардонӣ муайян кардани нархи аз ҳама эҳтимолӣ тавассути ба назар гирифтани бартариву камбудиҳои тарзҳои мавриди истифода мебошад. Мувофиқгардонӣ имкон медиҳад, бузургии ҷамъбастии (хотимавии) арзиш муайян карда шавад.

**5.** Ҳангоми тадқиқи ҳуҷҷату маълумоти пешниҳод кардаи супоришгар коршинос мушаххасоти (характеристикаҳои) зерини сифатию миқдории объекти тадқиқро пазируфтааст:

5.1. Дар шаҳодатномаи бақайдгирии 78РУ355966, ки ҶСК «Автоваз» 13.01.2012 додааст, сабт шудааст:

Тамғаи, модел ВН : ВАЗ 21074; санаи барориш: соли 2012; рақами мушаххас (VIVI): XTA 2107407XXXXXXX; кузов NXTA2107407XXXXXXX; модел, N муҳаррик: 3945304; тобиши ранг: сурх. Рақами давлатии бақайдгирӣ С554СК98. Соҳибмулк (молик) Мирзоев Раҳмон Собирович.

5.2. Ҳолати воситаи нақлиётро дар лаҳзаи тадқиқ, чун қаноатбахш тавсиф кардан мумкин аст. Гашти (пробеги) он дар июли соли 2015 50 ҳазор км-ро ташкил кард. ВН бо муҳаррики инҷекторӣ муҷаҳҳаз аст. Ишорадиҳӣ (сигнализатсия) насб карда шудааст.

**6.** Муайян кардани арзиши бозорӣ

6.1. Дар доираи тарзи хароҷотӣ арзиши бозории автомобил чун арзиши таҷдиди тавлид (такрористеҳсол) бо назардошти фарсудашавии умумӣ (ҷисмонӣ/ истифодабарӣ/, таъинотӣ, иқтисодӣ) муайян карда шуд.

6.1.1. Фарсудашавии ҳисобии истифодабарӣ:

0,35%х50+1,2%х3,5=21,7%

ки дар ин ҷо 0,35- нишондиҳандаи фарсудашавии автомобил ба ҳар 1000 км-и гашт (пробег) аст;

3,5- шумораи солҳои истифодаи автомобил то санаи нархгузориаш;

1,2%- нишондиҳандаи кӯҳнашавии автомобил дар ҳар соли истифодаи он, ки ба гашти миёнаи солонаи 14,3 ҳазор км баробар аст.

6.1.2. Марбутан ба он, ки дар лаҳзаи муайян намудани арзиши автомобил истеҳсоли ин модел қатъ гардида буд, нархи воситаи нақлиёти нави шабеҳро дар рӯзи нархгузорӣ муайян кардан зарур аст:

0,96 х 208000,00 руб=199680,00рубл,

дар ин ҷо 0,96 коэффисиенти мувофиқ сохтани нархи автомобили истеҳсолаш қатъшуда ба нархи автомобили шабеҳ, ки дар лаҳзаи нархгузорӣ истеҳсол мешавад;

208,000,00 рубл- нархи автомобили шабеҳи нав.

6.1.3. Арзиши автомобил баъди фурӯши он маблағи зеринро ташкил мекунад:

0,90 х 199680,00руб =179,712,00 рубл.

дар ин ҷо 0,90-коэффисиенти коҳиши нархи автомобил дар синни то 5 соли баъди фурӯши он;

199680,00 рубл- нархи автомобили нав.

6.1.4. Нархи автомобил бо назардошти фарсудашавии аз истифодабарӣ маблағи зеринро ташкил мекунад:

179712,00 рубл- (179,712,00 рубл x 21,7%/100%)= 140,714,50 рубл.

6.2. Дар доираи тарзи муқоисавӣ арзиши автомобил бо усули муқоисаи мустақим бо автомобили хеле шабеҳ муайян карда шуд.

6.2.1. Нархгузор унсурҳои зерини муқоисаи автомобили мавриди нархгузориро бо автомобилҳои хеле шабеҳ интихоб кардааст, ки қиматҳои онҳо:

а) тамға, модел- ВАЗ21074;

б) санаи барориш- соли 2012.

6.2.2. Дар натиҷаи таҳлили эълонҳо дар бораи фурӯши дар моҳи июли соли 2015 аз рӯи унсурҳои интихобшудаи муқоиса аз маҷмӯи генералӣ бастаи гузида (выборка) аз 5 пешниҳод оид ба фурӯши автомобил дар бозори ш. Душанбе, ки ба автомобили мавриди нархгузорӣ (ҷадвали П7.1) шабеҳанд, ташаккул дода шуд.

Ҷадвали П 7.1. Тавсифи объектҳои шабеҳ

| Омил | Объекти нархгузорӣ | Шабеҳи 1 | Шабеҳи 2 | Шабеҳи 3 | Шабеҳ 4 | Шабеҳи 5 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамға, модел | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 |
| Маҳалли ҷойгиршавии объект | ш. Душанбе | ш. Душанбе | ш. Душанбе | Ш..Душанбе | ш. Душанбе | ш. Душанбе |
| Муомила ё пешниҳод | | пешниҳод | пешниҳод | пешниҳод | пешниҳод | пешниҳод |
| Навъи фурӯшанда | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ |
| Санаи пешниҳод | июни с. 2015 | июни с. 2015 | июни с. 2015 | июни с 2015 | июни с. 2015 | июни с. 2015 |
| Гашт, км | 50000 | 64000 | 65000 | 65000 | 60000 | 53000 |
| Соли барориш | с. 2012 | с. 2012 | с. 2012 | с. 2012 | с. 2012 | с. 2012 |
| Ҳолати автомобил | Хуб | Хуб | Хуб | хуб | хуб | хуб |
| Иҷроиши автомобил: | | | | | | |
| Навъи кузов | Седан | Седан | седан | седан | седан | седан |
| Навъи муҳаррик | бензинӣ, тазриқи тақсимшуда | бензинӣ, тазриқи тақсимшуда | бензинӣ, тазриқи тақсимшуда | бензинӣ, тазриқи тақсимшуда | бензинӣ, тазриқи тақсимшуда | бензинӣ, тазриқи тақсимшуда |
| Ҳаҷми кории муҳаррик, см. куб. | 1569 | 1569 | 1569 | 1569 | 1569 | 1569 |
| Иқтидори муҳаррик, қ.а. | 74 | 74 | 74 | 74 | 74 | 74 |
| Ҷаъбаи интиқол | Механикӣ | Механикӣ | механикӣ | механикӣ | механикӣ | механикӣ |

| Ҳаракатовар | Ақибӣ | Ақибӣ | Ақибӣ | ақибӣ | ақибӣ | ақибӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Навъи сир | бе эффект | бе эффект | бе эффект | бе эффект | бе эффект | бе эффект |
| Нархи матлуби фурӯшанда, руб. | | 115000 | 120000 | 125000 | 125000 | 127000 |
| Имкони савдо | | савдо имконпазир | савдо имконпазир | савдо имконпазир | савдо имконпазир | савдо имконпазир |
| Манбаииттилоотсайти http://cars.auto. ru/cars/used/ sale/... | | .../29063282-814f.html | .../28846382-ӣf4a4.html | .../28490756-ecefc.html | .../12371213-e9ӣ5a.html | .../12371213-d21aa.html |

6.2.3. Азбаски гашти мошинҳои шабеҳ аз гашти объекти нархгузорӣ фарқ мекунад, арзиши онҳо тасҳеҳ шудааст.
Ҷадвали П 7.2. Тасҳеҳи арзиши объектҳои шабеҳ

| Омил | Объекти нархгузорӣ | Шабеҳи 1 | Шабеҳи 2 | Шабеҳи 3 | Шабеҳ 4 | Шабеҳи 5 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамға, модел | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 | ВАЗ 21074 |
| Маҳалли ҷойгиршавии объект | ш. Душанбе | ш. Душанбе | ш. Душанбе | Ш..Душанбе | ш. Душанбе | ш. Душанбе |
| Муомила ё пешниҳод | | пешниҳод | пешниҳод | пешниҳод | пешниҳод | пешниҳод |
| Навъи фурӯшанда | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ | шахси ҳуқуқӣ |
| Санаи пешниҳод | июни с. 2015 | июни с. 2015 | июни с. 2015 | июни с 2015 | июни с. 2015 | июни с. 2015 |

| Гашт, км.<br>Нархи матлуби фурӯшанда, руб.<br>Соли бароориш | 50000<br><br>2012 | 64000<br>115000<br>2012 | 65000<br>120000<br>2012 | 65000<br>125000<br>2012 | 60000<br>125000<br>2012 | 53000<br>127000<br>2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Фарсудашавӣ тибқи гашт | 17.5% | 22.4% | 22.8% | 22.8% | 21.0% | 15.1% |
| Муҳлати истифода, сол | 3.5 | 3.8 | 3.8 | 3.8 | 3.8 | 3.8 |
| Гашти (пробег) миёнаи солона, ҳаз. Км | 14.3 | 16.8 | 17.1 | 17.1 | 15.8 | 11.3 |
| Фарсудашавӣ тибқи муҳлати истифода, % | 4.2% | 4.4% | 4.4% | 4.4% | 4.6% | 5.3% |
| Фарсулашавии умумӣ, % | 21.7% | 26.8% | 27.2% | 27.2% | 25.6% | 20.4% |
| Коэффисиенти тасҳеҳ | | 1.05 | 1.06 | 1.06 | 1.04 | 0.99 |
| Арзиши тасҳеҳшуда, руб. | | 120 750.0 | 127 200.0 | 132 500.0 | 130 000.0 | 125 730.0 |

6.2.4. Барои муайян кардани нархи миёнаи пешниҳод панҷ ифодаи нарх интихоб шудааст:

120750,00 рубл; 127200,00 рубл.; 132500,00 рубл.; 130000,00 рубл.; 125730,00 рубл.

6.2.5. Нархи миёнаи пешниҳод маблағи зеринро ташкил мекунад:

(120750,00 рубл +127200,00 рубл +132500,00 рубл +130,00000 рубл +125730,00 рубл) 15 = 127236,00 рубл.

Ба арзиши пешбинишавандаи бозории автомобил (нархи харид) мумкин аст бо назардошти савдо (уторговывания) тасҳеҳ дароварда шавад ва он тақрибан 95% нархи пешниҳод, яъне 120.874.20 рублро ташкил кунад.

**7. Мувофиқаи натиҷаҳо**

Мақсади мувофиқаи натиҷаҳо муайян кардани нархи аз ҳама эҳтимолии ҳуқуқи моликият ба объекти мавриди нархгузорӣ тавассути баррасии бартариву камбудиҳои тарзҳои истифодашуда мебошад.

7.1. Афзалияту камбудиҳои усулу тарзҳои мавриди истифода қарор гирифта аз рӯи ҷадвали панҷбалла тибқи меъёрҳои зерин арзёбӣ шуданд:

7.1.1. Саҳеҳияти иттилооте, ки тадқиқ дар асоси он гузаронида шудааст ($K_1$):

Ҳангоми муайян кардани арзиш бо ёрии муносибати муқоисавӣ нархгузор манбаъҳои чопии маълумотро дар бораи автомобилҳои шабеҳ истифода бурд. Дар ин манбаъҳо тавсифи мухталифи мушаххасоти (характеристикаҳои) асосии автомобилҳои шабеҳ ва ҳолати онҳо оварда шудааст. Нархгузор ба саҳеҳияти манбаъҳои мавриди истифода то андозае шакку шубҳа дорад. Маълумоти дар муносибати масрафӣ истифода шуда мавриди шубҳаи нархгузор қарор нагирифтааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, тибқи меъёри мазкур нархгузор ба тарзҳо вазифаҳои зеринро додаст:

$V_{k1}^{TX}=5; V_{k1}^{cTM}=3.$

7.1.2. Кофӣ будани маълумоте, ки дар асоси он тадқиқ сурат гирифтааст ($K_2$):

Ҳангоми муайян кардани арзиш тавассути тарзи муқоисавӣ нархгузор манбаъҳои чопии маълумотро дар бораи автомобилҳои шабеҳ истифода бурд. Дар ин манбаъҳо мушаххасоти (характеристикаҳои) асосӣ ва ҳолати автомобилҳои шабеҳ оварда шудааст. Бинобар ин дар лаҳзаи гузаронидани тадқиқ ба дараҷаи кофӣ арзёбӣ кардани ҳолати техникии автомобилҳои шабеҳ ва сатҳи муҷаҳҳазии онҳо ғайриимкон буд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, тибқи ин меъёр нархгузор ба муносибатҳо вазифаҳои зеринро додаст:

$V_{k2}^{TX}=5; V_{к2}^{TM}=3.$

7.1.3. Қобилияти тарзи ҳисобкунӣ оиди ба назар гирифтани вазъи (конъюктураи) бозор (К3):

Ҳангоми муайян кардани арзиш бо ёрии тарзи муқоисавӣ маълумот дар бораи автомобилҳои шабеҳ, ки тамоюли бозори такрориро инъикос мекунанд, мавриди истифода қарор мегиранд. Дар натиҷаи истифодаи маълумоти мазкур дар бораи арзиши бозории объект нисбат ба муайян кардани арзиш бо ёрии тарзихароҷотӣ тасаввуроти нисбатан дақиқ ҳосил кардан мумкин аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, тибқи меъёри мазкур нархгузор ба тарзҳо вазифаҳои зеринро додаст:

$V_{k3}^{TX}=2; V_{к3}^{TM}=5.$

7.1.4. Қобилияти тарзи (усули) ба назар гирифтани таъсири омилҳои ташаккулдиҳандаи нарх, ки ба объект ва автомобилҳои шабеҳи он хосанд(К4):

Ба фикри нархгузор, дар ин маврид автомобилҳои шабеҳи интихобшуда ва объекти нархгузорӣ дар хосиятҳои матлуботӣ, шартҳои фурӯш ва маҳалли ҷойгиршавӣ айният доранд. Бино бар ин дар ин маврид тарзҳои истифода шуда таъсири омилҳои ташаккулдиҳандаи нархро, ки ба объекти нархгузорӣ ва автомобилҳои шабеҳи он хосанд, баробар ба назар мегиранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло тибқи ҳамин меъёр нархгузор ба тарзҳо вазнҳои зеринро додааст.

$V_{k4}^{TX}=5; V_{к4}^{TM}=5.$

Натиҷаҳои арзёбии (взвешивание) тарзҳои мавриди истифода қарор гирифта дар ҷадвали П7.3. зикр шудааст.

Ҷадвали П 7.3. Муайян кардани вазни тарзҳо

| Меъёри нархгузорӣ | Балли ба меъёрҳо дадашуда | |
|---|---|---|
| | Хароҷотӣ | Муқоисавӣ |
| Эътимоднокии иттилооте, ки дар асоси он тадқиқ гузаронида шудааст ( $K_1$ ) | 5 | 3 |
| Кофӣ будани иттилооте, ки дар асоси он тадқиқ гузаронида шудааст ( $K_2$ ) | 5 | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| Қобилияти тарз (метод) барои ба инобат гирифтани вазъи бозор ( $K_3$ ) | 2 | 5 |
| Қобилияти тарз барои ба инобат гирифтани таъсири омилҳои ташаккулдиҳандаи нархҳо, ки ба объект ва шабеҳҳои он хос мебошанд( $K_4$ ) | 5 | 5 |
| Суммаи баллҳо аз рӯи ҳар тарз | 17 | 16 |
| Суммаи баллҳо аз рӯи тамоми тарзҳо | 33 | |
| Вазни тарзҳо | 0,52 | 0,48 |

7.2. Мувофиқгардонии натиҷаҳо тибқи тарзҳо:

$А_{чамъбастӣ} = А^{ТХ}$ х $В_{ТХ}$ + $А^{ТМ}$ х $В_{ТМ}$ = 140714,5 х 0,52 + 120874,2 х 0,48 = 131191,1 рубл.

7.3. Нархи бозории автомобили ВАЗ 21071 VIП ХТА 2107407XXXXXXX тибқи ҳолати он дар 10.07.2015 бо роҳи яклухткунӣ 131191.0 (яксаду сию як ҳазору яксаду наваду як) рублро ташкил мекунад.

# ҚИСМИ III

## Хусусиятҳои нархгузории категорияҳои алоҳидаи амволи манқул (захираҳо, қарзҳои дебиторӣ, маснуоти заргарӣ, чорво барои парвариш ва бӯрдоқипарварӣ)

### III.1. Нархгузорӣ ба арзиши захираҳо

3.1.1. Дар доираи ҳамин тавсияҳои методӣ таҳти мафҳуми захираҳо ашёи хом, масолеҳ ва дигар сарватҳои монанд фаҳмида мешавад.

3.1.2. Идоракунии захираҳо ба баланд бардоштани даромаднокии онҳо ва суръати гардиши сармояи гузашта нигаронида шудааст. Он дар марҳилаи ташаккули захираҳои моддӣ-назоратӣ сатҳи захираҳои моддӣ ва асосноккунии ҳаҷми оптималии супоришҳоро пешбинӣ мекунад. Дар ин марҳилаи фурӯши захираҳои молӣ бошад тағйирдиҳии ҳаҷм ва сабабҳои ба вуҷуд овардани захираҳои молӣ ва таҳияи сиёсати фурӯши захираҳои аз меъёр зиёди молҳоро пешбинӣ менамояд.

3.1.3. Мавҷудияти захираҳои оптималӣ дар корхона, ки онро бо роҳи ташкили идора ва назорати маҷрои захираҳои моддию молиявӣ, ҳолату сатҳи захираҳо ба даст овардан мумкин аст, ба фаъолияти муназзами корхона ҳини ҳаҷми хурди захираҳои моддии «мурда» ва андозаи на онқадар калони воситаҳои гардиши ҷудошуда, ки ба ин захираҳо гузошта шудаанд, мусоидат мекунад.

3.1.4. Арзиши бозории захираҳо чун пардохтҳои ояндаи ба арзиши ҷорӣ овардашуда тибқи захираҳо муайян карда мешавад:

$$А_з = \frac{Азт}{(1+d)^T}$$

дар ин ҷо $А_з$-арзиши бозории захираҳо;

$А_{зт}$- арзиши тавозунии захираҳо;

d= мизони дисконткунонӣ;

т= гирдгардиши захираҳо (дар солҳо)- дар асоси додаҳои таҳлили молиявӣ чун шумораи рӯзҳои то санаи пардохти захираҳо (шумораи рӯзҳо дар сол) муайян карда мешавад.

3.1.5. Қабл аз нархгузории арзиши бозории захираҳо додаҳоро дар бораи масолеҳу молҳое аниқ кардан лозим аст, ки барои истифода дар фаъолияти хоҷагии корхона но-шоям аст. Дар сурати мавҷудияти чунин захираҳои молию моддӣ арзиши тавозунии онҳо бояд ба бузургии дахлдор кам карда шавад.

3.1.6. Гирдгардиши захираҳоро ҳам ба ҳисоби рӯзҳо ва ҳам ба ҳисоби гардиш дар давраи муайяни вақт баровардан мумкин аст. Агар сухан дар бораи гирдгардиш ба ҳисоби рӯзҳо равад, дар ин маврид манзур он аст, ки молро дар давоми сол дар чанд рӯз фурӯхтан мумкин аст. Агар сухан дар бораи гиргардиш ба каратҳо (разы) равад, дар ин маврид манзур он аст, ки захираҳои дар ҳамин лаҳза дар анбори корхона буда (маҳсулоти тайёри дар анбори ҷамъшуда ва боқимондаи ашёи хому масолеҳи харида) чанд бор дар як сол ба фурӯш бароварда мешавад. Маъмулан чунин мешуморанд, ки суръати гирдгардиши захираҳо чӣқадаре, ки тез бошад, ҳамон қадар ба манфиати корхона аст.

3.1.7. Гирдгардиши захираҳо ба каратҳо (разы) дар сол дар ифодаи пулӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_{гг} = \frac{C_{фур_м}}{АЗ_{миёна_м}} \times 12 моҳ,$$

дар ин ҷо $К_{гг}$ - коэффисенти гирдгардиш дар ифодаи пулӣ;

$А_{фур-м}$ - арзиши аслии фурӯш дар як моҳ;

$АЗ_{миёна-м}$ - арзиши аслии миёнаи захираҳои анбор дар як моҳ.

Дар навбати худ, арзиши аслии захираҳои анбор дар як моҳ ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад:

$АЗ_{миёна-м}$= (Арзиши аслии захираҳои анбор дар оғози як моҳ+арзиши аслии захираҳои анбор дар охири як моҳ)/2

3.1.8. Гирдгардиши захираҳо ба каратҳо (разы) дар сол дар ифодаи пулӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_{гг} = \frac{A_{фур_м}}{ММ_{миёна_м}} \times 12 моҳ,$$

дар ин ҷо $К_{гг}$- коэффисенти гирдгардиш ба ифодаи натуралӣ; $А_{фур-м}$ - шумораи моли дар як моҳ фурӯхташуда ба ҳисоби адад; $ММ_{миёна-м}$ –мавҷудияти миёнаи мол дар анбор дар давоми як моҳ.

Дар навбати худ, мавҷудияти миёнаи мол дар анбор дар давоми як моҳ ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад:

$ММ_{миёна-м}$=(мавҷудияти адади мол дар оғози як моҳ + мавҷудияити адади мол дар охири як моҳ) /2

3.1.9 Гирдгардиши захираҳо дар рӯзҳо аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_{руз} = \frac{365 \text{ рӯз}}{K_{гг}}$$

3.1.10. Захираҳо дороиҳои (активҳо) суст ба фурӯшраванда мебошанд, ки ба воситаҳои пулӣ мубаддал гардонида мешаванд. Бинобар ин, даромаднокии ҳадди ақал, ки аз фурӯши захираҳо тибқи арзиши бозорӣ ба даст овардан мумкин аст, мизони дисконтикунонӣ мебошад, ки он вобаста аз маҷрои пул (ба сармояи худӣ ё ба сармоя гузошта) интихоб мешавад. Мутаносибан, мизони дисконтикунонӣ дар асоси санҷиши ҳисоби миёнаи сармоя (WACC) ба асъори миллӣ барои корхонае, ки захираҳои оннархгузорӣ мешавад, ё дар асоси амсилаи (модели) нархгузории дороиҳои (активҳои) капиталӣ (CAPM) муайян карда мешавад.

3.1.11. Агар муайян кардани мизони дисконтикунонӣ дар асосиWACC ё CAPM ғайриимкон бошад, онро дар асоси мизони миёнаи фоиз тибқи амонатҳои (депозитҳои) ашхоси воқеъӣ ва ташкилотҳои ғайримолиявӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҷалб карда шудаанд дар рубл ба мӯҳлати ҷалб дар даврае, ки ба диапазони он гардиши захираҳо дар ҳолати мутобиқ ба санаи нархгузорӣ мефароянд, муайян карда мешавад.

Масалан, захираҳои корхона дар моњи июли 2015 нархгузорӣ мешавад. Мувофиқи додањои расмии Боики Марказии Русия[17] меъёри фоиз аз рӯи амонатҳои (депозитҳои) аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҷалб кардашудаи шахсонӣ воқеъӣ ва ташкилотҳои ғайримолиявӣ ба ҳисоби рубл ташкил мекунад:

| | Ташкилотҳои ғайримолиявӣ, бо муҳлати ҷалб (% солона) | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | то 30 рӯз, азҷумла “то бозхост” | аз 31 то 90 рӯз | аз 91 то 180 Рӯз | аз 181 рӯз то 1 сол | то 1 сол, азҷумла “то бозхост” | аз 1 сол то 3 сол | Зиёда аз 3 сол | Зиёда аз 1 сол |
| Июли с.2015 | 7,40 | 8,62 | 9,10 | 9,43 | 7,49 | 8,72 | 9,95 | 8,77 |

3.1.12. Агар захираҳои (ашёи хом, масолеҳ ва дигар сарватҳои ҳаммонанд) корхона мавзеъхои гуногун (намудҳои мухталифи ашёи хом, масолеҳ ва ғ.) дошта бошанд, бояд оид ба ҳар мавзеъ (ҳар намуди ашёи хому масолеҳ) дар асоси додаҳои

[17] Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин додаҳо бо назардошти иттилооти шабеҳи Бонки марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд иваз шаванд

бозор, яъне бо истифодаи шабеҳҳои дахлдор дар доираи тарзи муқоисавӣ) ҳисобу китоби пурра сурат мегирад.

## III.2. Нархгузории арзиши маҳсулоти тайёр ва молҳо барои бозфурӯшӣ

3.2.1. Арзиши тавозунии маҳсулоти тайёр ва молҳоро барои бозфурӯшӣ дар арзиши аслии маҳсулот инъикос мекунанд. Нархгузории арзиши бозории чунин дороиҳо (активҳо) бо истифодаи коэффисиенти таносуби арзиши аслӣ ба пули фурӯш (баъди пардохти аксиз, ААИ ва дигар андозу боҷҳо) аз рӯи ҳолати санаи нархгузорӣ сурат мегирад.

3.2.2. Агар маҳсулоти тайёр ва молҳо барои бозфурӯшӣ мавзеъҳои мухталиф дошта бошанд (навъҳои гуногуни ммаҳсулоти истеҳсолшуда ва молҳо барои бозфурӯшӣ), бояд дар асоси додаҳои бозор, яъне бо истифодаи шабеҳҳои дахлдор дар доираи тарзимуқоисавӣҳисобу китоби пурраи ҳар мавқеъ (ҳар навъи маҳсулот ва мол барои бозфурӯшӣ) сурат гирад.

## III.3 Нархгузории арзиши қарздории дебиторӣ

3.3.1. Қарздории дебиторӣ - суммаи қарзҳое мебошад, ки дар натиҷаи муносибатҳои мутақобилаи хоҷагидорӣ бо симоҳои ҳуқуқию воқеӣ корхона, ташкилот ё муассиса бояд аз онҳо ситонад.

3.3.2. Қарздории дебиторӣ дар он маврид ба миён меояд, ки хизмат ё мол ба фурӯш рафтааст, вале пулаш наомадааст. Маъмулан, харидор дар бораи қарзаш ягон ҳуҷҷати тасдиққунандаи (хаттӣ) намедиҳад, ба истиснои имзо дар ҳуҷҷатҳои ҳамрави мол оид ба қабули он.

3.3.3.Таъсилоти қарзи деблтарӣ чун ҷузъи амволи манқули ташкилот аз меъёрҳои қонунгузории шаҳрвандӣ бармеояд. Реҷаи ҳуқуқии қарзи дебиторӣ аз дараҷаи эҳтимолияти бозпас гирифтани қарз аз ташкилотҳои дебитор вобаста аст.

3.3.4. Ҳангоми таҳлили қарзи дебитории мавриди нархгузорӣ бояд ҳолатҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

- мӯҳлати иҷрои ухдадорӣ аз ҷониби дебитор;
- мӯҳлати мурури замони даъво;
- пардохтпазирии ташкилоти дебитор.

3.3.5. Вобаста аз замони иҷрои ӯҳдадорӣ аз ҷониби дебиторон намудҳои зерини қарзи дебиториро фарқ мекунанд: ҷори, таъғйиршуда, чоранопазир (лоилоҷ).

3.3.6. Нархгузорӣ ба қарзи дебиторӣ, маъмулан, дар асоси таҳлили ҷадвали

мунтазираи воридшавии маблағ, соқит кардани маблағҳои қисман ё пурра ба таъхир афтода ё пардохташон ғайривоқеӣ ба амал меояд.

3.3.7. Ҳангоми муайян кардани арзиши бозории қарзи дебиторӣ фарзияҳои знринро ба назар мегиранд:

- баъди муҳлати муайян баргардонидани қарзи дебиторӣ боиси коҳиши арзиши ҷории қарзи дебиторӣ мегардад;
- муҳлати баргардонидани қарзи дебиторӣ аз рӯи муҳлати миёнаи гардиши қарзи дебиторӣ ҳисоб карда мешавад;
- ба сифати мизони дисконткунонӣ, тибқи принсипи таъвиз (замещение) меъёри миёнаи фоизи амонатҳои (депозитҳои) шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои ғайри-молиявӣ, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҷалб карда шудаанд, дар даврае, ки ба мӯҳлати миёнаи гардиши қарзи дебитории мавриди нархгузорӣ мутобиқат ме-кунад, истифода мешавад.

3.3.8. Қарзи дебиторӣ чун як қисми амволи манкулаи корхонаиқарздор ба ҳисоб меравад. Зимнан қарзи дебиторӣ аз функсияи мол бархурдор нест, бинобар ин танҳо гу-зашти ҳуқуқи талаб арзиши бозорӣ (фурӯхташаванда) дорад.

3.3.9. Баробари қарзи дебиторӣ харидор ҳуқуқи талаби пени, ҷаримаро, ки дар шартномаи байни қарздору қарздеҳ пешбинӣ шудааст, насб мекунанд.

3.3.10. Вазифаи асосии нархгузории қарзи дебиторӣ - муайян кардани арзиши фурӯши он аст, яъне муайян кардани муодили кулли он мебошанд, ки харидор дар натиҷаи бозгузошти ҳуқуқи талаби қарз, ки дар моддаҳои ҳисоби бухгалтерӣ инъикос ёфтааст, ба даст овардани онро умедвор аст. Ин муодили куллӣ, маъмулан, аз қимати шартномавӣ, ки дар тавозун инъикос ёфтааст, фарқ дорад.

3.3.11. Ташкилоти супоришгар тибқи талаби нархгузор бояд ҳамаи иттилооти за-руриеро, ки дар раванди нархгузорӣ истифода мешавад, пешниҳод кунад. Иттилооте, ки супоришгар пешниҳод мекунад, бояд саҳеҳ бошад ва ҳолати мавҷудоти қарзи дебитории мавриди нархгузориро пурра инъикос намояд. Аз ҷумла ташкилоти супоришгар бояд иттилооти зеринро дар бораи қарзи дебитории нархгузоришаванда пешниҳод намояд:

| № | Арзиши тавозунии қарздорӣ, руб. | Санаи пайдоиши қарздорӣ | Санаи пешбинишудаи пардохти қарз* | Тавсифи қарздорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | Аз___то____рӯз | | « »____с.2015 |
| 2 | | Аз___то____рӯз | | « »____с.2015 |
| | | Аз___то____рӯз | | « »____с.2015 |
| *Қарздории дебитории “беилоҷ” ва қарздории дебитории ҷорӣ, яъне воқеъан ситонидашаванда нишон дода мешавад. | | | | |

3.3.12. Арзиши ҷории қарзи дебиторӣ бо ёрии амали дисконткунонӣ тибқи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$АЧ_{қд} = \frac{ҚДт}{(1+d)^{T}}$$

Дар инҷо $АҶ_{кд}$-арзиши ҷории (бозории) қарзи дебиторӣ;

$ҚД_{т}$ - суммаи қарзи дебиторӣ тибқи тавозун;

d-мизони дисконткунонӣ;

n-теъдоди марҳилаҳо.

3.3.13. Мизони дисконткунонӣ бо назардошти самарабахши алтернативии истифодаи сармоя муайян карда мешавад, ин меъёри матлуби (мунтазираи) фоидаоварӣ (даромаднокӣ) аст, яъне он сатҳи даромаднокии воситаҳои гузошташаванда, ки ҳини дар механизмҳои дастраси умуми молиявӣ (бонкҳо, ширкатҳои молиявӣ ва ғ.) ҷой гиронидан таъмини онҳо имконпазир аст.

3.3.14. Қарзи дебиториро чун қарзи тиҷоратӣ ба харидор баррасӣ мекунанд. Қарзи тиҷоратӣ ба харидор бо назардошти арзиши он (захираҳои ширкат дар асоси музднок барои истифода пешкаш карда мешавад) ва муҳлатнокӣ (мӯхлати истифодаи воситаҳои пулӣ маҳдуд аст) дода мешавад. Бино бар ин, меъёри воқеии фоиз мумкин аст дар ҳангомеқабул карда шавад, ки ташкилотҳои молиявӣ онро ҳини додани қарзҳое, ки гузоштани алтернативӣ ва бехатари воситаҳои пулиро инъикос мекунанд, мавриди истифода қарор медиҳанд. Лозим ба таъкид аст, ки таҳти ибораи гузоштани бехатар танҳо набудани нисбии хатар, на мутлақи он дар назар аст.

3.3.15. Ба сифати мизони оптималии дисконткунонӣ барои ҳисобу китоби арзиши ҷории қарзи дебиторӣ меъёрӣ фоизро тибқи амонатҳо (депозитҳо) барои симоҳоиҳуқуқӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст, зеро он яке аз боэътимодтарин олатҳои молиявӣ ба шумор меравад. Депозит ба амонатгузор-симои ҳуқуқӣ имкони интихоби мӯҳлати аз ҳама қулаиҷойгиршавии маблағҳои пулиро бо сатҳи дахлдори даромаднокӣ пешниҳод мекунад.

3.3.16. Барои муайян кардани мизони миёна дар рӯзи нархгузорӣ нархгузор метавонад додаҳои чопии Бонки Марказиро доир барои меъёрҳои миёнаи фоизӣ тибқи амонатҳои (депозитҳои) ташкилотҳои ғайримолиявӣҷалб кардаи ташкилотҳои қарзӣ бипазирад.

Аз ҷумла, тибқи додаҳои Бонки Марказии Русия[218] меъёрҳои миёнаи аз рӯи амо-

[18] Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин додаҳо бо назардошти иттилооти шабеҳи Бонки марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд иваз шаванд

натҳои (депозитҳои) ҷалбшуда барои ташкилотҳои ғайримолиявӣ бо пардохти фоиз дар охири мӯҳлат намуди зерин дошта метавонад:

| Давра | Муҳлати амонат (депозит) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | То 30 рӯз | аз 31 то 90 рӯз | аз91 то 180 рӯз | аз 181 то 365 рӯз | То 1 сол | Зиёда аз 1 сол |
| | Диапазон (даромаднокӣ бо % солона) | | | | | |
| Соли 2015, июл | 7,39 | 8,66 | 9,01 | 9,64 | 7,51 | 8,66 |

3.3.17. Теъдоди давраҳо дар асоси гирдгардиши қарзи дебиторӣ муайян карда мешавад. Коэффисенти гирдгардиши ҚД аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

**Гирдгардиши қарзи дебиторӣ (коэффисент)=пулӣ фурӯш/ бақияи миёнаи қарзи дебиторӣ**

Гирдгарши ҚД дар рӯзҳо аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

Гирдгардиши қарзи дебиторӣ дар рӯзҳо =365/коэффисенти гирдгардиши қарзи дебиторӣ.

### III.4. Нархгузори арзиши маснуоти заргарӣ

3.4.1. Як қатор принсипҳо мвҷуданд, ки барои фаҳмиши омилҳое, ки қимматнокии маснуоти заргарӣ аз онҳо вобастааст, мафҳумҳои калидӣ ба шумор меравaнд. Арзёбии объективии арзиши маснуот аз хосиятҳои ҷавоҳирот ва филизоти қиматбаҳо, ки барои тайёр кардани маснуотизаргарӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, вобаста мебошад.

3.4.2. Тибқи қонунгузории ҶТ ба сарватҳои асъорӣ мансубанд: «…металҳои қиматбаҳо - тилло, нукра, платина, металҳои гурӯҳи платинагӣ ,(паладий, иридий, радий, рутений, асмий) дар ҳама гуна намуд ва ҳолат, ба истисноi маснуоти заргарӣ ва маснуоти дигари маишӣ аз ин металлҳо, ҳамчунин шикастпораҳои чунин маснуот; сангҳои қимматбаҳои табиӣ - алмос, лаъл, зумуррад, ёқути кабуд, александрит дар намуди ашёи хом ва коркардшуда,…. ба истисноi маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти маишӣ аз ин сангҳо ва шикастапораҳои ин маснуот»

3.4.3. Мавҷудияти тамға ва номгӯй (именник) дар маснуоти заргарӣ, донистани хусусиятҳои ҳузур ва омезиши онҳо имкон медиҳад маълумоти мазкур дар бораи онҳо ҳини гузаронидани экспертизаи комплексӣ ва нархгузории арзиши бозории ин маснуот мавриди истифода қарор гиранд.

***3.4.4. Мафҳумҳоии асосӣ.***

**Маснуоти заргарӣ** – маснуоте мебошанд, ки аз сангҳои қиматбаҳо ва хӯлаҳои онҳо бо истифодаи намудҳои гуногуни коркарди бадеӣтайёр карда, ба онҳо сангу дигар

металлҳои қимматбаҳои заргарӣ, ғайри қимматбаҳо ва дигар маводи пайдоишашон тибиӣ ва сунъӣ насб карда шудааст (ё бидуни онҳо) ва онҳо ба сифати ороишҳои мухталиф, предметҳои рӯзгор, предметҳои парастиш ё бо мақсадҳои ороишӣ, ҳамчунин иҷрои расму русум ва оинҳо, ҳамчунин нишону медалҳои хотиравӣ, ҷашнӣ ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд.

**Маснуоти чарчинвории заргарӣ** – маснуоти аз масолеҳи ғайриқиматбаҳо сохташуда, ки бо металлҳои қимматбаҳо андуда шудааст ва ба он пораҳои аз сангҳои ранга, ғайриқиматбаҳо, синтетикӣ ва дигар масолеҳи пайдоишашон табиӣ ва ё сунъӣ насб шудааст ё насб нашудааст ва ба сифати ороишоти мухталиф, предмети рӯзгор, предмети ибодату парастиш ва ба мақсадҳои ороишӣ, иҷрои расму русум ва оммаҳои гуногун мавриди истифола қарор мегиранд.

Аз рӯи таъинот маснуоти заргарӣ вобаста аз истифодаи онҳо дар рӯзгор (предметҳои ороиши дастурхон, предметҳои парастишӣ, мансуботи тамокукашӣ ва ғайраҳо) ба намудҳои гуногун тақсим мешавад.

**Ашёи ороиши шахсӣ ва ороиши либос (туалет).** Байни ашёи ороиши шахсию либос (туалет) ороишоти зеринро ҷудо кардан мумкин аст.

- ороишот барои даст;
- ороишот барои сар;
- ороишот барои гардан
- ороишот барои либос.

**<u>Ороишот барои даст.</u>**

**Ангуштар.** Ороише, ки дар намуди ҳалқаи муайян бо чашмак (барои санг шинондан) ё бе чашмак месозанд. Аз ҷиҳати сохт ангуштар (ғайр аз ангуштари ақди никоҳ ва ангуштари бенасаб) аз ду қисми асосӣ иборат аст: қисми поёнӣ - шинка ё чанбарак (қаб) ва қисми болоӣ. Андозаи ангуштарро аз рӯи қутри дохилии шинка бо миллиметр муайян мекунанд. Ангуштарро бо рақамҳои андозаи аз 15 то 25 мм истеҳсол мекунанд. Ҳар рақами гузашта аз оянда 0,5 мм фарқдорад. Барои муайян кардани андозаи ангуштар – ангуштарсанҷ – меҳвари металлии конусшакл, ки диаметрҳои он дараҷабандӣ шудааст, истифода мегарад.

**Бозубанд (дастпона).** Бозубанд барои ороиши банди даст, бозу ва пой ба кор меравад. Бозубанд ду хел - сахт ва нарм мешавад. Бозубандҳои сахт ба сарбаста, фанарӣ ва шарнирӣҷудо мешавад. Бозубандҳои нарм ба глидерӣ, ҳалқаӣ ва бофта ҷудо мешавад. Бозубанди глидерӣ аз ҳалқаҳои (глидерҳои) иттисолаш шарнирӣ ё фанарӣ иборат аст. Бозибандӣҳалқаӣ аз қитъаи занҷири андозааш матлуб иборат мебошад. Бозубанди бофта – конструкцияи мушаббак мебошанд, ки аз сими борики металлӣ бофта мешавад.

Андозаи бозубанд бо роҳи чен кардани дарозии доираи дохилӣ муайян карда мешавад ва маъмулан аз 130 то 220 мм аст.

**Ороишот барои сар**

**Ҳалқа.** Аз лиҳози сохт (конструкция) ҳалқа аз асос (рант), қисми болоӣ ё каст, унсурҳои илҳоқӣ (овезон), қисми қуфлӣ ва басии қисми қулфӣ иборат аст. Қисми қуфлии ҳалқа ҳаддалимкон бояд сода, мустаҳкам ва бадошт бошад.

**Ороишот барои гардан**

**Гарданбанд.** Ороиш дар намуди чанбари чандир (қаиш) ё сахт, яклухт ё ибоарт аз ҳалқаҳо, ки бо шарнирҳо ё бо занҷирҳои дорои иловаҳо (вставки), ба ҳам пайваст мешаванд. ки аз рӯи масолеҳ, шакл, андоза, ороиши бадеӣ якхела буда, дар тамоми периметри чанбар (занҷира) мутаносибу мутасовиҷойгир шудаанд.

**Шадда.** Ороиш дар намуди чанбари чандир (қаиш) ё сахт, занҷираи маъмулӣ ё ҳалқаи тавассути шарнир ба ҳам пайвастшуда. Фарқи он аз гарданбанд дар он аст, ки қисми марказиаш аз як, ду, се ё бештар унсурҳои ороишӣ ё музайян иборат аст.

**Мунчуқ.** Ороиш дар намуди шаббахои аз лиҳози шакл, андоза ва масолеҳ гуногуни ба як ришта гузаронидашуда мебошад. Хусусияти сохти (конструкцияи) ин ороиш дар ришта аст: баъди ҳар шабба ба ришта гиреҳ мепартоянд, то дар мавриди канда шудани ришта парешон гаштани шаббаҳо пешгирӣ шавад.

**Овезаи гардан.** Ороишест дар намуди овеза, ки ба занҷира овезон карда мешавад. Овеза аз асос (рант) ва қисми болоӣ ё каст иборат аст. Овеза ба занҷира тавассути ҳалқаи иттисолӣ ва илҳоқӣ (чашм) пайваст мешавад. Ба ҷои занҷира қисми нигоҳдорандаро, ки аз абрешим, пашм, капрон ё резинаи махсус сохта шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

**Медалйон.** Аз занҷира, ҷаъбаи хурд ба ҷои овеза иборат буда, чашмҳои иттисолӣ ва барои овезон шудан дорад.

**Ороишот барои либос**

**Сӯзанқубба.** Ороише, ки ба курта ё костюм мехаланд. Аз асос, қисми болоӣ (каст), баш ва қисми қуфлӣ иборат аст.

**Сарсӯзан (бандак).** Аз лиҳози сохти берунӣ сарсӯзан ба сӯзанҳои маъмулӣ монанд аст, ки нӯгаш тез нест. Сӯзани он дарозу кӯтоҳ буда метавонад. Барои насби сангҳои суфта дар сарсӯзан каст ё қисми болоӣ пешбинӣ мешавад.

**Бандаки остин.** Ороиш дар шакли сагак, ки ба ангалаи манжети пироҳан гузаронида мешавад. Аз қисми болоӣ ё каст барои санг ва қисми қуфлӣ иборат аст. Қисмиқуфлӣ сахт ва нарм шуда мешавад.

**Гира барои галстук .**Ороиш барои собит сохтани ҳолати галстук. Аз лиҳози сохт аз

корпус (ки қисми рӯи он музайян мешавад)ва қисми қуфлӣ иборат аст.

3.4.5. Арзиши бозории маснуоти заргарӣ таҳти таъсири чор омили бозорӣ муқаррар карда мешавад:

- талаботи харидорони пардохтпазир ба маснуотизаргарӣ;
- фоиданокӣ;
- маҳдуд будани пешниҳод;
- пинҳонӣ будани нигоҳдорию интиқол.

3.4.6. Маснуоти заргарии дорои сангҳои қиматбаҳоро танҳо бо роҳи муқоисаи фурӯшҳои монанд нархгузорӣ кардан ғайриимкон аст, зеро сангҳои қимматбаҳои ба маснуот насбшуда мушаххасоти (характеристикаҳои) сершумори инфиродии сифатӣ ва рангӣ доранд.

3.4.7. Нарх аз нархи мувозинати бозорӣ ҷиддан фарқ карда метавонад, махсусан агар ба пешниҳоду талаботи омилҳои ғайринархӣ таъсир расонанд. Масалан, харидор маҳз ба харидани ҳамин маснуоти заргарӣ (хотира аз касе, пурра кардани коллексия) шавқманд аст.

3.4.8. Агар маснуоти заргарӣчун объекти сармоягузори истифода шавад, нархгузории таъминоти қарзӣ бояд ҷиҳатҳои зеринро муайян кунад:

- тафовути замони байни санаи баргардонидани уҳдадории қарзӣ ва санаи нархгузорӣ;
- тағйироти бозориеро ба назар гирад, ки дар давоми мӯҳлати адои қарз пешбинӣ мешаванд;
- арзёбии таввакали марбут ба фурӯш маснуоти заргарӣдар мавриди барнагардонидани қарз.

3.4.9. ***Мафҳуми санги заргарӣ***. Санги заргариро чун ташкилаи нодири табиии минералӣ номидан мумкин аст, ки ба мақсадҳои заргарӣ мавридиистифода қарор мегирад ва дорои ранги ҷаззоб, ҷило, эффектҳои камназири оптикӣ, мустаҳкамӣ ва сахтии ба қадри кофӣ баланд буда, дар давоми замони тӯлонӣ хосиятҳояшро нигоҳ медорад.

3.4.10. ***Таснифи сангҳои заргарӣ***. Сангҳои заргарӣ ба ашёи табиӣ ва маҳсулоти сунъӣҷудо мешаванд.

**Ашёи табиӣ** – истилоҳҳои "аслӣ» (асил) ва "табиӣ"муродифғнд ва ба таври истисно ба ашёи табиие, ки бе дахолати инсон арзи ҳастӣ кардааст, мансубанд.

**Ашёи органикӣ -** маҳсулоти табиии пайдоишашон ҳайвонӣ ё рустанигӣ, ки бе дахолати инсон ташаккул ёфтаанд. Ба ашёи табиӣ сангҳои қиматбаҳо, заргарӣ ва ғайриқиматбаҳо (поделочные) мансубанд. Ҳамаи онҳо минералҳои табиӣ ё ҷисмҳои кӯҳӣ

буда, бе дахолати инсон ташаккул ёфтаанд.

**Сангҳои нексиришт -** минералҳои табиӣ ё ҷинсҳои кӯҳӣ, ки хосияти онҳоро инсон бо ягон таъсири химиявӣ ё физикӣ, ба ғайр аз суфтан, сайқал додан, ҷило додан, тоза кардан тағйир додааст.

**Маҳсулоти сунъӣ**–истилоҳи “сунъӣ” ба маҳсулоте тааллуқ дорад, ки онҳоро қисман ё пурра инсон истеҳсол кардааст: **сангҳои синтетикӣ** – маҳсулоти мутабалвар (кристаллизатсия) ё такроран мутабалвар шуда, ки инсон бо усулҳои гуногун пурра ё қисман истеҳсол кардааст. Хосиятҳои химиявӣ ва физикии онҳо ва/ё сохтори табалвурии (кристаллии) сангҳои синтетикӣ пурра ба сангҳои табиии шабеҳи онҳо мувофиқат мекунад. **Сангҳои таркибӣ -** инҳо ҷисмҳои сахти табалвурӣ ё аморфӣ мебошанд, ки аз ду ё бештар қисмҳои на ба тариқи табиӣ пайваст шуда, балки бо роҳи часпонидани сунъӣ ё усулҳои дигар ба ҳам васл гардидаанд. Қисмҳои таркибӣҳам сангхҳои заргарӣ ва ё минералҳои дигар ва ҳам сангҳои синтетикӣ ё маҳсулоти кимиёвӣ буда метавонанд.

**Сангҳои тақаллубӣ**– сохтакории сангҳо ё маҳсулоти табиӣ ё синтетикӣ мебошанд, ки қисман ё пурра инсон кардааст. Ин сангҳо ба эффект, рангу намуди захирии сангҳои заргарӣ ва синтетикӣтақлид мекунанд, вале хосиятҳои химиявӣ ва ё физикӣ ва ё сохтори табалвурии онҳоро доро нестанд.

**Сангҳои таҷдидӣ-** маҳсулоти сунъӣ, ки бо роҳи пайваст кардан, об кардан ва ё пресс кардани масолеҳӣ табиӣ дар як воҳиди том ба даст оварда шудаанд.

**Тақлиди моддаҳои органикӣ** – маҳсулоти истеҳсолкардаи инсон, ки хосиятҳои физикӣ ё химиявии шабеҳҳои табииро доро нестанд, вале намуди зоҳирӣ, ранг ва эффекти онҳоро бомуваффақият тақлид мекунад.

**Манъи истилоҳи “нимқиматбаҳо”.** Мафҳуми “нимқиматбаҳо” нодуруст ва истеъмолнопазир аст, он набояд нисбат ба сангҳои табиии заргарӣ истифода шавад.
«Нимқиматбаҳо» мафҳумест, ки алҳол дар савдо мавриди истеъмол аст, вале ба сабаби тобиши манфии маъноӣ аз истифодаи он худдорӣ намудани беҳтар мебошад. Пештар сангҳои камқиматтар ва на он қадар сахтро бархилофи сангҳои «ҳақиқӣ»-и қиматбаҳо нимқиматбаҳо меномиданд.

**3.4.11. Мушаххасоти (характеристикаи) асосии сангҳои заргарӣ**

**Мустаҳкамӣ-** қобилияти ба суда шудан муқовимат кардани масолеҳ. Аз рӯи ҷадвали дараҷабандии мустаҳкамии Моос (аз 1 то 10) бо роҳи ба ҳам шудани санг ва маҳаки (эсталони) мустаҳкамӣ муайян карда мешавад.

1-талк, 2-гач, 3-калсий, 4-флюорит, 5- апатит, 6-ортоклаз, 7-кварс, 8-топаз, 9-корунд, 10-алмос.

Истифода барои сангҳои суфта тавсия карда намешавад. Мустаҳкамӣ набояд бо

**зудшиканӣ** (мӯртӣ) – қобилияти ба таъсири зарбагӣ тобоварии масолеҳ махлут карда шавад.

**Гусехт** (излом)-хусусияти сатҳи шикасти озоди ҷисми сахт. Намуди аз ҳама паҳн-шудаи гусехт – ковок ба ҳисоб меравад.

**Илтиём** (илтиҳоқ) – қобилияти қад-қади як ё якчанд самтҳои кристалл таҷзия шу-дани баъзе сангҳо. Илтиём (илтиҳоқ) мумкин аст хеле мукаммал, мукаммал, возеҳ, ғай-римукаммал, хеле ғайримукаммал ифода ёбад.

**Шаффофият** – рӯшноиро гузаронидани модда. Агар предметҳои дар паси санг бу-да ба осонӣ дида шаванд, он шаффоф ҳисоб мешавад. Агар санг то андозае равшаниро гузаронад он нимшаффоф ба ҳисоб меравад. Агар равшанӣ аз санг нагузарад, санг ғай-ришаффоф маҳсуб мегардад.

**Зичӣ (**вазни қиём**)** – вазни модда дар воҳиди ҳаҷм, ки бо грамм ба сантиметри мукааб ҳисоб карда мешавад.

**Ҷило** – эффекти инъикоси равшанӣ аз сатҳи санг. Ҷило асосан аз нишондиҳандаи шика-стани равшанӣ ва сифати сайқали санг вобастааст. Намунаҳои ҷило –металлӣ, ал-мосӣ, шишаӣ, равғанӣ, шилмӣ, мумӣ. Ҷило меъёри сифатии қобилияти инъикоскунии модда аст.

**Анизотропият** – тағйир ёфтани хосиятҳои кристаллҳо бо самт, аз ҷумла тағйир ёф-тани хосиятҳои оптикӣ бо самт. Тамоми кисталлҳо ба истиснои кристаллҳои сингонияи мукааб аз лиҳози оптикӣ анизотропӣ мебошанд ва дорои шиканиши дукаратаанд.

**Нишондиҳандаи шиканиш** – бузургие, ки нерӯи шиканиши муҳит (санг)-ро тавсиф мекунад. Нишондиҳандаҳои шиканиши сангро чун таносуби суръати рӯшноӣ дар ҳаво ба суръати рӯшноӣ дар санг ё чун таносуби синуси кунҷи афтиш ба синуси кунҷи шика-ниш ҳини гузлштани рӯшноӣ аз ҳаво ба санг муайян кардан мумкин аст.

**Шиканиши дутарафа** – ҳодисаи таҷзияи равшанӣҳини воридшавӣ ба кристалли дилхоҳ, ба истиснои кристалли мукааб, ба ду нур, ки дар сатҳҳои амудии мутақобил ал-вонҷ мехӯрад. Ин шуоъҳо дар кристалл бо суръати мухталиф паҳн мешаванд ва дар натиҷа ба дараҷаи гуногун дучори шиканиш мешаванд. Ҳодисаи мазкур дар самти меҳварҳои оптикӣ мушоҳида намешавад. Дар мавриди қавӣ будани шиканиши дукара-та, ҳини тавассути санг диданҷуфтшавии теғаи рӯяҳои ақибмушоҳида мешавад.

**Дисперсия** – тафриқа дар нишондиҳандаҳои шиканиш барои дарозиҳои мухталифи мавҷҳои равшанӣ, ки боиси дар сангҳои рӯядор пайдо шудани дурахши ранга мегар-данд, ки бештар бо номҳои «бозӣ» ё «оташ» маъруф аст.

**Ранг** – эффекте, кидар чашми инсон таҳти таъсири равшании дарозиҳои муайяни мавҷҳо (ки аз санг гузаштааст), ба вуҷуд меояд.

**Эффектҳои оптикӣ** – астеризм (“эффекти ситора”), адуляристсенсия, авантюрист-сенсия, эффекти чашми гурба, эффекти ивазшавии ранг, иризатсия, лабрадорессенсия, ориент (тобиши ба марворид хос), апалессенсия.

**Спектри фурӯбарӣ** – вақти ки ранги сафед аз санги ранга мегузарад, рӯшнои баъзе дараҷаи мавҷҳо нисбат ба дигар дарозиҳо бештар фурӯ бурда мешавад.Зимнан рангҳое, ки фурӯбариашон камтар аст, ба ҳам пайваст шуда чун ранги санг идрок мешаванд. Ҳангоми дар спектроскоп мушоҳида кардан дидан мумкин аст, ки рангҳои аз тарафи

санг бештар фурӯбурдашаванда чун хатҳои тира ба назар намоён мешаванд, ки спектрро дар ҷойҳои дақиқан муайяншуда бурида мегузаранд. Ин спектрро спектри фурӯбарӣ меноманд, ки он ҳангоми ташхиси сангҳои қиматбаҳо мавриди истифода қарор мегирад.

**Плеохроизм** – хосияти рангивазкунии санг вобаста аз самти мушоҳида. Намудҳои гуногуни онро диороизм (барои кристаллҳои аз лиҳози оптикӣ якмеҳвара) ва трихроизм (барои кристаллҳои аз лиҳози оптикӣ думеҳвара) меноманд.

**Люминестенсия** (флюорестенсия)-дар геммология – эффекти ҷилодиҳии (партавафкании) сангҳо таҳти таъсири шуоъи ултрабунафш.

***3.4.12. Мушаххасоти (характеристикаҳои) дохилии сангҳоизаргарӣ.***

Аксаран, ҳангоми тавассути пурбин дидани санг чунин мушаххасоти дохилии он, аз қабили нуқтаҳои тира, кафидагиҳо, ҳубобчаҳо, гуногунҷинсии сохторӣ, минтақаҳои гуногунрангро мушоҳида кардан мумкин аст.

*Ғаш.* Моддаҳои сахт, моеъ ва газшаклеро, ки дар дохили сангҳои киммашатбаҳо мавҷуданд, ҳамчунин холигӣ ва кафидагиҳоро ғаш меноманд. Ба сифати ғашҳои санг дар сангҳои қиматбаҳо ё минералҳои ҳамон намуд (масалан, ғашиалмос дар алмос), ё минералҳои дигар (масалан, ғаши беҷода дар алмос) дучор мешаванд.

*Гуногунҷинсии сохторӣ* метавонад дар зуҳури минтақабандии рангӣ мушоҳида шавад, яъне минтақаи санг, ки аз лиҳози ранг ё шиддатнокии ҷилодиҳӣ азминтақаҳои дигар фарқ мекунад. Минтақабандии рангӣ мумкин аст ба чашм намоён бошад ва ё танҳо ҳини муоина бо ёрии пурбин ва микроскоп мушоҳида шавад. Минтақабандии рангӣ, масалан дар турмалин дигар мешавад, ки дар он як қисми кристалл сабзранг, қисми дигараш - сурхранг буда метавонад.

Ҳамаи мушаххасоти мазкурро ноқисиҳо номидан нашояд, зеро ин кор боиси муносибати манфии харидор мегардад. Барои ифодаи ҳодисаҳои мазкур номҳои зерин бештар қобили қабул аст: хусусиятҳои дохилӣ ё мушаххасоти дохилӣ. Мушаххасоти дохилӣ тозагии сангро муайян мекунанд.

***3.4.13. Қиррабарории сангҳои заргарӣ.***

Зебогии санги қиматбаҳоро ранг ва хосиятҳои оптикӣ, ки дарнатиҷаи қирабарорӣ ва сайқалдиҳӣ пайдо мешаванд, «бозӣ» ё эффектҳои гуногуни оптикӣ муайян мекунанд. Агар ранги санг хеле сертаровaт (ё тира) бошад, ҳини қиррабарорӣ ба он шакли мусаттаҳ медиҳанд, то санг равшантар ба назар намояд. Ҷилои санг дар самтҳои сайқалдодашудаи ҳамвор (суфта) хеле хуб зоҳир мешавад. Сатҳи сайқалхӯрда нури ба санг афтодаро инъикос мекунад. Чи қадаре, ки санг бештар сайқалхӯрда бошаду сатҳаш бештар тоза бошад, ҷилои он ҳамонқадар зиёдтар аст. Санги нобарор коркардшуда мумкин аст «бозӣ»-ашро аз даст диҳад, хеле тира ё хеле равшан тобад.

Маъмулан, сангҳои заргариро дар намуди кабошон қиррабарорӣ мекунанд ё ба он қирраҳои фатсетӣ мебароранд, ҳаккокӣ дар санги қиматбаҳо низ дучор мешавад.

**Кабошон** - яке аз усулҳои қадимтарини қиррабарорӣ, ки моҳияти он ба санг додани шакли мудаввар мебошад. Ин намуди қиррабарорӣ амалан ба ҳамин сангҳои заргарӣ, ва махсусан, ба сангҳои дорои эффектҳои оптикӣ –астеризм, «гашми гурба» созгор аст.

**Қиррабарории фатсетӣ** (аз англ.facet-қирррa)-ба сатҳи санг додани қираҳои ҳамвор аст. Маъмулан барои сангҳои шаффофу нимшаффоф истифода мешавад. Шаклҳои гуногуни қиррабарории фатсетӣ - мудаввар, тухмшакл, маркиза ва ғайра мавҷуданд, ки

дар рӯзҳои мо анъанавӣ ҳисоб мераванд. Агар шакли қиррабарорӣ ғайриоддӣ ё ҷойгиршавии қирраҳо ғайристандартӣ бошад, онро тахайюлӣ меноманд. Се типи (навъи) қиррабарории фатсетиро ҷудо мекунанд: зинагӣ, фонагӣ, омехта (ки дар он унсурҳои қиррабарории зинагию фонагӣ, ва аҳёнан кабошон омехта мешаванд). Багет, зумуррад, мураббаъ (кадрат) намунаи қиррабарории зинагӣ мебошад; бриллиантии мудаввар, тухмшакл, маркиза ва ғайра ба қиррабарории фонагӣ мансубанд. Санги қиррадор аз унсурҳои зерин иборат аст: қисми болоии санг тоҷ ё боло, қисми поёнӣ- поён ё павилйон, қирраи калони ҳамвор дар тоҷ-**майдонча**, хате, ки тоҷро аз павилйон ҷудо мекунад - рундист.

3.4.14. Раванди нархгузории маснуоти заргарӣ бо сангҳои қиматбаҳо аз нархгузории арзиши металл, санг ва сарфи меҳнат барои тайёр кардани ин маснуот иборат аст. Ташхиси насбҳои (вставок), муайян кардани мушаххасоти сифати онҳо аҳамияти хеле калон дорад, зеро фарқи байни арзиши сангҳои табиӣ ва шабеҳҳои систематикии онҳо хеле назаррас аст.

3.4.15. Усули тайёр кардани маснуоти заргариро фарқ кардан зарур аст, зеро фарқи арзиши маснуоти силсилавӣ ва маснуоти дастӣ хеле зиёд мебошад.

3.4.16. Ҳини нархгузории маснуоти заргарӣ аксаран тарзҳои хароҷотию муқоисавӣ мавриди истифода қарор мегирад.

3.4.17. Нархгузорӣ аз нуқтаи назари даромаднокӣ танҳо дар он маврид иҷро мешаванд, ки агар сармоягузорон маблағашонро ба маснуоти заргарӣ ва сангҳои қиматбаҳо бо мақсади ҳифзи маблағашон аз таваррум ва гирифтани даромад андохта бошанд. Зимнан афзалиятҳо аз соҳибияти маснуоти заргарӣ ба ҳисоб гирифта, намешаванд.

Расми 1. Шаклҳои асосии (маъмултарини) қиррабарории сангҳои заргарӣ



Мудаввар 17 қирра (Кр-17)

Мудаввар 33 қирра (Кр-33)

Мудаввар 57 қирра (Кр-57)

Тухмшакл (Ов- 57)



Маркиз (М-55)



Дил (Се-57)



Нок (Г-56)



Триллиант (Т-52)



Кунҷдор (У-57)



Мураббаъ (Кв-33)



Шоҳдухтар (П-65)



Зумуррадӣ (И-65)



Радиант (Ра-65)



Багети росткунҷа (Бп-33)



Багети трапет-сияшакл Бт-25)

3.4.18. Принсипи тарзи хароҷотӣ ҳисоббарории унсур ба унсури маснуоти заргариро дарбар мегиранд, ки дар рафти он ҳар як қисми маснуоти заргарӣ нархгузорӣ мегардад ва сипас арзиши тамоми маснуот бо роҳи ҷамъи арзиши қисмҳои он муайян карда мешавад.

3.4.18.1 Ҳангоми истифодаи тарзихароҷотӣ нисбат ба объекти нархгузорӣ арзишҳои зерин муайян карда мешавад:

**Арзиши муовизаи объекти нархгузорӣ** - суммаи хароҷот барои сохтани объекте, ки ба объекти мавриди нархгузорӣ шабеҳ аст, бо нархҳои бозории рӯзи гузаронидани нархгузорӣ бо назардошти фарсудашавии объекти нархгузорӣ;

**Арзиши бозистеҳсолкунии (таҷдиди) объекти нархгузорӣ** - суммаи хароҷот бо нархҳои бозории санаи гузаронидани нархгузорӣ барои сохтани объекте, ки бо объекти нархгузорӣ айният дорад, бо истифодаи масолеҳи технологии яхкела ва бо назардошти фарсудашавии объекти нархгузорӣ.

3.4.18.2. Ҳини истифодаи усули меъёрию параметрии нархгузорӣ ба маснуоти заргарӣ параметрҳои асосии зерин ба назар гирифта мешаванд:

- намуна барои озмоиши металлҳои қиматбаҳо;
- массаи металли қиматбаҳо дар маснуот;
- намуд ва мушаххасоти сатҳи сифати насбҳои (бевосита) заргарӣ (шакли) қиррабарорӣ, вазн, ранг, холисӣ);
- майдони сатҳи коркарди махсус (ҳаккокӣ, саводкорӣ, малилакорӣ вағайра);
- майдони андудини рӯкашҳои махсус (сирдавонӣ. родийдавонӣ, патинадавонӣ ва ғ.);
- мураккаби тайёр кардан ва сатҳи эстетикии маҳсулотизаргарӣ.

3.4.18.3. Усули миқдорӣ номгӯи ҳамаи масолеҳ ва ҷузъҳои маснуоти заргариро талаб мекунад. Сарфи меҳнате, ки барои насб кардани ҳар унсур зарур аст, ҳисобу китоб мешавад, сипас ведомости умумии хароҷот тартиб додамешавад.

3.4.18.4. Раванди нархгузорӣ амалҳои зеринро дарбар мегирад:

1) таҳлили вазъи бозори ашёи хом ва маснуоти тайёр;

2) муоиаи пешакии маснуот;

3) ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии масолеҳ ва намуди зоҳирии маснуот;

4) баркашидану тавсифи маснуот;

5) муайян кардани маҳак ва арзиши маталли қиматбаҳо;

6) ташхиси насбҳо (вставок);

7) муайян кардани массаи насбҳо (вставки), мушаххасоти сифатию рангӣ ва арзиши бозорӣ;

8) муайян намудани усули тайёр кардан ва арзиши сарфи меҳнат барои тайёр кардану маҳкам кардани насбҳо (вставки);

9) муайян кардани арзиши маснуоти заргарӣ.

3.4.18.5. Маснуоти заргарӣ гурӯҳбандӣ мешавад.

*Истеҳсоли силсилавӣ.* Истеҳсоли маснуот, ки давра ба давра бо дастаҳои такроршаванда ё муттасил, ки дар рафти он барориши умумии маснуот як рамз (шифр) бештар аз 200 адад дар як сол аст, тайёр карда мешавад.

*Истеҳсоли тоқа.* Истеҳсоли маснуоти як рамз (шифр), ки пурра дастӣ сохта

мешавад ё қисман бо истифодаи таҷҳизоти технологӣ тайёр мешавад. Чунин маснуот якдафъаина ё давра ба давра (воҳидҳои алоҳидаи он) тайёр карда мешавад, зимнаи бориши умумии маснуот дар як сол аз 200 адад бештар намебошад.

*Сатҳирӯя.* Сатҳи маснуот, ки ҳини истифода ба назар намоён аст ва бори ороишро мекашад.

*Сатҳи ғайрирӯя.* Сатҳи маснуот, ки ҳини истифода ба назар намоён нест ва бори ороишро намекашад.

*Андозаи ангуштар, бозубанд.* Ишорати шартӣ, ки занҷирии фосилаи муқарраршудаи бузургиҳоро тавсиф мекунад (барои ангуштор-қутри дохилӣ, барои бандаки соатдарозии густараи байни меҳварҳои ҳалқаҳои иттисолӣ дар вақти баста будани қуфл, барои занҷира-дарозии густара(аз ҷумла унсурҳои қуфл).

*Маснуоти вазнӣ.* Маснуоте, ки дар он нархи фурӯш вобаста аз массааш муқаррар карда шудааст.

*Маснуоти ғайривазнӣ.* Маснуоте, ки дар он нархи фурӯш новобаста аз массааш муқаррар карда шудааст.

*Даста (маснуот).* Гурӯҳи маснуоти як рамз (шифо), ки бо як ҳуҷҷат ба расмият дароварда шудааст ва дар як вақт таҳвилу пазириш мешаванд.

*Камбудии ниҳони маснуот.* Камбудие, ки дар марҳилаи назорати таҳвилӣ ошкор карданаш имконнопазир буда, дар давраи нигоҳдорию истифодаи он зоҳир мегардад.

3.4.18.6. Ҳар як маснуот бояд тамғаи Палатаи Давлатии Тамғазании Кумитаи оид ба металҳои қиматбаҳои ҶТ – ро дошта бошад, ки он ба Қоидаҳои тамғазании маснуот аз металҳои қимматбаҳо мувофиқат кунад. Ҳамчунин ҳар як маснуот бояд нишон (аломат)-номи корхонаи истеҳсолшударо, ки дар Палатаи Давлатии Тамғазанӣ ба қайд гирифта шудааст, дошта бошад.

3.4.18.7. Дар маснуоти таъмир (реставрация) шуда, корхонаи таъмиргар (реставратсиякунанда) нишони реставратсия «Р» мезанад.

3.4.18.8. Агар дар маснуот ҷузъҳои (деталҳои) ба чашм намоён аз металҳои ғайриқимматбаҳо мавҷуд бошад, бояд дар ин ҷузҳо нусхаи нишони «мет», «мелк», «нерж» гузошта шавад. Ин корро ба қисмҳои аз металҳои ғайриқиматбаҳо тайёр шуда, ба истиснои фанарҳои пӯлодӣ, насбҳо (вставкаҳо) ва штифтҳо, сӯзанаки сарсӯзанҳои нуқрагӣ, корхона ба субут мерасонад. Дар ҳуҷҷатҳои техникӣ бояд миқдору массаи деталҳо аз металлҳои ғайриқиматбаҳо зикр гардад.

3.4.18.9. Нишонгузорӣ (маркировка) маъмулан дар сатҳи пушти рӯяи маснуот ичро мегардад. Ҷой ва усули гузоштани нишон, ҳамчунин мӯҳтавои нишонгузорӣ бояд ба сабти ҳуҷҷати техникии маснуот мувофиқат кунад.

3.4.18.10. Дар маснуоти реставратсияшуда нишон дар тарафи рости нишони дар маснуот то реставратсия мавҷудбуда гузошта мешавад. Нишонгузорӣ дар қисмҳои маснуот тибқи талаботи қоидаҳои тамғагузорӣ ва ҳуҷҷатҳои техникии маснуот сурат мегирад. Нишонгузорӣ бояд аниқу возеҳ бошад ва намуди берунии маснуотро халалдор накунад.

**3.4.18.11. Низоми маҳаки металлҳои қиматбаҳо**

Дар заргарӣ асосан чор металл-тилло, нукра, платина, палладий истифода бурда мешавад. Ба металлҳои қимматбаҳои бо таносуби муайян металлҳои дигар, ки онҳоро лигатура ё ҷавҳардоркунанда меноманд, илова менамоянд. Зимнан ҳам металлҳои қиматбаҳо ва ҳам металлҳои ғайриқиматбаҳо ҷавҳардоркунанда буда метавонанд, ки ин

ба ҳосил намудани хӯлаҳои заргарии дорои ранг, нармӣ ва сахтии гуногун имкон медиҳад.

Хӯлаҳои металлҳои қиматбаҳоро маъмулан аз рӯи таркиб ва аломатҳои технологӣ фарқ мекунанд.

Миқдори металли қиматбаҳоро дар хӯла маҳак ё иёр меноманд.

Маҳак ё иёр- миқдори ҳадди ақалли металли қиматбаҳо аст, ки дар ҳиссаҳо баҳазор воҳиди массаи хӯла ҳисоб карда мешавад. Маҳак ба ҳар хӯлаи заргарӣ дода мешавад.

Маҳакҳои зерин муқаррар карда шудааст: тилло 999,958. 750,985,500 ва 375; нуқра 999,960,925,875,830,800; платина 950,900,850; палладий 850 ва 500.

Дар амалияи ҷаҳонӣ чор низоми маҳаки металлҳои қиматбаҳо - метрӣ, мисқолӣ, лотӣ ва каратӣ амал мекунанд. Ҳар як низом ба яке аз воҳидҳои муайяни андозагирии вазн марбут буда, ифодаи рақамии худро дорад.

**Низоми мисқолии маҳак**дар Русия расман соли 1711 барои хӯлаҳои нуқра ва соли 1733 барои хӯлаҳои тилло ҷорӣ карда шудааст. Дар ин низом миқдори тиллою нуқра тавассути миқдори мисқол дар як фунт (№409,5 грамм) муайян карда мешавад. Ба маснуоти платинагию палладийӣ тамға гузошта намешуд. Мисқол (золотник) тақрибан 266г,1/96 фунт аст, яъне як фунт баробар ба 96 мисқол (золотник) мебошад.

Металли холис ба маҳаки 96 мутобиқат мекард. Барои маснуоти тилло маҳакҳои 56,72,92,94, барои нуқра- 72,74,82,87,88,89,90,91,94.

Масалан, тиллои маҳаки 84 чунин маъно дорад, ки дар таркиби хӯла 84 мисқол тилло ва 12 мисқол лигатура мавҷуд аст.

Низоми мисқолӣ то соли 1927 амал кардааст.

Низоми метрии маҳак низоми байналхалқии аз ҷониби умум эътирофшудааст. Маҳаки метали холис 1000 аст. Тиллои маҳакаш 585 чунин маъно дорад, ки дар як килограмми хӯла 585 грамм тиллои холис ва 415гр. лигатура ҳаст.

Низоми каратин маҳак - 1 карат= 9,7гр. Маҳаки ҳадди аксари металли холис ба 24 карат мувофиқат мекунад. Ин низом танҳо барои хӯлаҳои тилло пешбинӣ шудааст. Маҳакҳои каратии 8,9,12,14,16,18,19,21,22,23,24 вуҷуд дорад.

Низоми лотии маҳак барои нишонгузорӣ ба маснуоти нуқра мавриди истифода қарор мегирад. Миқдори металли қимматбаҳои холис бо миқдори лотҳо дар як меъёри кёлнӣ - 233,8грамм муайян карда мешавад. Маҳаки ҳадди аксари нуқраи холис баробар ба 16 лот аст. Нишонгузорӣ тавассути рақамҳои римӣ сурат мегирифт.

**Таносуби маҳаки металлҳои қиматбаҳо**

| Каратӣ | Мисқолӣ | Метрӣ |
|---|---|---|
| 8 | 32 | 333 |
| 9 | 36 | 375 |
| 12 | 48 | 500 |
| 14 | 56 | 583, 585 |
| 16 | 67 | 700 |
| 18 | 72 | 750 |
| 19 | 77 | 800 |
| 21 | 84 | 875 |
| 21 | 86 | 900 |

| | | |
|---|---|---|
| 22 | 88 | 915 |
| 22 | 89 | 925 |
| 22 | 91 | 950 |
| 23 | 92 | 958 |
| 23 | 92 | 960 |
| 24 | 96 | 1000 |

Лаҳим (кафшер) бояд таркибан ба таркиби хӯла, ки аз он маснуот тайёр карда мешавад, наздик бошад. Аз ҷумла маҳаки лаҳими (кафшери) маснуоти тиллоӣ ва платинагӣ бояд ба маҳаки хӯлаи асосӣ баробар бошад. Маҳаки лаҳим (кафшер) барои маснуоти нуқра набояд аз 650 кам бошад. Барои лаҳимкории (кафшергарии) занҷираҳое, ки дар автомат тайёр карда мешаванд, ба истифодаи лаҳими (кафшери) махсус, ки дар таркибаш металли қиматбаҳо надорад (худи занҷира зимнан дорои маҳаки муқаррар гардида мебошад) роҳ дода мешавад.

Массаи металли қиматбаҳо дар лигатура аз рӯи нишондодҳои воқеии тарозу бидуни яклухткунӣ муайян карда мешавад. Масалан, тарозу вазни ангуштарро 2,28гр. нишон дод, массаи лигатурӣ 2,2грамм аст.

Барои муайян кардани арзиши металли қиматбаҳо бо нархи бозори байналхалқӣ массаи бо грамм ҳисобшударо ба унсияҳои тройӣ бо роҳи тақсими ин қимат ба 31,1034807 бармегардонем.

Мисол. Таноби (троси) тиллоии маҳаки 750, вазнаш 200г.

200г х 0,750=150г:31,1034807=4,822 унсияи тр. х800 дол. =3857дол.

3.4.48.12. ***Нархгузории маснуоти заргарӣ. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои зарурии ибтидоӣ барои гузаронидани нархгузории арзишӣ.***

Нишондиҳандаҳои асосие, ки ба нархгузории сангҳои заргарӣ таъсир мерасонанд, ранги санг, холисии санг, қиррабарории санг ва массаи он, ки бо карат ифода шудааст ба ҳисоб меравад. Принсипи нархгузории –чаҳор «С» (4С) маҳз ба ҳамин нишондиҳандаҳо асос меёбад. Ҳар як С як омили нархгузориро ифода мекунад.

Colour- ранги санг- омили аз ҳама асосӣ, ки ба нархгузории сангҳои рангаи заргарӣ таъсир мерасонад.

Clarity- холисии санг (дараҷаи аз мушаххасоти дохилӣ озод будани санг).

Cut- қиррабарории санг (шакл, намуди қиррабарорӣ, таносуб, ҳамчунин сифати коркард (симметрия, сайқалдиҳӣ ва ғайра).

Caratweight- массаи санг бо карат (1 карат баробар ба 0,2гр).

Дар амалия муносибатҳо ба нархгузории коршиносии бриллиант ва сангҳои рангаи заргариҷузъӣ бошад ҳам, фарқ мекунад.

Нархгузории бриллиантҳо, мисли нархгузории сангҳои ранга ба принсипи 4С (ранг, холисӣ, масса-дар карот, қиррабарорӣ) такя менамояд. Ҳар яки ин омилҳо ба арзиши бриллиант таъсир мерасонад, бино бар ин бе арзёбии коршиносӣ нархгузории арзишии онро низ анҷом додан имконнопазир аст.

Барои гузаронидани нархгузории арзишии санги заргарӣ ё дастаи сангҳо ҳуҷҷатҳои зерин лозиманд:

1. Шартномаи байни Супоришгар ва Нархгузор оид ба гузаронидани нархгузорӣ. Дар шартнома бояд тавсифи аниқи объекти нархгузорӣ бошад.

2. Ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ нисбат ба объекти нархгузорӣ, агар

онҳо бошанд.

3. Маълумотнома дар бораи арзиши тавозунии объекти нархгузорӣ, нисбат ба объектҳое, ки ба симои ҳуқуқӣ мутааллиқанд.

4. Хулосаи геммологии коршиносон, ки мушаххасоти миқдорию сифатии объекти нархгузориро муайян мекунанд. Хулоса бояд ҳатман нуқтаҳои зайлро дар бар гирад;

- номи санги заргарӣ;
- сурати (акси) санги заргарӣ;
- вазни санги заргарӣ;
- параметрҳои санги заргарӣ-ҳаҷм, шакли коркард. Агар объекти нархгузорӣ аз ашёи хоми сангҳои қиматбаҳо иборат бошад, сабти миқдор, андоза ва шакли кристаллҳо;
- маълумот дар бораи табиати санги заргарӣ (табиӣ, такмилдода, сунъӣ), нишонаҳои ташхисии он;
- мушаххасоти санги заргариро аз рӯи ранг ва холисӣ, тибқи низомҳои миллӣ ва байналхалқии нархгузории коршиносӣ. Нишон додан лозим аст, ки нархгузории коршиносӣ дар асоси кадом стандартҳо гузаронида шудааст;
- агар объекти нархгузорӣ маводи сунъӣ бошад, зикри усули синтези санги заргарии сунъӣ матлуб аст;
- агар объекти нархгузорӣ такмил дода шуда бошад, ҳамчунин бояд усули такмилдиҳӣ нишон дода шавад.

Хулосаи геммологӣ метавонад маълумоти дигарро дар бар гирад, ки ба фикри коршинос онҳо заруранд.

***3.4.18.13. Формулаи ҳисоббарории арзиши сангҳои заргарӣ, металлҳои қиматбаҳо ва маснуоти заргарӣ***

I. Формулаи умумии ҳисоббарории арзиши сангҳои заргарӣ

Баъди гирифтани иттилоот дар бораи арзиши нархномавии як воҳиди массаи (карат, грамм, гран ва ғайра) сангҳои заргарӣ ва қиматбаҳо (поделочный), бо назардошти гуруҳҳои вазнӣ, ҳисобу китоби арзиши объекти нархгузориро аз рӯи формулаи зерин иҷро менамоянд:

$A_{насб} = B_{насб} \times A_{мувоф} \times Кр$,

дар ин ҷо $A_{насб}$ - арзиши насбҳои (вставкаҳои) якхелаи (дорои мушаххасоти якхелаи) заргарӣ;

$B_{насб}$ - вазни умумии (ё теъдоди ададии) насбҳои (вставкаҳои якхелаи заргарӣ), ки бо карат муайян карда мешавад;

$A_{мувоф}$ - арзиши мувофиқгардонидашудаи нархномавии як карати (ё як адади) насбҳои (вставкаҳои) заргарӣ бо мушаххасоти додашуда.

Кр - курс ё қурби доллари ИМА дар рӯзи нархгузорӣ.

Вобаста аз мушаххасоти сангҳои заргарӣ ба формула коэффисиентҳои зарурии коҳишдиҳанда ё баландбардоранда илова мешаванд.

II. Формулаи умумии ҳисобу китоби арзиши металли қимматбаҳо:

С мет= В мет х С чист х Маҳак хКр.

Дар ин ҷо С мет – арзиши металл дар объекти нархгузорӣ:

И мет – вазни металл дар маснуот, ки бо грамм муайян карда мешавад;

С чист – арзиши як грамм металли қиматбаҳо бо доллари ИМА;

Маҳак – маҳаки металли қиматбаҳо дар хӯла;

Кр –қурби доллари ИМА бо асъори миллӣ дар рӯзи нархгузорӣ.Ҳини ҳисобу китоби арзиши маснуоти заргарӣ арзиши масолеҳ, маблағи умумии тайёр кардани маснуоти заргарӣ ва фоидаи корхонаи тайёркунанда бо назардошти андози фоида ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳангоми ҳисобу китоби арзиши маснуоти заргарӣ аксаран он ҳамчун вазифаи ҳисобу китоби арзиши такрористеҳсоли (восироизводство) объекти нархгузорӣ, яъне тайёр кардани маснуоти заргарии ҳамҷинси маснуоти пешниҳодгардида тибқи меъёрҳои додашудаи тайёркунӣ фаҳмида мешавад.

Арзиши масолеҳ ҳангоми тайёр кардани маснуоти заргарӣ аз арзиши сангҳои заргарӣ ва металлҳои қимматбаҳо ташаккул меёбад.

Хароҷоти корхонаи истеҳсолкунанда харҷҳои зеринро дар бар мегирад: музди меҳнат, пардохтҳо ба буҷаи давлатӣ, масрафу андозҳо ва ғайра, ки бо ситонидани фоида иртибот надоранд. Ҳисобу китоби харҷҳо бо роҳи бо арзиши масолеҳ, ки аз он объекти нархгкзорӣ тайёр карда шудааст, зарб задани коэффисиенти дахлдор ба амал меояд.

Вобаста аз категорияи маснуоти заргарӣ коэффисиенти афзоишдиҳанда ва коҳишдиҳанда ҷорӣ карда мешавад.

**3.4.18.14. Усули муқоисаи фурӯш ҳангоми нархгузории сангҳои заргарӣ, металлҳои қиматбаҳо ва маснуоти заргарӣ**

Нарх дар бозори сангҳои рангаи қаррадоршуда натиҷаи созиши байни харидор ва фурӯшганда мебошад. Дар вақти таҳлили бозор ҳам пешниҳод ва ҳам талаботро ба назар гирифта лозим аст. Талаботро мавҷудияти харидорони эҳтимолӣ(ширкатҳои заргарӣ, коллексионерҳо) ташаккул медиҳад, пешниҳодот бошад бо мавҷудияти ашёи хом дар бозор, сангҳои қиррадоршуда, тамоюли мӯд, маснуоти заргарии дорои намудҳои мушаххаси насбҳо (вставка) муайян мешавад.

Барои он ки нархи насби (вставкаи) қиррадоршуда ба арзиши бозорӣ мувофиқат кунад, бояд таносуби муайяни байни арзиши санги ранга ва арзиши маснуоти заргарӣ риоя карда шавад.

Ҳангоми таҳлили обектҳои муқоисашаванда ин таносубро ба назар гирифта, тасҳеҳи заруриро ворид сохтан зарур аст.

Арзиши бозории санги ранга тавассути нархе муайян карда мешавад, ки харидори маъмулӣ барои санги рангаи манфиатнокиаш маъмулӣ пардохт мекунад. Агар чунин сангҳо дар бозор набошанд, усули муқоисаи фурӯш тадбиқнопазир аст. Сифати насб аз мувофиқати параметрҳои арзёбии сифат, ки дар ин маҳал ширкатҳои заргарӣ пазируфтаанд, вобастааст. Ҳангоми тағйир ёфтани ҷои фурӯш арзиши санг низ тағйир ёфта метавонад. Арзиши санги ранга ҳам дар натиҷаи тағйирёбии худи насб (вставка) (фарсоиш), ҳам дар натиҷаи тағйирёбии шароити беруна тағйир меёбад. Пайгирии тамоюлҳои тағйирёбии шароити дохилию берунӣ барои пешгӯии манфиатҳои оянда аҳамияти назаррас дорад.

Усули муқоисаи фурӯш махсусан барои насбҳои (вставкаҳои) қиррадоршудаи сангҳои ранга (топаз, ақиқ, аметист ва ғ.), ки дар бораи доду гирифтҳои ба қарибӣ ба субект расидаи онҳо иттилоотикофии мӯътамадҳаст, самаранок бахш мебошад. Барои сангҳои мунтазам ба фурӯш раванда ин усул бузургии (величина) аз ҳама мӯътамади арзиши бозориро медиҳад.

Истифодаи усули муқоисаи фурӯш иҷрои пайдарпаи амалҳои зеринро дар бар

мегирад:

- тадқиқи муфассали бозор бо мақсади ба даст овардани иттилооти саҳеҳ дар бораи ҳамаи омилҳое, ки бо обекти манфиатнокии муқоисашаванда иртибот доранд;
- муайян кардани воҳидҳои муносиби муқоиса ва гузаронидани таҳлили муқоисавӣ оид ба ҳар воҳид;
- муқоисаи объекти тадқиқшаванда бо объекти барои муқоиса интихобшуда бо мақсади тасҳеҳи нархҳои фурӯши онҳо;
- овардани як қатор нишондиҳандаҳои арзиши объектҳои муқоисашаванда ба як ё диапазони арзиши бозории объекти мавриди таҳқиқ.

Таҳқиқи бозори сангҳои рангаи қиррадоршуда ба назар гирифтани омилҳои зеринро тақозо мекунад:

1) ҳиссаи бозоре, ки таҳти назорати ширкат аст: ҳаҷми фурӯши насбҳои (вставкаҳои) мушаххас; талафоти эҳтимолӣ, ки дар натиҷаи фаъолият дар бозори рақибон ба миён меоянд:

2) вазъият дар соҳаи пешниҳоди насбҳо (вставка) – ҳои шабеҳ дар бозор:

- ғунҷоишнокии умумии бозор;
- сегментатсияи истеъмолкунандагон;
- муайянкардани ангезаҳои истеъмолкунандагон;
- имкониятҳои ширкатҳои рақиб, ки дар асоси нишондиҳандаҳои иқтидорҳои истеҳсолӣ, тахассусӣ, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, динамикаи ин нишондиҳандаҳо ҳисоббарорӣ шудаанд;
- хусусиятҳои маҳсулоти ширкатҳои рақиб;
- манбаъҳои ашёи хом;
- арзиши аслии маснуот тибқи намудҳои насбҳо (вставкаҳо);
- хусусиятҳои ташкили раванди истеҳсолӣ дар рақибон;
- амалия, имконият ва шартҳои ҷалби ширкатҳои хориҷӣ, ҳамчунин таҳвили таҷҳизоту ашёи хом;

3) обрӯю эътибори насбҳои (вставкаҳои) қиррадор аз ҳамин ашёи хом дар бозор: сифат, мушаххасоти сифатию рангӣ; нодирият; хусусиятҳои минералогӣ;

4) каналҳои фурӯш: шаклҳои фурӯш (расонидани мустақим, намояндагони тиҷоратӣ; корхонаҳои истеҳсолкунанда; миёнаравҳои фурӯши яклухт; дилерҳо), дараҷаи фарогирии бозор; низоми ҳамлунақл; низоми назорати захираҳо;

5) нархи насбҳои (вставкаҳои) қиррадоршуда. Интихоби воҳидҳои муқоиса

Интихоби воҳидҳои муқоиса имкон медиҳад оид ба ҳар намуди насбҳо (вставкаҳо) таҳлили муқоисавӣ гузаронида, дастаи сангҳои рангаи пешниҳодшаванда бо объектҳои интихобшудаи муқоиса бо мақсади тасҳеҳи нархи фурӯши онҳо муқоиса карда шавад. Ҳангоми таҳлили фурӯши сангҳои ранга воҳидҳои зерини муқоиса мавриди истифода қарор мегиранд:

*нархи як карати санги рангаи қиррадор (долл. ИМА/карат);

*нархи як насб (вставка) аз санги ранга (долл. ИМА/адад).

Барои сангҳои ранга нархи як карат (200 мг.) - воҳиди аз ҳама паҳншудаи муқоиса ба ҳисоб меравад. Массаи сангҳои заргарӣ бо дақиқии аломати дуюми даҳӣ дар каратҳо нишон дода мешавад. Бо самти афзоишӣ яклухт кардан мумукин аст, ба шарте, ки аломати сеюми даҳӣ 9 бошад.

Муаяйн кардани нархи насб (вставка) (барои як адад) барои сангҳои қиррадори

сифаташон тиҷоратӣ (аксаран қиррабарориашон «кабошон» ё ҷадвал) мавриди истифода қарор мегирад.

Интихоби унсури муқоиса

Нисбат ба насбҳои (вставкаҳои) қиррадори сангҳои ранга мушаххасоти минералҳо ва шартҳои додугирифт унсурҳои муқоиса ҳисоб мешаванд.

Барои муаяйн кардани унсурҳое, ки арзиш аз онҳо вобаста аст, гузаронидани таҳлили муфассали шароити бозорӣ зарур мебошад. Барои дар рӯзи нархгузорӣ ба намунаи мавриди тадқиқ овардани объектҳои муқоиса бояд тасҳеҳи нархи фурӯши объекти муқоиса оид ба ҳар мавқеи (позитиция) унсурҳои муқоиса ба субут расонида шавад. Бузургии умумии тасҳеҳ аз дараҷаи фарқи байни объектҳо вобаста аст. Дар амалияи нархгузорӣ унсурҳои асосии зерини муқоисаро ҷудо мекунанд:

- мушаххасоти физикии санги ранга (масса, тобиш, ноқисиҳо, сифати коркард);
- ҳуқуқи моликӣ;
- шартҳои сармоягузорӣ;
- шартҳои фурӯш;
- вазъи бозор;
- ҷои фурӯш;
- истифода

Ҳангоми муаяйн кардани нархи бозории муомила мушаххасоти физикии (масса, тобиш, ноқисиҳо, сифати коркард) сангҳои рангаи қиррадор нақши калон мебозанд. Ҳамаи конҳо дорои хусусиятҳои махсуси геологии ташаккулёбии минералҳо мебошад, бинобар ин сифати сангҳои аз конҳои гуногун истихроҷшаванда якхела нест. Аз ин ҷо зарурати баррасии ҳар як фарқи мавҷуда ба миён меояд. Ҳангоми муайян кардани бузургии тасҳеҳ гузаронидани экспертизаи геммологӣ аҳамияти калон дорад.

## III.5. Нархгузории арзиши чорво барои парвариш ва бӯрдоқикунӣ

3.5.1. Чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда гурӯҳи махсуси амволи манқул буда, ба дороиҳои (активҳои) биологӣ мансубанд. Чорвои парваришӣ баъди ба синни муайян расидан ба гурӯҳи мушаххаси ҷинсию синнӣ ва рамаи асосӣ гузаронида мешаванд. Баъди гузаронидан ба рамаи асосӣ дороиҳои (активҳои) мазкурба гурӯҳи воситаҳои асосӣ мегузаранд. Чорвои ба сабаби иллатдорӣ аз рамаи асосӣ бароварда ба бӯрдоқикунӣ гузоштташударо, баръакс ба гурӯҳи воситаҳои гардишӣ мегузаронанд.

3.5.2. Раванди парвариш ва нигоҳдории чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда хароҷоти моддӣ, пулӣ, меҳнатӣ дорад. Хусусиятҳои ҳисобгирию идораи ҳолати чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда хусусияти хосу хусусияти нархгузории онҳо, андозагирандагон, ҳуҷҷатҳои аввалияи ҳисобгирӣ, ҳисобгирии таҳлилию синтетикӣ, кореспонденсияи ҳисобҳо, регистрҳои муҳосибӣ, инвентаризатсия ва ғайраро муайян мекунанд.

3.5.3. Ташкилотҳои кишоварзӣ метавонанд тавсияҳоҳою низомномаҳои дохилӣ, дигар ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ, ки барои ташкили бояду шояди ҳисобгирию назорати ҳаракати чорвои парваришӣ ва бӯрдоқишаванда заруранд, таҳия намоянд. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур шаклҳои вижаи ҳуҷҷатҳои аввалия оид ба қабул, интиқол ва ҷойивазкунии чорвои парваришӣ ва бӯрдоқишаванда, аз гурӯҳе ба гурӯҳе гузаронидан ва тартиби ба расмият даровардани онҳо (тартиб додану тахт кардан), тартиби амалигардонии назорати таъмини саршумору нигоҳдории чорво, бурдани дурусти ҳисобгирӣ, саҳеҳияти ҳисобот дар бораи мавҷудияти онҳо, ҳаракати онҳо ва ғайра муқаррар карда мешаванд.

3.5.4. Вазифаҳои асосии ҳисобгирии чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда дар ташкилотҳои кишоварзӣ иборат аст аз:

- сари вақт ва пурра ба ҳисоб гирифтани насли чорво;
- ташаккули нархгузории асосноки чорвои харида ва аз рамаи худӣ гирифта;
- дуруст ва сари вақт бо ҳуҷҷат ба расмият даровардани амалиёт ва таъмини додаҳои саҳеҳ оид ба харид, воридот ва ҷойивазкунии чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда;
- коркарди асоснокии нархҳои ҳисобгирӣ, сари вақт инъикос кардани инҳирофи арзиши аслии нақшавӣ аз вақт (тафриқаҳои калкулятсионӣ) ва инъикоси онҳо дар ҳисоби бухгалтерӣ;
- сари вақт гирифтани иттилооти дақиқ дар бораи мавҷудият ва ҷойҳои нигоҳдорию ҳаракати чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда;
- давра ба давра муқоиса кардан бо додаҳои ҳисоби бухгалтерӣ;
- назорат бурдани саривақтӣ ва саҳеҳи ҳисобгирии чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда дар фермаҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдории онҳо;
- мунтазам инъикос кардани ҳамаи тағйироте, ки дар таркиби рама ба вуқӯъ мепайвандад, ва дуруст муайян кардани натиҷаҳои парваришу бӯрдоқикунӣ;
- сари вақт гузаронидани инвентаризатсия, баркашидан ва муайян кардани афзоиши саршумор ва ғ.

3.5.5. Нархгузории чорвои парваришу бӯрдоқишаванда ҳангоми ба дафтари мадохил даровардан аз рӯи тартиби зерин муайян карда мешавад:

- гӯсолаҳо дар чорводорӣ барои шир –тибқи арзиши аслии нақшавии саршумори насл. Арзиши аслии нақшавии (нархгузории) як сар гӯсола аз рӯи масраф ба нигоҳдории модаговҳои ширдеҳ ва наргови хушзот, ба истиснои арзиши маҳсулоти туфайлӣ дар таносуби 90% мансуб ба ширва 10% ба насл муайян карда мешавад;
- гӯсолаҳо дар чорводорӣ барои гӯшт –дар асоси вазни зиндаи гӯсола ва арзиши аслии нақшавии як килограмм вазни зиндаи чорвои аз шир баровардашуда муаяйн мекунанд;
- хукбаччаҳо – дар асоси вазни зиндаи ҳини таваллуд ва арзиши аслии нақшавии 1 кг массаи зиндаи аз шир баровардашуда (бо роҳи тақсими массаи умумии масраф баъди тарҳи арзиши маҳсулоти туфайлӣ ба миқдори афзоиши вазни зиндаи хукҳо, аз ҷумла вазни зиндаи насл ҳангоми зоиш муайян карда мешавад);
- барраҳо –дар нархгузорие, ки ҳини ҳисобкардани арзиши аслӣ қабул шудааст (дар гӯсфандпарварӣ барои пашму гӯшт ва гӯшту пашм дар ҳаҷми 10% зоти романовӣ-12%, зоти қароқӯлӣ -15% суммаи умумии харҷ барои нигоҳдории гӯсфандони рамаи асосӣ).
- ҳайвонҳои мӯинадор –дар нархгузории шартӣ, ки ба 50% нархгузории нақшавии як сар ҳайвон дар рӯзи аз ҳайвони мода ҷудо кардани бачаҳояш баробар аст;
- тойҳо – дар ҳаҷми арзиши аслии нақшавӣ 60 хӯрока –рӯзи нигоҳдории саршумори калон;
- чӯҷаи мурғ, мурғобӣ, ғоз, мурғи марҷон (чӯҷаҳои якшабонарӯза) –тибқи арзиши аслии нақшавии як сар мувофиқан ба арзиши аслии инкубатсия;
- оилаи занбӯри асал –барои нархгузорӣ мувофиқи нархномаҳои нақшавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3.5.6. Чорвои барои парваришу бӯрдоқикунӣ харидашуда дар ҳисоби бухгалтерӣ аз рӯи арзиши аслии воқеии харид ва ё нархҳои ҳисобгирӣ (арзиши аслии нақшавӣ) инъикос карда мешавад. Нархҳои баҳисобгирӣ дар ҳисоби таҳлилии бухгалтерии насли аз рамаи худӣ гирифташуда мавриди истифода қарор мегирад. Дар ин маврид ин вариант дар сиёсати ҳисобгирӣ ҳатман тасдиқ карда мешавад.

3.5.7. Арзиши аслии воқеӣ эътироф мешавад:

- чорвои ба пул, аз ҷумла барои ба воя расондан ва парварш кардан харидашуда –суммаи харҷҳои воқеии ташкилот барои харид (арзиши чорво тибқи нархҳои шартномавӣ; харҷҳои нақлиётию маҳсулоттайёркунӣ ва хароҷоти дигар; ба истиснои андози арзиши илова ва дигар андозҳои пардохтшаванда, ғайр аз мавридҳои дар қонунгузории амалкунанда пешбинишуда);
- ба ҳисоби саҳм ба сармояи оинномавии ташкилот ворид кардашуда – нархгузории пулии онҳо, ки бо муассисони (иштироккунандагони) ташкилот мувофиқа шудаанд, агар чизи дигар дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошад. Агар, хароҷоти дастрас карданро (хароҷоти нақлиётию маҳсулоттайёркуниро) тарафи қабулкунанда ба зиммаи худ гирад, пас ба арзиши аслии воқеии чорво маблағи хароҷоти ба субут расида ҷамъ мешавад;
- аз рӯи шартномаи тӯҳфа ё ройгон (бебозгашт) гирифтаи ташкилот –арзиши ҷории бозории онҳо дар санаи ба ҳисоби бухгалтерӣ пазируфта шудан. Агар ҳароҷоти дастрас карданро (хароҷоти нақлиётию маҳсулоттайёркуниро) тарафи қабулкунанда ба зиммаи худ гирад, пас ба арзиши аслии воқеии чорво маблағи хароҷоти ба субут расида ҷамъ карда мешавад;
- тибқи шартномаҳо гирифтае, ки иҷрои ӯҳдадориҳоро (пардохтро) тавассути воситаҳои ғайрипулӣ - арзиши дороиҳое (активҳое), ки ташкилот додаст, пешбинӣ мекунанд. Арзиши дороиҳое (активҳое), ки ташкилот додааст ё бояд диҳад, дар асоси нархе муайян карда мешавад, ки тибқи он дар вазъиятҳои муқоисапазир ташкилот маъмулан арзиши дороиҳои (активҳои) шабеҳро муайян мекунад. Ҳароҷоти нақлиётӣ ва хароҷоти дигари марбут ба мубодила ба арзиши захираҳои гирифта ҳамроҳ карда, бевоситаё пешакӣ ба таркиби хароҷоти нақлиётию маҳсулоттайёркунӣ ворид карда мешавад, агар дар қонунгузорӣ чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад. Агар шартномаи мубодила бадали дороиҳои (активҳои) нобаробарро пешбинӣ карда бошад, фарқи байни онҳо дар шакли пулӣ тибқи дебети ҳисоби ҳисоббаробарӣ дар тарафе зикр мешавад, ки моли арзишаш бештарро додаст. Қарзи ташаккулёфта тибқи тартиби муқаррар кардаи шартнома рӯпӯш карда мешавад.

3.5.8. Чорвои дар натиҷаи иллатдорӣ аз рамаи асосӣ ба парво кардаи гузаронидашударо тибқи нархгузорӣ аз рӯи арзиши тавозунӣ ба ҳисоб мегиранд.

3.5.9. Баъди ҳар баркашидани вазн вобаста аз афзоиши вазни зинда дар натиҷаи парвою бӯрдоқикунӣ чорво мунтазам ба таври илова нархгузорӣ мешавад. Маблағи нархгузории иловагӣ бо роҳи зарбзадани арзиши аслии нақшавии 1 с афзоиш (прирост) ба миқдори афзоиш ( с) аз рӯи ҳар намуд ва цуруҳи ҷинсию синнии чорво муаяйн карда мешавад.

3.5.10. Дар бобати намуд ва гуруҳи ҷинсию синнии чорвое, ки афзоиши массаи зиндаи онҳо муайян карда намешавад, нархгузории иловагӣ бо тартиби зайл муқаррар карда мешавад:

- тойҳоро дар аспарварии зотӣ, ҳамчунин барра, харгӯш, ҳайвоноти ҷавони мӯйинадор – ҳангоми аз модар ҷудо кардан то арзиши аслии пурраи нақшавӣ

дар лаҳзаи ҷудо кардан (50% бақия аз маблағи нақшавӣ);
- барраҳо баъди аз модар ҷудо кардани онҳо –дар асоси афзоиши массаи зиндаи онҳо, ки бо роҳи баркашидани интихобӣ муайян карда мешавад;
- афзоиши тойчаҳои аз модиёни корӣ гирифташуда, ҳамчунин ҷавонаҳои ҳайвонот, харгӯшҳо, паррандаҳо –дар асоси шумораи рӯзҳое, ки онҳо дар ташкилот нигоҳ дошта шудаанд ва арзиши аслии нақшавии як рӯзи нигоҳдории онҳо. Парранда, харгӯш ва ҳайвоноти ба воя расида такроран нархгузорӣ намешаванд. Арзиши нигоҳдории онҳо ба маҳсулоташон (тухм, пӯст) ворид мегардад.

3.5.11. Нархгузории чорвои парвариш ва бӯрдоқишаванда аз рӯи арзиши аслии нақшавӣ дар охири сол то сатҳи воқеӣ баъди таҳияи ҳисобу китоби арзиши аслӣ тасҳеҳ мешавад. Агар арзиши аслии воқеӣ аз нақшавӣ зиёд бошад, ба нархгузории иловагӣ сабт мекунанд, агар паст бошад, сабти сторнирӣ сурат мегирад. Дар тавозуни хотимавӣ (солона) чорвои парваришу бӯрдоқишавандаи то охири сол расида дар нархгузорӣ аз рӯи арзиши аслии воқеӣ инъикос меёбад.

3.5.12. Чорвое, ки ба ташкилот мансубнест, вале дар истифода ё ихтиёри он аст, дар ҳисобҳои мовароитавозунӣ (забалансовый) дар нархгузорие, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст ва ё дар нархе, ки бо соҳибмулки онҳо мувофиқа гардидааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

3.5.13. Чорвои мансуб ба ташкилот, ки дар роҳ аст ё чун гарав ба харидор дода шудааст, ба ҳисобгирии бухгалтерӣ тибқи нахргузорие, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, бо тасҳеҳи минбаъдаи арзиши аслии воқеӣ қабул мешавад.

3.5.14. Чорвои парвариш ва бӯрдоқишавандае, ки дар давоми соли ҳисоботӣ нархи бозориаш то сатҳи пасттар аз арзиши ҳисобгирии (тавозунии) он паст шудааст,ташкилотҳо метавонанд дар тавозуни бухгалтерӣ дар охири соли ҳисоботӣ аз рӯи арзиши бозории ҷорӣ инъикос кунанд. Коҳиши арзиши чорво (фарқи байни арзиши ҳисобгирӣ ва бозории ҷорӣ) дар ҳисоби бухгалтерӣ дар намуди ҳисобкарди захира аз рӯи шарти ба мушобеҳ ба ҳисобгири коҳиши арзиши захираҳои моддию истеҳсолӣ инъикос мешавад. Захира бо назардошти коҳиши арзиши онҳо ба ҳар намуди чорво ва Гуруҳи ҷинсию солӣ, ки дар ҳисоби бухгалтерӣ пазируфта шудааст, омода сохта мешавад. Ҳисобу китоби арзиши бозории ҷории чорвои парвариш ва бӯрдоқишавандаро ташкилот дар асоси иттилооте ба амал мебарорад, ки то санаи имзои ҳисоботи бухгалтерӣ дастрас аст.

3.5.15. Ташкилот бояд тасдиқи ҳисобу китоби арзиши бозории ҷории чорвои парварш ва бӯрдоқишавандаро таъмин кунад.